**Сулаймон Анварӣ**
**Хайруллоҳ Табаров**

# ҲОҶӢ ҲУСАЙН
# ВА АРЗИШИ СУХАН

Душанбе
«Адиб»
2013

ББК 84 Тоҷик 7-4
С-35

Муҳаррир *Мирзо Кенҷа*

С-35 **Сулаймон Анварӣ, Хайруллоҳ Табаров.**
**Ҳоҷӣ Ҳусайн ва арзиши сухан**.
– Душанбе, «Адиб», 2013, 128 саҳ.

Дар рисолаи илмию тадқиқотӣ пиромуни ҳунари адабӣ ва шеваи вожасозии намояндаи маъруфи адабиёти тоҷик дар охири асри XIX ва ибтидои садаи XX Ҳоҷӣ Ҳусайни Хатлонӣ сухан меравад.

ISBN 978-99947-2-302-7

Нашриёти «Адиб», 2013

# ЗИНДАГИНОМАИ МУХТАСАРИ ШОИР

Китобе, ки ба дасти хонанда хоҳад расид, дар заминаи осори яке аз чеҳраҳои маъруфи илму адаби нимаи дуюми асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ тоҷик Ҳоҷӣ Муҳаммадҳусайни Хатлонӣ фароҳам омадааст. Бояд ба арз бирасонем, ки муаррифии эшон дар илми адабиётшиносӣ бори нахуст аз ҷониби мутафаккири бузург ва тазкиранависи сутург Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Муҳтарами Бухороӣ сурат гирифтааст. Мавсуф, аз ҷумла дар «Тазкират-уш-шуаро»-и хеш, дар мавриди шахсият ва ҳунари эҷодии Ҳоҷӣ Ҳусайн, ки дар миёни мардуми навоҳии ҷануби Тоҷикистон бо нисбаи Кангуртӣ шуҳрат дорад, чунин овардааст: «Ҳоҷӣ тахаллуси сухансанҷу волофитрат, нуктарасу нозуктабиат, дарёмиру сонеъзамир, саҳронаварду сонеътироз, қаламзану бадеъпардоз, нигорандаи мабонӣ (мазмунҳо), нигористони маонӣ Мулло Муҳаммадҳусайни Хатлонӣ. Таҳсили улум ба назди асотизи (яъне устодони) дорулфохира (пойтахт, манзур Бухорост) карда пайки тараддуд ба ҳар кӯча даррасида, абвоб (ҷамъи боб, яъне дарҳо)-и футӯҳро дар ҳарб ба рӯйи худ кушода, аз ҳар тумане дона рабуда. Пас аз он ба ватан, ба улуфи (ба ҷойи дӯстдоштаи) худ тарҳи иқомат андохта. Дар он ҷо байни акобиру асоғир (кабиру сағир, яъне калону хурд) эътибори тамом ёфта, ашъори худро ба таркиби девон кашида, дар матбааи Тошканд ба зевари табъ расида...»(5,5).

Муҳаққиқони арҷманд Саидумар Султонов, шодравон Асомуддин Насриддинов, Амирбек Ҳабибов, Асадуллоҳ Сӯфизода, Қ. Чиллазоди Теҳрайӣ, Амирхӯҷа Абдураҳимӣ ва Абдураҳмон Маҳмадов зимни пажӯҳишҳои хеш пиромуни аҳвол ва ашъори устод Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртии Хатлонӣ андешаҳои ҷолиб иброз намудаанд. Чун ба он тадқиқот ҳама дастрасӣ надоранд, лозим донистем, ки иҷмолан зиндагиномаи шоир, олим ва хаттоти бузургро баён бикунем.

Ҳоҷӣ Ҳусайн соли 1868 дар деҳаи собиқ Найистони Кангурти вилояти Хатлон ба дунё омадааст. Аслан, гузаштагони ӯ аз деҳаи Даштиканаки Сарихосор буда, баъдан ба Кангурт омада ва ҳаёт гузарондаанд.

Падари Муҳаммадҳусайн барои идомаи таҳсили ӯ дар Бухоро мусоидат кардааст ва таҳсилро дар мадрасаҳои Турсунҷон ва Рашиди Бухоро давом додааст. Аз ҳолномааш бармеояд, ки касби илм монеи фаъолияти сухансароияш нашудааст. Ҷуз дастёбӣ ба улуми маъмули замон ва ҳунари шоирӣ аз асрори санъатҳои лаввоҳӣ (лавҳанигорӣ), тарроҳӣ, саҳҳофӣ, наққошӣ ва санъати муҳрканӣ ҳам бархурдор гардидааст.

Аз хушнависони машҳури Бухоро, ба монанди Мирзо Мирохӯр, мулаққаб ба Бегӣ ва дигар хаттотон шеваи хатнависиро ёд гирифта ва дар навиштани навъҳои гуногуни хат, амсоли насх, настаълиқ, сулс, куфӣ, райҳонӣ, руқум, нохунӣ, ёқутӣ, ёқутии зулфомез, хатти ғубор ва ғайра муваффақ шудааст ва дар байни шарикдарсон ва мударрисоне, назири Ҳоҷӣ Рафеъ (мударриси бедилхон), Садри Зиё, Қорӣ Аҳмадҷони Мӯнис, Ҳомидхоҷаи Ҳомид, Мулло Бурҳони Муштоқӣ (мударриси бедилхон), Маҳдихони Забиёнӣ, Мирзо Абдуллоҳи Савдо, Мирзо Қамари Бухоройӣ, Мирзо Абдулфаттоҳи Забиёнӣ (хаттотон), ки аз ҷумлаи дӯстонаш низ ба шумор мерафтанд, соҳиби обрӯву эътибор будааст.

Муҳаммадҳусайн пас аз хатми мадраса бо мақсади зиёрати Каъба роҳи Арабистонро пеш гирифтааст.

Аз манбаъҳо бармеояд, ки дар ҳамин сафар ба кишвари Фаранг (Фаронса) низ рафта будааст, ки байти зер мушкилиҳои мусофирати ӯро бозгӯ менамояд:

Ҳамчу ангушти шаҳодат ба кафи аҳли Фаранг
Ҳоҷӣ беқадр шуд аз кинаи танҳо ин ҷо (5,7).

Пас аз ҳиҷрат ба диёри худ баргаштааст. Ба ин муносибат гуфтааст: «Бандаро орзуи зиёрати волидайн ва истифои ризқи парешон ва қазияи **ҳуббул ватани минал имон** (дӯст доштани ватан аз гӯшаи имон аст) инон аз қабзаи ихтиёр рабуда, ба он қасаба маътуф медорад... в-арна видои дӯстон ва ҳаҷри муҳиббон ранг аз рӯйи муҳаббат метарошад ва нохуни ифтироқ синаву ҷигар мехарошад».

Пас аз тавофи хонаи Худо ба хидмати падару модар мерасад ва, ҳамзамон, дар яке аз мадрасаҳои Кангурт мударрис мешавад ва аз илми фиқҳ ва сарфу наҳви арабӣ дарс медиҳад. Зимни тадрис ба китобат низ шуғл варзидааст. Аз ҷумла, Девони Ҳофиз, Девони Бедил ва Куллиёти хешро рӯнавис кардааст. Байти поён далели ин амали эшон аст:

Ҳоҷӣ, чу қалам чанд ба ҳарфи дигарон умр
Кӯтаҳ кунӣ аз машқи сияҳ кардани коғаз?

Вазъи рӯзгор ва мавқеи шахсии Ҳоҷӣ Ҳусайнро дар ҷомеа ин қитъашеър бозгӯ менамояд:

Надорам аз ҷаноби шоҳ мансаб,
Зи қанди илтифоташ не шакарлаб.
На инъоми омаш баҳрабардор,
На аз хони қабулаш заллабардор.
На андар маҷлиси ӯ бор дорам
В-агар борам диҳанд, инкор дорам,
Ки ҳастам нотавону дилшикаста,
Ба давлатхонаи ғурбат нишаста...(5, 8).

Тибқи баъзе маълумот Ҳоҷӣ Ҳусайн соли 1917 ин ҷаҳонро падруд гуфтааст. Дар муддати кӯтоҳи зиндагӣ осори фаровоне ба ёдгор гузоштааст, ки аз ин қароранд: 254 ғазал, 19 мухаммас, як мусаддаси 28-бандӣ, 4 марсия, 97 рубоӣ, 13 таърихи манзум, 9 мактуби мансур, 1 мактуби манзум, манзумаҳои «Василат-ун-наҷот», «Дабистони ибрат», «Таърихи ҷуда», рисолаи таърихии «Мунтахаб-ул-ахбор фи табақот-ус-салотин» ва маснавии «Комде ва Мадан». Осори нопурраи ӯ дар Куллиёт, ки соли 1913 дар шаҳри Тошканд чоп шудааст, гирд омада ва ҷамъан аз 13100 мисраъ иборат мебошад. Ҷуз инҳо, ба қалами шоир рисолае таҳти унвони «Хутути ашколи исломия» тааллуқ дорад, ки ҳовии анвои хат аст.

Пажӯҳишгарон бар ин назаранд, ки бархе аз навиштаҳои мутафаккир (чунончи, 10 ғазал, 5 мухаммас ва 3 мусаддас)

дар Куллиёт дарҷ наёфтаанд, яъне эҷодиёти эшон ба таҳқиқи жарфи илмӣ ниёз хоҳад дошт...

Осори Ҳоҷӣ Ҳусайн пурмуҳтавост. Дар он басе аз масоил бозтоби худро ёфтааст, ки зикри онҳо аз доираи навиштаи мо берун хоҳад буд. Ин мавқеъ пиромуни диди фарохи шоир ба сухан ва мақоми он дар зиндагӣ ва ҳунари вожашиносиву вожасозии эшон суҳбат хоҳем орост. Умедворем, ки мавриди қабули табъи хонандагони гиромӣ воқеъ бишавад.

## ФАСЛЕ ТААММУЛ БАР СУХАНИ ҲОҶӢ ҲУСАЙН

«… Ҳар як зиёӣ ба мисли аҷдоди тамаддунсози хеш бояд талош варзад, ки забон ва фарҳанги миллиро ҳифз карда густариш диҳад, онро ба ҷаҳониён ба таври арзанда муаррифӣ намояд ва ҳамчун сарвати бебаҳои миллӣ барои наслҳои оянда бегазанд ба мерос гузорад» (1).

Заҳмати аҳли адабу илм дар заминаи нигоҳ доштани пайванди замонҳо, ки ба василаи сухан сурат мегирад, ба назари мо, аз дигар гурӯҳҳои ҷомеа бештар аст, зеро онҳоанд, ки тавассути осори хеш мояи фарҳангии моро бозтоб медиҳанд ва ин саҳми эшон омили мондагории таърихи башар хоҳад шуд. Ва ин нақши бузурги забон ва сухан мабнӣ бар вожаҳост, ки дар мавриди арзиши онҳо донишманди эронӣ Мирҷалолуддини Казозӣ барҳақ гуфтааст: «Ҳар вожае риштаи пайвандест, ки моро ба гузаштаҳои забон ва аз он ҷо ба жарфоҳои торих ва фарҳангамон мепайвандад, ҳар вожае аз забон нишонаест роҳнамо, ки пажӯҳишҳои печопеч ва моз дар мози(пурхами) фарҳангӣ моро роҳ менамояд ва ба пеш мебарад, ончунонки аёхтаҳо(бофтаҳо) пайкараи зистиро месозанд, вожагон низ забонро падид меоваранд, ки худ аз диде ҳамчунон пайкарае зистӣ метавонад буд. Вожагон чунони ҳар падидае зистӣ мезоянд, меболанд, мемиранд» (2, 44).

Бо дарназардошти ин аҳамияти забону сухан дар иҷтимоъ Бадруддин Ҳилолӣ барҳақ фармудааст:

...Ки гар бар сафҳаи олам набудӣ,
Нишон аз оламу одам набудӣ...
Кӣ ҳоли рафтаву оянда гуфтӣ?
Кӣ чандин маънии поянда гуфтӣ?...
Ба як дам оламеро зинда созем
В-аз он пас то абад поянда созем.
Касе худ бесухан чун зинда монад?
Дар иқлими бақо поянда монад? (3, 94).

Бо вуҷуди ин, мутафаккирон хидмати дар ин масир анҷомдодаи худро, ки басе арзишманд аст, ҳеҷ шумоswitch-анд, то, ба қавли Ҳаким Фирдавсӣ, бар пасиниён миннат накарда бошанд. Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртии Хатлонӣ низ як тан аз зумраи он қаламкашоне будааст, ки бо рӯйи сафҳа овардани осоре манзуму мансур, ки ҳамагӣ дар Куллиёт (соли 1912 дар Тошканд ба табъ расида) гирд омадаанд, амсоли «Девони ашъор», манзумаҳои «Василат-ун-наҷот», «Дабистони ибрат», «Таърихи ҷуда», маснавии «Комде ва Мадан», «Мунтахаб-ул-ахбор фӣ табақоти салотин», рисолаи «Хутути ашколи исломия» (фарогири анвои хатти арабӣ), даҳ мактуб (4, 413), ки қисмати назми он тақрибан 13100 мисраъ(5, 11)-ро дар бар мегирад, бо камоли ҳилму фурӯтанӣ навиштааст, ки:

Коре зи ту, Ҳоҷӣ, дар замона
Н-омад, ки ба ёдгор монад (5,153).

Аз муҳтавои ин байт чунин бармеояд, ки шоир аз таълифоти худ ноқонеъ зиндагиро падруд гуфта, аммо дар ин фурсати танг ҳам мероси гаронбаҳое боқӣ гузоштааст, ки мояи ифтихори мост. Ва ин чакидаҳои хомаи шоир далоили зиёдеро, аз ҷумла доир ба забон, дар зимн дорад, ки дар асоси онҳо пиромуни муҳаббати ӯ ба лафзи модарӣ, ҳарчанд ки ин мафҳум дар он айём чандон маъмул набуд, ҳунари гузиниши дурдонаҳо аз ин ганҷина, суханофаринӣ ва заҳмати ба харҷ додааш ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар амри такомули забон хеле саҳим будааст. Ва бар акси мазмуни он байте, ки

зикр ёфт, дар ин росто коре аз дасташон омада, ки дархӯри ситоишу таҳсин хоҳад буд. Инак, дар атрофи баъзе ҷиҳатҳои забони ашъори Ҳоҷӣ Ҳусайн изҳори назар хоҳем кард.

1. Суннати корбурди вожаҳои бунёдиро, назири ***моя, жарф, вом, газанд*** ва ғайра, ки дар шеъри саромадони сухани порсии дарӣ, чун Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, омадаанд, бар рағми рӯҳияи бархе аз ҳампешаҳои худ, ки нисбат ба ганҷинаи вожагони то аҳди ислом таассуб меварзиданд ва дар истифода муодилҳои иқтибосии (**моя** – асос, сабаб, сарват – арабӣ; **жарф** – умқ, чуқур(ӣ) – арабӣ ва туркӣ; **вом** – қарз, дайн – арабӣ; **газанд** – зарар, зиён – арабӣ) онҳоро бартар мешумурданд, идома додааст. Чунончи:

Сар дар хатти бандаги-т будан
Шуд **моя**и ифтихор бар мо (5,24).

Пайи рангинии ин номаи **жарф**
Давоти сина шуд лабрези шанҷарф (5,328).

Мушки Хито зи накҳати зулфат ба **вом** рафт,
Дар кисаи сабо шуду додаш савоб рух (5,67).

Аз ҳум-ҳуми рафтагонам хоби роҳат шуд ҳаром,
Бар сари раҳ хуфтаро овози по дорад **газанд** (5,77).

2. Бо риояти қоидаи вожасозии суннатӣ калимаҳоеро эҷод намудааст, ки таркибан мураккабанд ва дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» корбурд надоранд. Зикри «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ба ин хотир аст, ки дар радифи дигар манобеъ таҳиягарон аз Куллиёти Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ(6, 21) низ истифода кардаанд ва шояд ба далели тангии вақт буда бошад, ки аз ғановати маводи луғавии забони ӯ мақулаҳои луғавии камро (7, 105) баргузидаанд. Тафсири муфассали ин матлаб дар фасли «Сухани Ҳоҷӣ Ҳусайн ва «Фарҳанги забони тоҷикӣ» хоҳад омад. Ин мавқеъ иҷмолан 6 воҳиди луғавиро интихоб кардем, ки аз ду ҷузъ (исм + исм = сифат

ва исм + феъл = исм ) созмон ёфтаанд ва далели истеъдоди адиб дар калимасозии навъи мураккаб (ба баррасии ин қазия пасон руҷӯъ хоҳем кард) мебошанд ва, ба қавли мунаққиди шинохта Матлубаи Мирзоюнус, «Дар истифодаи калимаҳои мураккаб ҳунари шоирӣ хеле рӯшан аён мешавад» (8, 144).

Инак, чанд мисол:

**саҳлкор**

Шоҳо, туӣ мири ҳар ду олам,
Бояд ки расӣ ба арзи ҳолам,
Бар даргаҳи ту ҳамеша нолам,
Шояд ки диҳӣ ба худ висолам,
Ин соили **саҳлкор** мепурс(5,223).

**навбатгир**

Ҳар ғусса, ки аз чархи ситамкор расад,
Аввал ба мани хастаи афгор расад,
Гарчи ҳама з-ин шароб **навбатгир**анд,
Чун навбати мо шавад, ба такрор расад (5,248).

**нуктафармо**
**ғалатгир**

Аз ин душвортар набвад, ки бо ҳарфи хирадманде
Шавад аблаҳнавое **нуктафармо**ву **ғалатгир**аш (5,135).

**раҳгир**

Хиҷолат нест бар девона **раҳгир**,
Надорад ҳукм бар ӯ банду занҷир (5,277).

**арзахонӣ**

Ҳоҷӣ, паёми аҷзам то рутбае биёбад,
Бо оҳу нола рафтам ҳангоми **арзахонӣ** (5,209).

Аз миёни ин вожаҳо **раҳгир** ва **арзахонӣ** бо забони гуфторӣ наздик будани сухани Ҳоҷиро мефаҳмонанд. Бо ин шаклу маънӣ ин калимаҳо имрӯз ҳам дар забони мардум

мустаъмаланд, аз ҷумла **раҳгир** дар гӯйиш ба ин мавқеъ : раҳгиръш кън[1], яъне пеши роҳашро бигир...

3. Бо эҷоди иборoти ***марди адабвар***, ***дидаи ибратгар***, ***дастгоҳи ҳиммат***, ***арзагоҳи нома***, ***сари қаҳр***, ***нософии дил***, ***умри дарози носазовор*** ва ҳоказо ганҷинаи забони моро ғанӣ гардонидааст ва, чунонки мегӯянд, ҷойи ин мақулаҳои луғавӣ дар китобҳои луғат холист:

Ки дар назди шаҳони додгустар
Наёбад бор ҷуз **марди адабвар** (5,279).

Мункир куҷост, **дидаи ибратгар** аст боз,
То бингарад, ки соати ҳашр ошкор шуд (5,69).

Рутбаи ҳар кас ба қадри **дастгоҳи ҳиммат** аст,
Ҳоҷиро манзил ҳарам бошад, ба кунҷи ғор ғар (5,117).

Дар **арзагоҳи нома**ам, қосид, ба ҳуш бош,
К-ӯро ҷавоби талхтар з-афюн навиштанаш (5,138).

Ба андак ҷурм рафтӣ бар **сари қаҳр**,
Шароби илтифотат рехт дар заҳр? (5,307).

**Нософии дил**ро набувад ҳеҷ илоҷе,
Аз санги сияҳ тирагӣ натвон зудудан (5,186).

Умре натавон дар ӯ накӯкорӣ кард,
З-он **умри дарози носазовор** чӣ суд!? (5,248).

4. Ҳоҷӣ Ҳусайн дар суханофаринӣ маҳорат дорад. Барои рангинии сухан ва пуртасвирии он аз санъатҳои бадеӣ кор гирифтааст. Дар шеъри ӯ аз воситаҳои тасвирсоз маҷоз мавқеи вижа дорад. Таркибҳои маҷозиро фаровон ба кор бурдааст. Истеъмоли ин навъи таркибҳо аз наздикии забони

[1] Эзоҳ: забоншиносон барои ифодаи овозҳои мусаввати (садонокҳои кӯтоҳ) **а,и, у** дар лаҳҷа ҳарфи **ъ**-ро (аломати сакта, саҳеҳтараш айн, масалан, **дъст//даст)** муносиб донистаанд, ки, ба назари мо, саҳеҳ нест. Ҷиҳати баёни ин овозҳо **ы**-и русӣ мувофиқтар мебуд, яъне **дыст**.

ӯ бо лафзи мардум дарак медиҳад. Олими маъруф Асадуллоҳ Сӯфизода ба иртиботи ин сухан мегӯяд: «...сабки тасвир ва забони гуфтори ӯ форам ва ҳунармандона мебошад. Дар забону сабки баёни шоир ҳавои назми шифоҳӣ ва таровати ашъори бузургони Аҷам ҳувайдост. Иборaву ифодаҳои равону дилфиребӣ мардумӣ ва ҳусну малоҳати ҷомиёнаро дар ғазали поён бармало мушоҳида менамоем:

Эй дӯст, биё, дар қадамат зор бигирям,
Ту ханда куну гӯ, ки чӣ миқдор бигирям?!» (9, 63).

Ин маънӣ аз ин ҷиҳат мавриди таъйид қарор гирифт, ки Ҳоҷӣ Ҳусайн ҳам монанди дигар адибони замони худ (Шамсуддин Шоҳин, Абдулмаҷиди Зуфунун, Яҳёхоҷа, Саидхоҷаи Гулшанӣ, Абдукарими Офарин, Возеҳ, Дилкаш, Исо Махдум, Музтариб, Мирзоҳайити Саҳбо, Симо, Мирзо Азими Сомӣ, Ҳайрат) ба таъсири сабки бозгашт ё бедилӣ бо «услуби баланд» бояд шеър мегуфт, то ҳунари ӯ ҷавобгӯйи замон мебаромад, зеро, он гуна, ки устод Носирҷон Маъсумӣ зимни таҳқиқи забон ва услуби Аҳмади Дониш иброз доштааст, «Тақлиди зоҳирӣ ба услуби Бедил, илова ба таъсири пурқуввати нормаҳои анъанавии забони китобӣ ва хусусиятҳои услубии он дар асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ ба дараҷае авҷ гирифта буд, ки, ба ибораи устод Айнӣ, «ҳар касе, ки ба дасташ қалам мегирифт, чизе дар пайравии Бедил навиштанро вазифаи худ мешумурд»(10,40).

Аз ҷониби дигар, мушоҳида кардани чунин далелҳо, ки дар поён оварда хоҳанд шуд, «Нисбат ба ҳамон шароити муайяни таърихӣ роҳу тариқи дар соҳаи забон ва услуби адабӣ пешгирифтаи адибон ҳамчун як аломати тамоюли демократии онҳо ба назар мерасад»(10, 73).

Дар Куллиёти шоир ***сухан ба таҳи гӯш кардан, дида чор кардан, аз худ бурдан, дар сухан даромадан, гуфтор рехтан, хоб шикастан, осонӣ дидан, рафтани ҷавонӣ*** *чун муродифи таркибҳои аслии* ***суханро нашунидан ё ба сухан эътибор надодан, интизор будан, диққат ҷалб кардан, сухан гуфтан, зиёд сухан гуфтан, аз хоб нофор кардан ё***

***хобро вайрон кардан, меҳрубонӣ, лутф ё муносибати хуб накардан, умр гузаштан ё пир шудан*** ба кор рафтаанд, ки мӯҷиби тақвият ёфтани шеваи тасвир ва муассирии тарзи баёни шоир шудаанд. Чунончи:

Сухани сарди рақибон ба **таҳи гӯш кунӣ**,
Ҳарфи моро биниҳӣ туҳмати афсона чаро? (5,17).

Ҳоҷӣ барои дидани рӯят ба чорраҳ
Умре нишасту **дидаи худ чор кард**у рафт (5,49).

**Бурд** бозам **аз худ**у якбораам девона кард,
Чаҳ-чаҳи гулзори булбул, қаҳ-қаи кӯҳсори кабк (5,153).

Ба Худо, ки шармам ояд, чу туро хитоб созам,
Ки забон ба ҳарф лағжад, чу ту **дар сухан дарой** (5,208).

Тапишомода килки гирякирдор
Забон дар хун кашиду **рехт гуфтор** (5,288).

Ошӯби зи ҷой ҷастани ту
Бар айнаки фитна **хоб бишкаст** (5,47).

Ман аз ту ҳеҷ осонӣ надидам,
Ту ҳар чӣ буд, **осон бурдӣ** аз ман (5,187).

Биё, мутриб, бизан сози хамӯшӣ,
**Ҷавонӣ рафт**, бас, беҷохурӯшӣ (5,332).

Бо баёни ин чанд сухани мухтасар саъй кардем, то ният ва ихлоси худро дар заминаи омӯзиши хирмани пурбаракати андешаву сухани Ҳоҷӣ Ҳусайн бозгӯ намоем, то ҳарфи мо ҷавобгӯйи орзуи ин шоири ба ормонҳои худ нарасида буда бошад:

Агар ба хоки Ҳоҷӣ бигзарӣ, фасле тааммул кун,
Ки бе файзе набошад тӯдаи хоки мазори ӯ (5,191).

## АРЗИШИ СУХАН АЗ НИГОҲИ ҲОҶӢ ҲУСАЙН

Ишқи пок ва муҳаббати беандоза ба маъшуқ ва ихлосу эътиқод ба каломи раббонӣ авомиле будаанд, ки Ҳоҷӣ Ҳусайн чун соири орифони маънӣ ба ин нукта:

Фасоҳат муъҷизи пайғамбарон аст,
Пас он гаҳ дар лисони шоирон аст.
Ба меъроҷи сухан пас аз паямбар
Набошад ҳамчу шоир шахси дигар.[1]

эътимод ҳосил намояд ва бо эҳсоси бузургиву арҷмандии ин рисолат вориди корхонаи сухан бигардад ва бо тасаллут ба дастгоҳи он «ба меъроҷи сухан» роҳ бигирад ва бо риёзат мартабат биҷӯяд ва тавфиқ биёбад:

Рутбати ӯ чунки суханпарварист,
Бар ҳама ағёр варо бартарист (419).

Ин ҷустуҷӯву пажӯҳишҳо, мисли ин ки шоирро қонеъ намесохта бошанд, боз аз рӯҳи ашхоси фасеҳгуфтори таърих имдод металабад ва, ҳамзамон, номи симои дурахшони арсаи балеғбаёнӣ Саҳбони Воилро, ки Шайх Саъдии Шерозӣ низ ба манзилати эшон қойилан дар «Гулистон» ҳикояте ба ин мазмун оварда: «Саҳбони Воилро дар фасоҳат беназир ниҳодаанд, ба ҳукми он ки бар сари ҷамъ соле сухан гуфтӣ ва лафзе мукаррар накардӣ ва агар ҳамон иттифоқ афтодӣ, ба иборате дигар бигуфтӣ ва аз ҷумлаи одоби нудамо яке ин аст:

Сухан гарчи дилбанду ширин бувад,
Сазовори тасдиқу таҳсин бувад.
Чу як бор гуфтӣ, магӯ бозпас,
Ки ҳалво чу як бор хӯрданд, бас» (12, 161).

---

[1] Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ. Куллиёт. Виростор ва сомондиҳандаи матн Қ. Чиллазоди Теҳрайӣ, Амирхӯҷа Абдураҳимӣ. Душанбе, «Ирфон», 1983, с. 3. Тавзеҳ: зимни абёт ба саҳифаи Куллиёт ишорат мешавад.

пеши назар ҷилвагар мебинад ва ҳунари суханофариниро содаву саҳл намепиндорад ва «риояти мавориди қалам»-ро, ба таъбири мардумӣ, кори ҳар кас намедонад ва аз муддаии ҷодаи қаламкашӣ андешаву донишу заковатро хостор мешавад. Бад-ин манзур абёти зеринро, ки аҳамияти дастурӣ доранд, ба ихтиёри килки суханпардози хеш месупорад:

Талаб фармуд донои дабире,
Фасоҳатро чу Саҳбон беназире,
Ки ҳарф аз ҳар лабе некӯ наёяд,
Чу хома аз забони мӯ наёяд (473).

Сухангӯ гар бувад аҳли дироят,
Мавориди қалам созад риоят (475).

Ҳоҷӣ Ҳусайн, агарчи ба «муъҷизаи пайғамбарон» будани баёни фасеҳ мутмаин аст, боз ҳам, аз аҳли сухан ба масъала, бо таъбири имрӯз, муносибати эҷодиро тақозо дорад, аммо ин дархости ӯ дастуроҳанг нест, аз дидгоҳи ӯ ин амрест воқеӣ ва ҳар яки соҳибқаламон боястӣ, ки дар ин росто бо чунин назар буда бошанд. Ва мефармояд:

Вале ҳар ҷо яке **маънишиносе**
Диҳад ӯро ба табъи худ либосе.
Ба бор ояд ҷамоли он паривор,
Ба чашми муштарӣ орад ба бозор (423).

Яъне ороиши калом, хосатан каломи мавзун, аз маънишинос (ин вожа дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» мастур нест) заҳмати зиёд мехоҳад, то ҷавобгӯйи завқу салиқаи муштариёни бозори мафоҳиму маонӣ воқеъ бишавад.

Бояд хотирнишон намоем, ки абъоди фасоҳати баён чи қадар ки густарда бошад, ба ҳамон андоза сухан муассир мегардад. Ин маънӣ дар назми Ҳоҷӣ Ҳусайн бо кор гирифтан аз санъати талмеҳ (теғи Ҳайдар) расотар таъкид ёфтааст:

Сухан таъсир дорад аз суханвар,

Набарди теғ ҷуз бар дасти Ҳайдар.
Миёни мардумон фарқест равшан:
Зи нутқу нома, не аз ришу гардан (421).

Ҳоҷӣ Ҳусайн ҷиҳати таъсирбахшӣ забонро бо ҷавшани тадбир пӯшондааст, то маромро шевотару равонтар тасвир карда бошад:

Забон гар ҷавшани тадбир пӯшад,
Зи оғӯши ниём шамшер пӯшад (475).

Шуаро дар гузашта аз шабоҳати забон ба теғу дашнаву шамшер зиёд ҳарф задаанд, аммо далели Ҳоҷӣ Ҳусайн дар ин замина мушаххастар аст, яъне нирӯву тавонмандии шахси суханварро ба ҷаҳонгирии Искандар бо зарби шамшер монанд кардааст:

Ба шамшери забон марди суханвар
Кунад олам мусаххар чун Сикандар (420).

Дар ашъори Ҳоҷӣ Ҳусайн сухан аз нигоҳи ҷойгоҳ, яъне мақоми худ дар зиндагӣ, ба ҳамон суннати ба истилоҳ классик муаррифӣ шудааст ва агар бихоҳем, ин масъаларо ба зермавзӯъҳо гурӯҳбандӣ намоем, ба қарори зайл натиҷа хоҳем гирифт: дар нигаҳдошти забон, дар суди ширинсуханиву нармгӯйӣ, сухан санҷида ва баҷо гуфтан, дар фоидаи гӯш кардани сухан ва аҳамияти хомӯшӣ, мазаммати пургӯйиву беҳудагӯйӣ, аммо гуфтаҳояш тақлидӣ нестанд, балки ӯ ба тасвир назари муҳаққиқона ва маънишиносона дорад. Чунончи:

Ҷуз хамӯшӣ набувад сурфаи осудадилӣ,
Сози тамкин ҳама аз ҳифзи забон дорад кӯҳ (292).

**Сурфаи осудадилӣ, сози тамкин** аз ибороти ёфтаи шоиранд. Дар ин байт миёни таркибҳои **сози тамкин доштани кӯҳ** ва **ҳифзи забон** чӣ таносуби зебое мушоҳида мешавад!

Ва ҳар қитъашеъри Ҳоҷӣ Ҳусайн аз чунин вижагӣ бархурдор аст. Ба муҳтавои ду мисраи дигар зеҳн мемонем:

Лутфи ҳар шай шевае дархӯрди истеъдоди ӯст,
Аз лабон зебад такаллум, аз сари минқор қар (165).

Вожаи **қар**, ки дар луғат наомада, ишорае ба овози зоғ аст, ки ба сурати такрор – **қар-қар** (-и зоғ) ба кор меравад. Шоир қар-қари зоғро, ки бас нохушоянд аст ва мардум онро чун фоли бад медонад ва гӯё бо хабари нохуш ҳамроҳ аст, ба сухани ноандешида, сахт, дурушт ва дағал ташбеҳ карда ва бо такаллуми ширину латиф муқобил гузоштааст. Рақиби талхком дар байти зерин киноя аз ҳарифи дар эҳсоси сухани росту хубу расо бемоя аст, ки мазмуни байти болоро тақвият мебахшад:

Кай шиносад лаззати қандат рақиби талхком?
Найшакарро тӯтиён донад, мазоқи хор хар (165).

Андарзҳои дар ситоиши сухан гуфтаи Ҳоҷӣ Ҳусайнро иборае, назири **ҳарфи безарар**, тозагӣ бахшидааст. Андешамандон дар гузашта ба маънои воқеӣ ва маҷозӣ ибораҳои **ҳарфи баланд**, **ҳарфи гулусӯз**, **ҳарфи масруқ**, **ҳарфи мағздор**, **ҳарфи паҳлудор**, **ҳарфи сангин**, **ҳарфи таҳдор**, **ҳарфи қолибӣ** ва **ҳарфи ҷавҳардор**ро дар осори хеш зикр кардаанд, аммо ибораи **ҳарфи безарар**ро дар Куллиёти Ҳоҷӣ Ҳусайн мебинем, ки ҷойи он дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» холист:

Гарат умеди халосии он ҷаҳон бошад,
Барои аҳли замон ҳарфи безарар бинвис (186).

Дар мавриди сухан санҷида гуфтан забони шоир дорои вижагиҳои тасвир аст. Қабл аз замони Ҳоҷӣ Ҳусайн ҳам ин ҷиҳати гуфторро шуаро дар мадди назар доштанд. Ба ин мазмун:

Сухан санҷида гӯ, то дӯстро душман нагардонӣ,

Зи ҳарфи бетааммул ошно бегона мегардад(13).

абёти зиёдеро метавон намуна овард, аммо дар назми Ҳоҷӣ Ҳусайн ин маънӣ ба обу ранги дигар ба қалам омада. Масалан, дар байтҳои поён аз саноеи қиёсу таносуби гуфтор барҷо истифода шудааст:

Биё, мутриб, бизан дар парда гулбом,
Зи ваҳшат хотирам то гирад ором,
Ки дилро хуш кунад мавзунии тор
Чу ҳарфи мардуми санҷидагуфтор (419).

Ва ё:

Касе мавзун набошад, нест инсон,
Сухан санҷидагӯйӣ нест осон (420).

Ҳоҷӣ Ҳусайн низ монанди соири аҳли завқу ҳунар толиби баёни нарму боандоза аст ва мегӯяд:

Нашояд панд гуфтан бо дуруштӣ,
Ки боди сахт бошад бими киштӣ.
Чу борон нарму боандоза бошад,
Гулистон дар баҳораш тоза бошад.
Басо коре, ки бо нармӣ тавон кард,
Куҷо бо зӯри чандин паҳлавон кард? (475).

Дар мазаммати пургӯйӣ ва талқини, ба таъбири Ҳаким Фирдавсӣ, суханниюшӣ, шеъри Ҳоҷӣ Ҳусайн (аз лиҳози мазмун ва тарзи баён) бо забони мардум бисёр наздик аст. Чунончи :

Донӣ, ки туро як даҳану гӯш ду аз чист?
Яъне ки дучандон шунаву гӯй ту якчанд (158).

Дил кунӣ гар зинда, аз шаҳди хамӯшӣ баҳра гир,
Ҳарза то кай, риш созӣ аз туфи гуфтор тар? (165).

Дар суди хамӯшӣ Ҳоҷӣ Ҳусайн эъҷозкорӣ низ дорад, ки

хонандаро ба сайри гулистони андешаву хаёли Калиму Соибу Бедилу Сайидо фаро мехонад:

Шевае дорад хамӯшӣ, ҳифзи чандин обрӯст,
Ғунчаро як лаб гушудан мебарад аз сар кулоҳ (286).

Бар хамӯшӣ зан, ки ҳарф ин ҷо дучори офат аст,
Мекушояд чанги шоҳин хандаи бисёри кабк (224).

Устод Ҳоҷӣ Ҳусайн дар эҷоди каломи бадеъ худро ҳақдору масъул муниста ва аз он мавқеи дар зиммаи хеш дошта «ба ҳукми маслаҳат дурдона суфта» ва бо ин васият:

Агар ба мағзи сухан хотири расо дорӣ,
Ҳар он чӣ Ҳоҷӣ гӯяд, ба оби зар бинвис (186).

ба матлаб ҳусни хотима бахшидааст. Ва хотири мо ба мағзи сухан агарчи ба ҳадди мехостаи ин марди фарҳехта расо нест, боз ҳам аз рӯйи алоқа ҷаҳд кардем, ки дурдонаҳои суфтаи эшонро дар лавҳи дил бо сафои меҳр ҷой бидиҳем.

## ФОТЕҲИ МАЪДАНИ НИҲОН

Ҳоҷӣ Ҳусайн, «вопасин орифи барҷастаи суханпиро, ки дар Варорӯд ба порсӣ сухан гуфтааст», аз зумраи андешамандону фарҳангиёни адабиёти форсии тоҷикии оғози садаи XX ба шумор меравад. Ӯ низ монанди соири аҳли адаб ҷиҳати дарку фаҳми воқеияти ҳунару шуғли эҷодӣ қабл аз «нишастан бар сарири хушбаёнӣ» ва «кушудан домани гавҳарфишонӣ» ба омӯзиши афкори рангини пешиниён рӯ оварда ва аз арвоҳу равони онҳо мададу ионат ҷустааст ва мояи дилпурии шоир аз сухан «сарсарӣ» нагуфтан ҳамоно огаҳӣ аз осори нобиғагону устодони каломи бадеъу мавзун аст. Ва дар як пора матни манзумаи «Комдеву Мадан» аз вазъи босуруру пурфараҳи ин «сухансанҷи волофитрату нуктараси нозуктабиат, ...қаламзани бадеъпардоз, нигорандаи мабониву нигористони маонӣ»(14) сухан дар миён аст,

ки онро аз назар хоҳем гузаронд:

Риёзи ин гулистон гашт хуррам,
Саҳоби хомаам чун рехт шабнам.
Асархези каломамро зи оғӯш,
Ки мерезад лабу дил мезанад ҷӯш.
Сухан дорам, валекин сарсарӣ нест,
Майи завқи хумор, аммо парӣ нест (422).

Файзи сухан ва сарсарӣ нагуфтани мутафаккир нишонаи вусъати андешаву диди ӯст, ки маншааш, аз як сӯ, фазлу инояту бахшоиши Худованд (Файзи сухан бахшиши субҳонӣ аст, Табъи накӯ рутбаи инсонӣ аст, 419) буда бошад, аз сӯйи дигар, натиҷаи пажӯҳишу таҳқиқи бардавом аст ва чун ба муҳтавои Куллиёт ворид мешавӣ, он гоҳ дармеёбӣ, ки Ҳоҷӣ аз ин ковишҳо қонеъ аст ва бо қаноатмандӣ ва тафохури шоирона мегӯяд:

Арши суханро бидиҳам бартарӣ,
Фарши хирадро бикунам зеварӣ (423).

Кушоӣ дар омӯхтану андӯхтани донишу таҷриба ва тадқиқу баррасии муаммову мушкилоти рӯзгор ва чун шамъ аз худгузариҳо бар табъи соф (…софтабъе аз шумори Бедилам, 253), тозагии хиёл, соҳибхирадиву ботадбирии ӯ афзудааст ва, барҳақ, хешро чун дигар шуаро, ки аз аҳли маънӣ ҳастанд, фотеҳи маъдани ниҳон (Аҳли маънӣ, ки шоирон ҳастанд, Фотеҳи маъдани ниҳон ҳастанд, 368) муаррифӣ менамояд ва ба мағзи сухан даррасиданро аз хосияти таҳқиқ медонад, на аз тақлиди вазъи якдигар ва мефармояд:

Халоиқ бар абас тақлиди вазъи якдигар доранд,
Нагардад саг ҳумо аз устухонисахтхоиҳо (26).

Хосияти таҳқиқ зи тақлид наёяд,
Аз фалс нашояд, ки кунӣ кори дирамро (21).

Ва ё:

Димоғам ҳар гулеро менабӯяд,
Намеҷунбад забон, то дил нагӯяд (422 ).

гуфтани эшон гувоҳи ҳисси маъношиносист, ки метавонад мазмунро «ба табъи худ либосе диҳад» (422 ).

Ҳоҷӣ Ҳусайн бо ҳамин рутбати суханпарварӣ ба соҳати каломи мавзуну муқаффо мусаллат шуда ва бар рағми «мурдатабъиҳои даврон» (5, 7) тӯтии табъаш шакархо ва булбули фикраш даморост ва бо жарфмоягиву хушоҳангии ба худ хос килки тасвиргарро ба даст гирифта ва дар заминаи вожагузиниву вожасозиву офариниши маъно аз истеъдодмандии хеш аҳли қаламро дарак додааст. Шоҳиди ин гуфта силсилакалима ва таркибҳои рӯйи авроқ овардаи ӯст. Дар миёни ганҷи мақолу ганҷинаи ғании вожагони ин адиби хушзавқу босалиқа, аз ҷумла, мафоҳими баёнгари сухан ҷойгоҳи вижа дорад, ки дар ин фурсат мехоҳем ба тафсири бархе аз онҳо бипардозем.

Ҳамон гуна ки зикр ёфт, Ҳоҷӣ Ҳусайн дар ашъори хеш бо вуҷуди мурооти суннати корбурди калимаҳои умдаи ин бахш, амсоли **забон, сухан** ва баробарҳои арабии онҳо, чун **калом, лафз, лисон, мақол, қавл, ҳадис**, **ҳарф** талош варзидааст, ки онҳоро бо таркибҳои гуногуну тозаи васфӣ биёрад. Барои мисол, дар сифати вожаҳои **забон, сухан, калом**, **ҳарф** калимаҳои зерро баргузидааст:

Ҷаҳонеро димоғи ҳарзагӯйӣ мунфаил дорад,
**Забони лоф** кӯтаҳ кун зи ҳар чӣ карда натвонӣ (315).

Раги сози адам андар наво шуд,
**Забони сурмалесӣ** пурсадо шуд (472).

**Забони алкану** ҳарфозмо чист?
Ғубори тираарзи тӯтиё чист? (495).

Ту на он бути накӯӣ, ки шавӣ ба тундхӯйӣ,
**Сухани дурушт** гӯйӣ, ки зи ту канор гирам (256).

**Каломи нарм**у мавзуни муқаффо

Кунад дил равшану хотир мусаффо (420).

Аз рамзи **каломи некӯвон** ибрат гир:
Куфри бакамол беҳ зи дини ноқис (356).

Ҳазар аз дахли беҷо дар **каломи хурдабинон** кун,
Мабодо хиҷлате аз табъи ноҳамвор дарёбӣ (309).

Насанҷида **каломи шафқатогин**
Нагардад ҷуз қарини таъну нафрин (420).

Ҳаё гар дарси омини адабкешӣ наёмӯзад,
Ба ғайр аз **ҳарфи бешармӣ** нахонад тифли ин мактаб(47).

Куҷо Ҳоҷӣ ба домони талаб дасти расо дорад,
Ки **ҳарфи номуроди**ро сабақ додаст устодаш (199).

Аз **ҳарфи сарди** носеҳон ишқам фузун шуд, бегумон,
Болад шарар беимтиҳон, гардад чу бо сарсар тараф(215).

Яқинам он, ки ту машҳури хушнависонӣ,
Вале ба номаи ман **ҳарфи хубтар** бинвис (186).

Аз ҳарзалабӣ, то накунӣ **ҳарфи ҷаҳолат**,
Бас заҳр чу афъӣ диҳӣ аз заҳр чашидан (277).

Калимаи **узрхоҳ** дар «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ вобаста ба феъл корбурд дорад:

Ҳама пеши Ковусшоҳ омаданд,
Ҷигархастаю **узрхоҳ** омаданд (15-2, 386) .

Аммо вожаи **узрхоҳ** дар назми Ҳоҷӣ Ҳусайн чун сифат ба кор омадааст:

Наргису савсан ба истиқболи нозат мерасанд
Бо нигоҳи шармгину бо **забони узрхоҳ** (286).

**Забон ба ҳарф лағзидан, забон дар хун кашидан, забон**

**тарҷумон кардан, риштаи гуфтори забон бигсастан, сарфи суханварӣ кардан, ҳарф сароидан** низ аз таркибҳои сохтаи шоир мебошанд, ки ба маънии маҷоз омадаанд:

Ба Худо, ки шармам ояд, чу туро хитоб созам,
Ки забон ба ҳарф лағзад, чу ту дар сухан дароӣ (301).

Тапишомода килки гирякирдор
Забон дар хун кашиду рехт гуфтор (454).

Забон дар рамзи мазмун тарҷумон кун,
Саводи маъниро равшан баён кун (388).

Забонро риштаи гуфтор бигсаст,
Нигаҳро айнаки дидор бишкаст (442).

Ҳоҷӣ, куҷост ҳамдаме, сарфи суханварӣ кунам,
Ганҷи мақол доштам, гӯши суханқарор ку? (281).

Аз ёру ошноён ҳусну малоҳате нест,
Ҳарфе, ки месароям, бар ёдгор бишнав (284).

Ба аҳли фаҳм равшан аст, ки донишварони пешин дар баёни арзиш, мақом ва нирӯи забону сухан аз чӣ вожаҳое, ки кор нагирифтаанд. Аз ҷумла, забонро ба **ханҷар, тир** (Фирдавсӣ), **алмос, дос** (Хусрави Деҳлавӣ), **камон** (Носири Хусрав), **теғ** (Ҳилолӣ), **шамшер** (Низомӣ), **тарозу, паҳлавон** (Фирдавсӣ), **аскар, дабир** (Носири Хусрав) ва ғайра монанд кардаву васф намудаанд. Аммо Ҳоҷӣ Ҳусайн дар ташбеҳи забон вожаи форсӣ-тоҷикии **дашна** (корди нӯгтез ва ё ханҷар) (15-2, 354)-ро кор фармудааст:

Забон чун дашнаи гуфтор гирад,
Ниём аз оби ханҷар бор гирад (420).

То ҷое ки хабар дорем, бузургони гузашта (аз ҷумла, Шайх Саъдӣ) забонро **калид** ҳам гуфтаанд, аммо Ҳоҷӣ Ҳусайн ба далели худдорӣ аз такрор калимаи арабии дар

форсии тоҷикӣ маъмули **мифтоҳ**ро истифода кардааст:

Забон мифтоҳи боби ганҷи малакут,
Мунаввар қалбшон з-анвори лоҳут (421).

Бо ҳамин андеша **сухан**ро ба **дур(р)** монанд намекунад, агар ҳам дар осори бузургон суханро бо ин чизи баландарзиш баробар донистаанд (Гар ӯ аз дурру марҷон ганҷ дорад, Маро дар ҷон сухан дурр асту марҷон – Носири Хусрав) (16, 367). Дар шеъри шоир дар ин маврид калимаи **ҳарф**, ки дар забони форсии тоҷикӣ ба мафҳуми забон роиҷ аст (Саъй кун, то аз ту монад ҳарфҳоям мағздор, Дертар пӯшида мегардад зи аъзо устухон – Шафеи Асар) (15-2, 735), ҷойгузини вожаи **сухан** мешавад, яъне дар мавқеи унсури ташбеҳшаванда қарор мегирад:

Ҳарфи ту дур(р) асту дур(р) набошад
Зебандаи гӯшвори аслах (358).

Вожаҳои форсии тоҷикии **забон, сухан** ва арабии **калом, лисон, нукта** (ба маънои сухан), **ҳарф** дар ташкили калимаҳои мураккаб (зимнан, оид ба шеваи вожасозии шоир дар фаслҳои оянд муфассалтар сухан хоҳем ронд) иштирок доранд ва ба ин васила унсурҳои луғавии фаровон ташаккул ёфтаанд, ки онҳо саҳми адибро дар ғанӣ гардондани захираи луғат нишон медиҳанд:

**лукнатзабон**
Эй мунъиме, ки нотиқ аз эҳсои неъматат
Лукнатзабон зи ҳайрату вомонда лоли ту (10).

**лукнатзабонӣ**
Ваю як сӯ зи алфози маонӣ,
Ману дар маърази луккнатзабонӣ (391).

**саризабонӣ**
Аз худ наравӣ ба илтифоташ,
К-онҳост ҳама саризабонӣ (331).

**суханқарор**

Ҳоҷӣ, куҷост ҳамдаме, сарфи суханварӣ кунам,
Ганҷи мақол доштам, гӯши суханқарор ку? (281).

**суханхон**

Ҳумои қудсиву мурғи суханхон,
Забонаш ғунчаи тақрири «Қуръон» (407).

**мавзункалом**

Ки эй, аз хоби ғафлат бош бедор,
Ту ҳам мавзункаломӣ, бош дар кор (422).

**хушкаломӣ**

Кушо бар ман риёзи хушкаломӣ,
Диҳам доди суханро чун Низомӣ (386).

(Гуфтан ҷоиз аст, ки вожаи **хушкалом**ро шоироне, чун Ҳофиз ва Шавкати Бухороӣ, дар шеъри худ овардаанд, вале Ҳоҷӣ Ҳусайн бо истифода аз пасванди калимасози **-ӣ** сифати **хушкалом**ро ба исм – **хушкаломӣ** табдил додааст)

**тарлисонӣ**

В-агар аз тарлисонӣ шӯхӣ ангехт,
Забони шамъро дар пой мерехт (433).

**нуктафармо**

Аз ин душвортар набвад, ки бо ҳарфи хирадманде
Шавад аблаҳнавое нуктафармову ғалатгираш (196).

**нуктахон**

Зи дасти котиби ғофил бияндоз,
Зи чашми нуктахонаш дуртар соз (386).

**ҳарфозмо**

Забони алкану ҳарфозмо чист?
Ғубори тираарзи тӯтиё чист? (495).

**ҳарфронӣ**

Вале дар дастгоҳи ҳарфронӣ,
Хато бо рост дорад ҳаминонӣ (497).

Ҳоҷӣ Ҳусайн дар маъниофаринӣ аз изофаҳои истиорӣ ҷиҳати муассирии мушаббаҳ кор гирифтааст. Таркибҳои изофиро, ки бар асоси ташбеҳоти иғроқофарин (17, 83) пайдо шудаанд, ба гурӯҳҳои зер ҷудо кардан мумкин аст:

1) ташбеҳи иғроқофарин ғарази зебо ва пуртаъсир нишон додани мушаббаҳ истеъмол ёфтааст:

Ба ҷаве ҳикмату **алтофи сухан** напзиранд,
Гарчи Луқмони Ҳакимӣ ба сухан, Саҳбонӣ (329).

Ба **пардози сухан** парвоз сар кард,
Забони қиссаро аз найшакар кард (468).

2) ташбеҳи иғроқофарин равиш, ҷараён ва имтидодро мефаҳмонад:

**Рафти сухан** бар сари Хатлон бувад,
Ҳубби Ватан гӯшаи имон бувад (423).

3) ташбеҳи иғроқофарин мафҳуми маконро далолат мекунад:

Бандаи Ҳоҷӣ, ки дар **диёри сухан**
Шуҳра дорад миёни марду зан (369).

4) ташбеҳи иғроқофарин судмандӣ, муассирият ва расоиро баён менамояд:

Кунун абри басоти ин баҳорам,
Чу найсон донаи гавҳарнисорам.
Риёзи ин гулистон гашт хуррам,
Саҳоби хомаам чун рехт шабнам.
**Асархези каломам**ро зи оғӯш,
Ки мерезад лабу дил мезанад ҷӯш (422).

Зимнан, ёдовар шудем, ки Ҳоҷӣ Ҳусайн ба замон аз рав-

занаи ҳақиқат назар доштааст ва афроди нопӯёву тангчашму коҳилу мутаассибро маломат кардааст. Аз байте, ки хоҳем овард, ҳам мазомини мазбур эҳсос мегардад ва ҳам нигоҳи фарохи шоир нисбат ба фаро гирифтани таърихи улуму адён:

Ҷуз мазҳаби худ якҷиҳатон ҳеҷ нафаҳманд
З-алфози «Муҷастӣ»-ву зи «Занд»-у хати «Позанд» (158).

Бо овардани ин ду мисраъ қасд надоштем, ки ба фалсафа ва ирфони Ҳоҷӣ Ҳусайн тасарруф кунем, аммо бо ин далел гуфта метавонем, ки эшон аз пешинаи забони форсии тоҷикӣ, илми дин, фалсафа, ҳикмат, мантиқ ва забони арабӣ баҳраманд будааст. Ӯ аҳли адабро, барҳақ, «фотеҳи маъдани ниҳон» номидааст. Бешак, ин сухан ба худи мутафаккир ҳам тааллуқ дорад, зеро ақоиди ирфонӣ, фаҳвою мазомини ғазалиёт, мухаммасот, мусаддасу марсияҳо, рубоиёт ва мактуботи манзуму мансури ӯро як тараф бигузорем, заҳамоти дар заминаи такмилу ғановати сухану шеваи баён анҷомдодаашонро боястӣ арҷ ниҳод.

## ҶОЙГОҲИ СУХАН ДАР ФАРОХНОИ АНДЕШАИ ШОИР

Сухан ва ҷойгоҳи он аз мавзӯъҳои пурарзиши улуми инсонист. Ин қазияест, ки дар соҳати кутуби муқаддас низ бозтобе дорад ва аҳли андешаву адаб бо пайгирӣ аз муҳтавои каломи паёмбарон онро ба ҳар гунае баррасӣ намудаанд. Дар оғози адабиёти форсии дарӣ маҳз Абулқосими Фирдавсӣ тавонист, ки мушкили ин баҳсро комилтар ба доираи «Шоҳнома»-и хеш бигунҷонад. Агарчи манзур накди ин ҷиҳати шеъри Фирдавсӣ нест, боз ҳам, месазад, ки диди Ҳакими Тӯсиро ба тангнову паҳнои ин муаммои рӯзгори одамӣ бо сухани худи ӯ арзёбӣ кунем:

Аз ин дар сухан чанд ронам ҳаме,

Ҳамоно каронаш надонам ҳаме.
Сухан ҳар чӣ гӯям, ҳама гуфтаанд,
Бари боғи дониш ҳама руфтаанд (18, 3).

Ва наёфтани «сарупо»-йи (таъбири Фирдавсӣ) сухан ҳаммонанди наёфтани «сарупо»-йи гетист ва шоир гумон дорад, ки ба сахтие рӯбарӯ хоҳад омад ва он гаҳ аз лутфу меҳрубонии Худованд паноҳ меҷӯяд:

Ба ҷое ки танг андаромад сухун,
Паноҳат ба ҷуз покяздон макун (18, 66).

Ҳаким Носири Хусрав низ аз рози ин ҳадяи Парвардгор огоҳ аст, ки мегӯяд:

Дар шеър зи такрори сухан бок набошад,
Зеро ки хуш ояд сухани нағз ба такрор (19, 240).

Аммо саъй доштааст, ки суханаш такрори маҳз набошад:

Нав кун суханеро, ки куҳан шуд ба маонӣ,
Чун хоки куҳанро ба баҳор абри гуҳарбор (19, 240).

Ва он кӯшишу талош мӯҷиби ҷовидонагии ному осори Ҳуҷҷати Хуросон шуда.

Пас аз ин суханварони мумтози хуросонӣ, баста ба густардагии қаламрави забони форсӣ, аҳли адабу фазл аз ҳар гӯшаву каноре бархоста ва ҳикмату фалсафаи суханро ба паймонаи хеш ниёиш кардаанд.

Ин фурсат даст намедиҳад, ки рӯйи он ҳама ёдгораҳо, ки ба гунаи каломи мавзуну мансур матбӯъ шудаанд ва бархе аз соҳибназарон зимни тазкираву дигар осори хеш дар мавриди ҳусну қубҳи ағлаби онҳо андеша иброз кардаанд, нигоҳ гуморем, аммо чунин мешуморем, ки гузашт аз канори ҳаволии ашъори як тан аз намояндагони машҳури ҳавзаи хуросонии адабиёти форсии тоҷикӣ – Ҳоҷӣ Ҳусайни Хатлонӣ, ки донишманду фарҳехтаи тоҷик Қамчин Чиллазоди Теҳрайӣ аз эшон ба унвони «вопасин орифи барҷастаи

суханпиро» (11, 3) ном бурдааст, ройи савоб намебуд ва ин нукта боз бад-ин маънист, ки агар иттилоияи «Тазкират-уш-шуаро»-и Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Муҳтарам, дебочаи ба «Асарҳои мунтахаб» ва «Парокандае чанд дар ҳошияи Кул-лиёти Ҳоҷӣ навиштаи Саидумар Султон ва Қамчин Чилла-зоди Теҳрайиро истисно кунем, дар мавриди халлоқияти ҳунари ин орифи маънӣ дар амри эҷоди вожаву таркиб, бандубасти мазмун, корбурди саноеи шеърӣ ва ҳоказо аз ҷониби пажӯҳишгарон матолиби дархӯри аҳамият таълиф наёфта. Ва мебоист, ки таҳқиқи жарфу амиқи ҷанбаҳои ме-роси гунагуни илмии ин ҳамватани муосири мо зинатбахши барномаҳои кори илмии уламои риштаҳои забону адабиёт, таърих, фалсафа ва, дар маҷмӯъ, улуми инсонӣ мегардид…

Мо ин мавқеъ ҳавои рабудани гӯйи сабқат дар Ҳоҷишиносиро ба сар надорем, аммо зимни мутолиаи Кул-лиёти ӯ далоилеро дар заминаи гузинишу корбурди луғат ва сохтумони вожаҳо ба мушоҳида гирифтем, ки поёнтар онҳоро тавзеҳ хоҳем дод.

Аз мундариҷаи Куллиёт бармеояд, ки Ҳоҷӣ Ҳусайн бо шавқи тамом кори ашъорашро анҷом додааст, ки мефармо-яд: «Муҳаббат ҳар куҷо корофарин аст» (495).

Ишқу алоқаи зиёд ба ин пешаи шарифа, огоҳӣ аз рамзи таҳқиқ ва мавзунии табъ дар «ҳалли ишколу идроки маонӣ» (420) боис шудааст. Ва ҳикмати корофаринии Ҳоҷӣ Ҳусайн мабнӣ бар пояи назари пажӯҳишии ӯст, ки аз «тақлиди вазъи якдигари халоиқ»[21] фосила меҷӯяд, бо вуҷуде ки аз такрори калому мазомин чорае нест ва ин амал усулан ба фалсафаи ҷаҳони гирдгардон иртибот мегирад ва Ҳоҷӣ низ чун устодони баландмартаба – Ҳаким Фирдавсӣ ва Ҳаким Носири Хусрав ба такрори сухан яқин дорад:

Набошад маъние ӯро нагуфта,
Ба мазмуне гуҳарвораш насуфта.

Аммо монанди соири маънишиносон талош кардааст, ки назмашро ба табъи худ либосе диҳад, то ҷамоли он паривор намояд (11, 26).

Воқеан, сухани ӯ зебову расо ба чашм метобад. Усулан,

вожаву таркибҳои ноби форсӣ-тоҷикӣ ё арабиҳои дар ин забон омезишёфта ҳусну латофати офаридаҳои эшонро афзудаанд, чи ки бештар вирди забон гаштаанд.

Аҳли фаҳму андеша медонад, ки дар аҳди шӯроӣ маҷоли сухан бас танг буд ва ҳар кас ҳам ҳарба намекард, ки дар мавриди шахсият ва осори шуарои сӯфӣ ва урафои нуктасанҷ ба ҷид баҳс барпо намояд, вале мардуми адабдӯсту пурфарҳанги мо бар рағми ҳама фишору таъқибҳои ақидатӣ номи авлиёеро чун Ҳаким Саноиву Фаридуддин Аттор ва Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ ба шикаст намегирифт. Дар силки он шайхон унвони Ҳоҷӣ Ҳусайн ҳам қарор дошту дорад. Ин далел, ки мутрибон ва овозхонҳои тоҷик, ба вижа, муғаннии маъруфи кишвар, шодравон Одина Ҳошим, ҳунарманди фақид Қиёмуддини Хайриддин, ҳудудан ҳашт-даҳ ғазали ӯро ба оҳанг даровардаву тараннум мекарданд, рамзи муҳаббату ихлоси беандозаи овозхонон ва халқ ба аҳли сухан ва, аз ҷумла, ба Ҳоҷӣ Ҳусайн, мебошад. Ва ҳол ба чанд қитъа байти як ғазали шоир, ки бо радифи **ку?** поён меёбад ва онро устоди шаҳири арсаи ҳунар, зиндаёд Одина Ҳошим ниҳоят марғубу таъсирбахш иҷро мекард, таваҷҷуҳ маътуф хоҳем дошт ва хоҳем дид, ки бо шеваи бас содаву мардумӣ, аммо бо санъати баланду писандида аз хомаи ин адиби тасвиргар таровиш ёфтааст:

Мавсими навбаҳор шуд, он маҳи гулъизор ку?
Ғунчаву гул қатор шуд, булбули дилфигор ку?
Боди сабоҳ мевазад, аз тарафи диёр, лек
Ғолияи мурод не, муждаи он нигор ку?
Лолаи роғ ҳар саҳар доғи дилест дар назар,
Ғунчаву гул ҳамин асар дораду эътибор ку?
Мухлиси ишқ дар куҷо, ҷоми шароб мар киро?
Табъи шикуфтаам кадом, хотири беғубор ку?
Нест таҳаммуле, ки ман то нигарам ба гулситон,
Ғунчаи дил ба хун шикуфт, бар гулам ихтиёр ку?...
Золи сипеҳр мӯягар, ҷомаи таъзият ба бар,
Пардаи айшро асар бар сари ин мазор ку?
Бӯса кунам агар ҳавас аз лабат, эй нигор, деҳ,

Дилшударо шикеб чӣ, тоқати истибор ку?
Нури нигоҳ, з-ин сипас бар сари дидагон нишин,
Мижжа сафед кардаам, муддати интизор ку?
Ҳодисаи замони дун як даме муҳлатам надод,
То ғами дил кунам шумор, фурсати бешумор ку?
Ҳоҷӣ, куҷост ҳамдаме, сарфи суханварӣ кунам,
Ганҷи мақол доштам, гӯши суханқарор ку? (426).

Аз лиҳози фарогирии саноеи бадеъ ва таркиботи лафзӣ маҳз ҳамин як қитъа ғазалро чун намунаи ғановати шеъри Ҳоҷӣ Ҳусайн овардан айни муддаост. **Золи сипеҳр, ҷомаи таъзият, пардаи айш, нури нигоҳ, фурсати бешумор, гӯши суханқарор, мижжа сафед кардан, сарфи суханварӣ кардан** ва … ибороти васфӣ ва муканноеанд, ки дархӯри табъи гуҳарбори ин ошиқи маънӣ уфтодаанд. Аз омӯзиши Куллиёт ба ин натиҷа расидем, ки зеҳни худодод, аз як сӯ, ва, аз сӯйи дигар, табиати пӯёву ҷӯё омилҳое будаанд, ки ин шайх ба василаи онҳо тавонистааст, аз хазинаи вожаҳои забони ҳамдиёрони хеш ганҷи мақол ба даст биёрад ва ин моя ганҷи шойгон пайдо кардани ӯ бозгӯйи ҳунари волои як инсони покизарӯзгор, пурфитрат, дурршинос, суфтасухан ва, ба таъбири имрӯзиён, сарсупурдаи роҳи хидмати кишвар ҳисоб меёбад. Инак, мехоҳем бубинем, ки кохи ганҷи мақоли ин ҳунарманди ганҷинанигаҳдор чӣ гуна фароҳам омадааст.

Дар мавқеъе ишорат фармудем, ки Ҳоҷӣ Ҳусайн дар заминаи улуми адабӣ, ба хусус, дар риштаи луғат, сарфу наҳв ва баён, дониши вофир доштааст. Байти:

Ҷуз мазҳаби худ якҷиҳатон ҳеч нафаҳманд
З-алфози «Муҷастӣ»-ву зи «Занд»-у хати «Позанд» (158).

мефаҳмонад, ки аз вазъи давраҳои қадими забони мо бохабар будааст ва ҳатто, бар хилофи раъйи аҳли таассуб, ки аз пешинаи тамаддуни аҷдодӣ худро мункир мегирифтанд, ин мисраъҳоро ба ҳайси санад офаридааст. Ин гуна мисолзаданҳо дар Куллиёт зиёд ба назар мерасанд ва ба ҳадде оҳанги талқинӣ доранд ғарази тақвияти ҳофизаи

таърихӣ ва шинохтани рисолати инсонии ҳар фард ва масъулияти ӯ дар пеши иҷтимоъ.

Инак, дари махзани дур(р)ҳои ноёби шоирро ба рӯямон боз мебинем ва нахуст ба чашм номи чизҳое мехӯрад, ки, ба гумони ғолиб, бори нахуст(20)[1] дар шеъри ӯ ҷойгоҳи худро ёфтаанд. Ва вожаи **дутор** яке аз он исмҳост. Гунаи гӯйишии он **дитор (ditar)** аст ва, ба андешаи мо, бо калимаи русии **гитара** ба як реша мерасанд, зеро ҳамсадои (сомити) **д (d)**-и форсии бостон дар бархе аз забонҳои ҳиндуурупойӣ ба овози **г (ĝ)** табдил меёбад (21, 7). Бо **думбра** як чиз набудани дутор мавзӯи баҳси мақолае(22) ҳам қарор гирифтааст. Ва ин номи сози машҳури мусиқист, ки дар миёни форсизабонони дунё танҳо дар Тоҷикистон машҳур аст. Қомуснигорон калимаи **дутор**ро дар радифи соири мавods луғат шарҳ додаанд. Аз ҷумла, Муҳаммад Подшоҳ (23, 1945) ва Муҳаммад Ғиёсуддин (24, 346) **дутор**ро номи соз, мисли **сетор**, гуфтаанд. Дар «Фарҳанги Амид» мехонем:

«**Дутор…** навъи сози симӣ, ки миёни баъзе тавоиф мутадовил аст» (25, 512).

Муҳаққиқи афғон Абдуллоҳи Афғоннавис онро «сози шабеҳ ба танбӯр, ки дастаи дароз дорад» (26, 277), шарҳи маънӣ кардааст.

Дар «Фарҳанги форсии имрӯз» **дутор** ин гуна тавзеҳ ёфтааст: «Сози зиҳӣ, дорои ду сим, ки бештар дар шимоли ховарии Ирон ва кишварҳои ҳамҷавораш роиҷ аст» (27, 563). Киселева Л.Н. ва Миколайчик В.И. **дутор**ро (дутар) «двухструнный музыкальный инструмент» (28, 377) тарҷума кардаанд.

Ва ҷойи изҳори таассуф аст, ки дар луғати дуҷилдаи номдори мо – «Фарҳанги забони тоҷикӣ»(29), ки мураттибон дар тафсири мақулаҳои луғавӣ гаҳ-гоҳ ба Куллиёти Ҳоҷӣ Ҳусайн низ истинод фармудаанд, вожаи **дутор** мавқеъ наёфтааст.

Ҳамон гуна ки ишорат рафт, ба дарёфти мо корбурди калимаи **дутор** дар назми классик аз шеъри Ҳоҷӣ оғоз мегирад:

Чу тори зулфи туам дил зи тоб меларзад,

Ба ҳар даме ки занад торӣ бар дутор ангушт. (89)

Ва он ду тори дуторро, аслан, аз рӯдаи гӯспанд дуруст менамоянд, ки **зиҳ (зеҳ)** номида мешавад. Дар осори хаттӣ **зиҳ**ро ба **камон** нисбат додаанд ва аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ (Камонро ба зиҳ-бар ба бозу фиганд, Биёмад бари шаҳриёри баланд) (18, 112) ва ғазалиёти Камоли Хуҷандӣ (Абрӯ туруш кунӣ, чу бигӯям, зиҳӣ камон, Оре, фитад ҳамеша зи зеҳ бар камон гиреҳ) (30, 410) гирифта то осори удабои ибтидои садаи XX ба ҳамин мафҳум мустаъмал аст. Аммо истифодаи калимаи **зиҳ** (**зеҳ**) дар сухани Ҳоҷӣ ба **дутор** алоқаманд аст (Ба қонуни ҷунун **зиҳ** соз мекард, Ба ғоиб аз назар овоз мекард) (464) ва дар забони ом ҳам ба ҳамин мазмун роиҷ аст.

Калимаи **тори**ро низ, чун истилоҳи мусиқӣ, дар забони эшон дучор омадем, ки мисолаш дар яке аз байтҳои боло зикр гардид.

Вожаи **паноҳ** ба ин сурат аз паҳлавӣ монда ва мафҳуми **ҳимоят** ва **ҳифозат**ро мерасонад ва бо феълҳои **бурдан, овардан, гирифтан, кардан, ҷустан, будан** (дар паноҳ будан), **пазируфтан** (дар паноҳ пазируфтан) корбурд дорад. Ду шоҳид :

Чу душман ба девор гирад паноҳ,
Зи пайкору кинаш натарсад сипоҳ (15-2, 22).
Абулқосими Фирдавсӣ

Мар-ӯро дар паноҳат кай пазирӣ,
Дар ин кораш чӣ гуна даст гирӣ? (15-2, 23).
Фахруддини Гургонӣ

Дар сабки омиёна (форсӣ-дарӣ-тоҷикӣ) бо таркиби **паноҳ ба Худо** (31, 170) во хоҳем хӯрд. Аммо ин таъбир чун муродифи **Худо ҳофиз** ғолибан дар гӯйиши тоҷикӣ ба кор меравад. Аммо гунаи **паноҳӣ** (дар паҳлавӣ panahih) (32, 115) бо **ё**-и нисбат чун муродифи калимаи **пинҳонӣ** дар қисме аз лаҳҷаҳои забони форсии тоҷикӣ боқӣ монда ва он дар Кул-

лиёт истифода шудааст:

Доғам аз ғам, ки маро бар сари роҳе накушӣ,
Ба гуноҳи назари карда паноҳӣ накушӣ (304).

Барои вожаҳои **чарха** (чизе, ки занҳо бо он ресмон бире-санд) ва **чакан** низ Ҳоҷӣ гувоҳ дорад:

Онро, ки хирад ҳумойи фарқ аст,
Бигрифт дил аз замонаи зишт.
К-ин зол қумоти ҳар касеро
Дар чархаи чап калобаҳо ришт (335).

Модари айём кард з-атласи шафқат қумот,
Дӯхт бар андоми ту тори мурувват чакан (334).

Ин донишманд бо риояти дастури суннатии вожасозӣ силсилалуғотеро рӯйи кор овардааст, ки фусҳати мундариҷаи ашъорашро васеътар намудаанд, ба мисли:

**беҳанг**

К-аз ин девонаи беҳушу беҳанг
Ба ибрат дигарон гиранд фарҳанг (446).

**ноқабул**

Суубат нест маҳшарро бар он ҳол,
Ки резад ноқабуле хуни омол (488).

**пурошуфт**

Димоғаш з-оташи кин шуд пурошуфт,
Хитобаш карду аз рӯйи ғазаб гуфт…(475).

**сероҳанг**

Ба ҳадде оҳи сероҳанг мезад,
Либоси нола дар хун ранг мезад (469).

**ҳамхок**

Ба як ҷо ҷамъашон оред бо ҳам,
Маро ҳамхокшон созед тавъам (489).

**бедирангӣ**
Ба фурсат рехт чандон бедирангӣ,
Ки майдони нафас бигрифт тангӣ (442).

**ноодамӣ**
Ки эй, ноодамӣ маншури номат,
Ситам оёти зотатро аломат (473).

**ногумонӣ**
Гурги аҷало, ту Юсуфи ман
Бурдӣ зи барам ба ногумонӣ (331).

**гаҳин**
Кун лутф ба ман, бути ситамкеш,
Ҳастам ба муҳаббати гаҳинат (82).

**ғаюрӣ**
Ғаюрӣ кард бо он шахси муҳтоҷ,
Ба заҷраш ҳукму фармудаш ихроҷ (446).

**қудратгор**
Зи файзи дасти қудратгор шабнам
Ба чоки синаи гул баст марҳам (468).

**наргисистон**
Биҳиште дид аз хубӣ мусаввар,
Чу гардун наргисистон, сабзпайкар (436).

**садафсон**
Ба умеди нисори рашҳае з-он
Даҳони захмҳо будӣ садафсон (468).

**тимсолвор**
Ҷумла дар дилҳои ишон ҷо кунанд аз содагӣ,
Ҳамчуноне сафҳаи ойинаро тимсолвор (375).
**хандазор**

Ки он дам ё хиҷил, ё хандазорам,
Чу дай афсурда ё охир баҳорам (497).

**ҷавина**
Истода зи наҳйи қурби гандум
Бар қурси ҷавина гашт қонеъ (361).

**оҳанкор**
Аз сияҳкорон наёяд санъати шоистае,
Теғро каҷпайкарӣ ҷуз айби оҳанкор нест (68).

**ҳурматаломат**
Ғубори барзани шаҳри надомат,
Чаройӣ инчунин ҳурматаломат? (471).

**ҳиноранг**
Кафаш гар сафқа гаштӣ, гар ҳиноранг,
Фиғон мешуд гулу сар мезад аз чанг (432).

**ҳавасовора**
Ки аз нақди муҳаббат то чӣ дорам,
Ҳавасовора ё комилиёрам? (485).

**соҳибиқбол**
Супоридаш ба пайки соҳибиқбол
Нишони фатҳро ҳудҳуд ба ирсол (474).

**ҳақнамо**
Насиҳат бар ту чун душвор омад,
Магар бар ҳақнамоён кина дорӣ? (300).

**хазинахона**
Ганҷи гуҳарӣ, шудӣ аз он рӯ
Пинҳон ба хазинахонаи хок (364).

**ҷонҳалок**
Гулистони Ирам пинҳон ба хокаш,
Шадоди орзуҳо ҷонҳалокаш (425).

**рӯтуруш**

Ман-ҳам ба ғалат меҳр бар абнои замона,
З-ин рӯтурушон ҳусни мулоқот куҷо? (31)

**набзбин**

Зи набзаш то тапиш маҳсус мегашт,
Табиби набзбин маъюс мегашт (467).

**одатгир**

Табъ медуздад зи хӯю хислати шахси шарир,
Нафс чун тифл аст одатгир дар нафъу мазор (382).

**рӯҳомез**

Биё, соқӣ, зи роҳи рӯҳомез,
Шавам то зинда, дар хокам каме рез (467).

**тарабдор**

Ба он гул ёдгораш аз Мадан буд,
Тарабдори баҳори сад чаман буд (482).

**саркӯфта**

Хок чандоне ки андар зери по саркӯфта-ст,
Сози тасмиме, ки дорад, соҳиби нашву нумост (500).

**нозукниҳол**

Дар чаман то омад он нозукниҳол ороста,
Сарву ножу шуд ба таълими камол ороста (291).

**нектадбир**

Бувад фазли карими нектадбир
Шумули хотири шахси замингир (458).

**хатокирдор**

Набошад аз хатокирдор шоҳон,
Ки бинад хотираш ранги пушаймон (475).

**ширинамо**

Бадон аз ихтилоти некувон шириннамо бошанд,
Шавад дӯғи туруш, чун шир танҳо шуд зи равғанҳо (34).

**баднавоз**
Намерақсӣ чаро аз шӯри созам?
Зи истиғност бо ман, баднавозам? (465).

**match**

**сознавис**
Эй хомаи ту ҳикмати эъҷознавис,
Ҷуз ту набувад ҳич касе сознавис (350).

**пухтанамо**
Атвори замона бенизом аст,
Ӯ пухтанамову мағзхом аст (161).

**мастонагард**
Аз ҳаёи орази гулгуни он мастонагард
Дар дили мино чу соғар мавҷи саҳбо мерамад (132).

**мардумпарварӣ**
Аз хулуси нияту аз хулқи мардумпарварӣ
Дар билоди Балҷувон гармобае кард ихтиёр (336).

**шуҳратандешӣ**
Намесозад ба созу сӯзи ошиқ шуҳратандешӣ,
Чу шамъ ороиши дил равшан андар пардаи шомам
(243).

**хасаккорӣ**
Донаи хор аст кирдори ҳавоӣ, филмасал,
К-аз хасаккорӣ нахезад парниён андар канор (379).

Шоир дар амри эҷоди ибороти маҷозию васфӣ низ мубтакир аст. **Дарси ишқхонӣ, мақомоти баланд, табъи ноҳамвор** ва монанди инҳо аз эҷодкардаҳои ӯ ба шумор мераванд:

Муаммоест дарси ишқхонӣ,

Надорад ғайри ҳайрат тарҷумонӣ (446).

Ҳоҷӣ, аз пешаи сабр аст мақомоти баланд,
З-ин адо шуҳрати рафъат ба ҷаҳон дорад кӯҳ (292).

Ҳазар аз дахли беҷо дар каломи хурдабинон кун,
Мабодо хиҷлате аз табъи ноҳамвор дарёбӣ (309).

Дар Куллиёт таркибҳои феълие, ба гунаи **захира коштан** (Бояд зи ҳама захира корӣ, Зеро ки ҳама дар ӯст мағлуб, 337), **насиба гирифтан** (Бошад ки даме ба хилвате биншинем, З-он пиставу қанд насиба гирем якчанд, 348) мушоҳида мегардад, ки гувоҳи пайванди сухани Ҳоҷӣ Ҳусайн бо лафзи мардум мебошанд.

Дар забони халқ феълҳои **захира коштан** (ба маънои киште, ки аз ҳосили он имкони пасандоз мавҷуд бошад), **насиба гирифтан** (ба мафҳуми ҳаққи ё ҳиссаи худро гирифтан) мустаъмаланд, аммо «аз он пиставу қанд насиба гирифтан»-и шоир ба мафҳуми маҷоз далолат менамояд, ки ниёз ба эзоҳ надорад.

Таркиботи **ба дашти интизор афтодан** (Афтода ба дашти интизорат, Шояд гузарӣ савор бар мо, 27), **мижа сафед кардан** (Нури нигоҳ, з-ин сипас бар сари дидагон нишин, Мижа сафед кардаам, муддати интизор ку?, 281), **ба мансаб дилкашонӣ надоштан**, **димоғи ҳукмронӣ надоштан** (Ба мансаб дилкашонӣ ҳам надорам, Димоғи ҳукмронӣ ҳам надорам, 429), **димоғи саркашӣ аз сар андохтан** (Димоғи саркашӣ аз сар бияндоз, Агар бар осмонҳо зина дорӣ, 300) аз таъбирҳои маҷозии шеъри шоиранд, ки сухани одиву муқаррариро (зиёд мунтазири омадани маъшуқ будан ё шудан, хоҳиши вазифаву мансаб надоштан, якрав набудан, саркашӣ ва нофармонӣ накардан, мағрур нашудан ва мутакаббир набудан ва… ) рангину ҷолибу муассир намудаанд. Ба як сухан, забони шеъри Ҳоҷӣ Ҳусайн вижагиҳое дорад, ки омӯзиши онҳо дар марҳалаи имрӯзаи инкишофи забони тоҷикӣ ҳамчун забони миллӣ судманд хоҳад буд.

## МУРООТИ МЕЪЁР ДАР КОРБУРДИ

# ВОЖАҲОИ МУҚТАБАС

Қазияи вуруди калима, таркиб ва ҷумлаҳои арабӣ ба забони форсии дарии тоҷикӣ ба алоқамандони фарҳангу адаб чун офтоб равшан аст ва ниёз ба тафсиру тавзеҳ надорад. Вобаста ба интишори ислом унсурҳои арабӣ низ густариш ёфтанд, аммо дар масъалаи корбурди онҳо, чунонки осори хаттии меросмонда шаҳодат медиҳад, назари удабо ва уламои порсигӯ мутафовит аст, яъне бархе, амсоли саромадони адабиёти мо – Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, аз истеъмоли он аносир иҷтиноб варзидаанд. Шайхурраис Абӯалӣ ибни Сино ҳам саъй доштааст, ки аз ин раванд ҷилавгирӣ намояд. Аммо пас аз шикаст хӯрдани давлати Сомониён нирӯҳои сиёсие ба сари қудрат омаданд, ки мӯҷиби афзоиши нуфузи забони арабӣ гардиданд ва мафҳумҳои диниву сиёсӣ тамоми соҳоти зиндагиро фаро гирифт. Ин вазъ ба мурури айём идома пайдо кард ва ба эҷодиёти адибону олимон таъсир гузошт. Ҳоҷӣ Ҳусайни Хатлонӣ низ монанди шуарои пешин ва ҳамзамони худ – Шоҳин, Асирӣ, Туғрал ва ҳатто устод Айнӣ, бо риояи забони меъёр аз ғановати таркиби луғавӣ, яъне воҳидҳои маънои луғавии ба истилоҳ дар забон «ҳазмшуда» кор гирифтааст. Калимаҳои **амроз, анвоъ, аршад, иқтизо, ионат, иртиқо, иттилоъ, ихтилот, иртибот, иҷтиноб, қазия, мазраъ, мақомот, мамлӯ, матлаб(матолиб), машҳун, маҳсус, маҷмаъ, муваффақ, муғтанам, мусаллам, мустафид, мутталеъ, мухтареъ, муҷаддад, низом, озим, равобит, таваҷҷуҳ(кардан), тадорук, тақозо(кардан), тақсир, таҳрир, таҷдид, хашин, шомил, эҳсо** ва ғайра аз он ҷумлаанд, ки шоир то вопасин нафас онҳоро дар шеъри худ истифода бурдааст. Аз солҳои 20-ум ба баъд, ба далелҳои сиёсӣ, мавқеи чунин калимаҳо дар доираи таркиби луғавии забони тоҷикӣ маҳдуд гардид, аммо бародарони ҳамзабони мо дар Эрону Афғонистон истеъмоли онҳоро тарк накарданд. Солҳои 80-ум, хусусан дар айёми бозсозии Горбачёвӣ, бо талоши афроди равшанназар ин гуна вожаҳо ба забони тоҷикӣ, хусусан ба забони матбуот, роҳ ёфтанд, аммо дар

корбурд чун аносири «бегона» (эронӣ ва афғонӣ) ба мухолифат низ рӯбарӯ омаданд. Хушбахтона, дар замони Истиқлол калимаҳои мазкур ва амсоли онҳо то андозае ҳаққи истеъмоли собиқаи хешро дарёфтанд. Акнун, бо ин аносири маъноии муқтабас, ки аз сӯе бозгӯйи дороии таркиби луғавии забони классикии меъёр хоҳанд буд, аз ашъори устод Ҳоҷӣ Ҳусайн бо тавзеҳи мафҳум шоҳид хоҳем овард:

**амроз** – ҷамъи мараз – бемориҳо, нохушиҳо
Оби даҳанат шифои амроз,
Бар ту набувад маҷоли эъроз (362).

**анвоъ** – ҷамъи навъ – навъҳо:
Ба анвоъи адаб гуфтӣ саломаш,
Расонид аз ҷаноби Ҳақ паёмаш (407).

**аршад** – рашидтар, бузургтар, бартар, барӯмандтар; касе, ки дар миёни ҳамҷинсон ва ҳамкорони худ дорои дараҷа ва мақоми болотар бошад:
Валади аршади саодатмаҳд
Шоҳ Абдулаҳад валиаҳд (370).

**иқтизо** – хоҳиш, дархост, талаб:
Чаро, эй дил, висоли хубрӯён иқтизо кардӣ?
Тамошоят чӣ шуд, худро ба меҳнат ошно кардӣ? (311).

**ионат** – ёрӣ, ёрӣ додан, кӯмак кардан:
Мадад ҷустам зи арвоҳи Низомӣ,
Ионат аз равони Шайх Ҷомӣ (422).

**ирсол доштан** – фиристодан (Руҷӯъ шавад ба далели вожаи **машҳун)**.

**иртибот** – пайвастагӣ доштан, пайвастани чизе ба чизе, рабт доштан, пайвастагӣ:

Агар интизоми ин низом намебуд, ҳаройина банни навъи инсони малакхӯ муҳиббу мунид… намегардиданд, равобити

дӯстиву иртиботи якҷиҳатӣ барҳам мехӯрд (507).

**иртиқо** – боло рафтан, баланд шудан, ба пояи баланд расидан:
Гаҳ баландат мебарад, гоҳе фарозу гоҳ паст,
Гаҳ ба иқболат фиребад, гоҳе идбору шикаст,
Иртиқои зиллату хориву ҳушёриву маст,
Бар ҳама аҷдод муҳтоҷу асиру пойбаст,
То ба гӯрат мекашад ҳар сӯ инони зиндагӣ (305).

**иттилоъ** – воқиф гардидан, огоҳ шудан:
Иттилоъи тамом ҳосил шуд,
Он чи дил мехост, восил шуд (512).

**ихтилот** – омехтан, омехтагӣ:
Айб набвад, гар насозад Ҳоҷӣ бо кас ихтилот,
Дида аз танҳо, алам з-он рӯзи танҳо мерамад (132).

**иҷтиноб** – парҳез кардан, дурӣ ҷустан:
Ҳар гоҳ касеро аз уламову фузало ёбед, суҳбаташро иксири аъзам диниста мустафиди файзи дуову каломашон гардед ва иҷтинобро лозим донед (507) .

**қазия** – хабар, паём, огоҳӣ; воқеа, пешомад; ҳукм, фармон:
Ҳоҷӣ, маро ишқ ҷуз таълими расвоӣ накард,
Қазия гашта мунъакис дар мазҳаби устоди мо (41).

**мазраъ** – киштзор, ҷойи зироат, замини корам:
Мазраъе ҳаст, пас аз сад сол аз ӯ бардорӣ
Донаи хастадилӣ, ҳосили бедандонӣ (327).

**мамлӯ** – пур, оганда//оканда ва пуркардашуда:
Рангин номае, ки… ҳамчун нофа аз атриёти нозукиҳо мамлӯ гардида буд, насими мушкангез бар димоғи мустамандон дамид (503).

**матлаб** – ҷойи талаб, мақсад; масъалае аз илм:

Саъйи мо, Ҳоҷӣ, норасо афтод,
Чунки матлаб варои мақдур аст (90).

**(арзи) матолиб** – ҷамъи матлаб:
Ҳазор гуна сухан зери лаб ниҳон кардам,
Чу вақти арзи матолиб дами суол гузашт (85).

**машҳун –** пур, пуршуда, мамлӯ, анбошташуда:

… мактуби шафқатуслубе, ки машҳун ба латоифи авотифи меҳру муҳаббат… ба номи ин хокистарнишин ирсол доштанд,… вуруд намуд (507).

**маъзур** – узроварда, дорои узр, баҳонадор; касе, ки узру баҳонаи ӯ пазируфта бошад:
Бар ҳаво гар нарафт тойири мо,
З-ин амал умрҳост маъзур аст (90).

**муваффақ** – тавфиқёфта, баҳраманд, комгор:
Муваффақ то шавам аз нашъаи ӯ,
Раҳе гирам, ки бошад рост некӯ (423).

**муғтанам** – ғанимат шумурдашуда, ғанимат гирифташуда:
Ҳоҷӣ, мардуми чашмам зарраҳои наъли ӯ
Ҳамчу сурмаи ҷавҳар муфту муғтанам дорад (149).

**мустафид –** истифодакунанда, фоидагиранда; касе, ки талаби фоида бикунад:

Ҳар гоҳ касеро аз уламову фузало ёбед, суҳбаташро иксири аъзам дониста, мустафиди файзи дуову каломашон гардед… (507).

**муҳаққақ –** таҳқиқкунанда, аҳли таҳқиқ; каси тавфиқёфта, баҳраманд, комгор (Руҷӯъ шавад ба далели вожаи **мусаллам**).

**муҷаддад –** нав, навшуда, чизе, ки тоза падид омада:

Аз нисбати ту рутбаи аҷдод Муҳаммад,
Аз ҳиммати ту турбати аҷдод муҷаддад (217).

**низом** – оростагӣ, тартиб, равиш, режим (Руҷӯъ шавад ба далели вожаи **иртибот**).

**озим** – азмкунанда ба коре; раҳсипор шудан:
Хештан озими Бухоро шуд,
Чун қазоро чунин тақозо шуд (372).

**равобит** – ҷамъи робита (Руҷӯъ шавад ба далели вожаи **иртибот**).

**таваҷҷуҳ (кардан)** – рӯй овардан, рӯй гардондан ба тарафи чизе:
Таваҷҷуҳ кун ба дорулмулки маънӣ,
Нишин з-ин баҳр андар фулки маънӣ (422).

**тадорук** – тайёрӣ, омода, омода сохтан, таҳия кардан; чора, тадбир:
Тадорук ҷуст бар он сози хомӯш,
Садое бар кунад, то оядаш ҳӯш (470).

**тақозо (кардан)** – дархост кардан, хоҳиш кардан:
Ошиқон дар ғами ту ҳоли табоҳе доранд,
Ту чаро пурсиши ин қавм тақозо накунӣ? (308).

**тақсир** – кӯтоҳӣ кардан; дар коре кӯтоҳӣ, сустӣ ва хато кардан; нуқсон, айб:
Ба номардон набошад хиҷлат аз айбу табаҳкорӣ,
Зани ғар бештар ғавғо кунад ҳангоми тақсираш (196).

**таҳрир** – навиштан, хуб навиштан:
Чӣ сон кунам бар он дӯст номае таҳрир,
Ки оби дида равон аст, коғази намгир? (164).

## СУХАНИ ҲОҶӢ ҲУСАЙН ВА

## «ФАРҲАНГИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ»

Замони Истиқлол моро водор мекунад, ки ба фарҳангу ҳунари миллӣ назари амиқ дошта бошем ва халои маънавиро пурра намоем. Омӯзиши осори абармардони ҷодаи илму адаб дар ин росто судманд хоҳад буд ва бархе аз мушкилоти имрӯзии моро низ рафъ хоҳад кард. Дар заминаи луғат ва сарфу наҳв печидагиҳои зиёд вуҷуд дорад ва мо, аҳли донишро, лозим аст, ки дар ислоҳи камбудҳои ҷойдошта, чи илмӣ ва чи омӯзишӣ, бештар саҳмгузор бошем.

Маводи луғати осори аҳли илму адаб яке аз манобеи пурарзиши луғатномаҳо ба шумор меравад. Дар саҳифаи таърихи тамаддуни мо номи беш аз дусад китоби луғат зикр шудааст, ки ҳар кадом ба паймонае аз ҳам фарқ мекунад ва ин луғатномаҳо бо сарвати вожаҳои худ дар ганҷинаи илму адаб ҷойгоҳи намоён доранд. Яке аз онҳо «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ҳисоб меёбад, ки дар даврони ҳукумати шӯроӣ, дар сахттарин айёми рӯзгори мардуми форсизабон, бо саъю талошу эҳтимоми донишмандони сарсипурдаи хидмати ҷомеа, амсоли устодони шодравон Носирҷон Маъсумӣ, Раҳим Ҳошим, Владимир Капранов ва Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ, ба дасти нашр расидааст. Дар миёни ин чор нафар нухбагон яке бо номи миллии хеш аз се нафари дигар тафовут дорад. Ба далеле, ки бархе аз хонандагони ҳассос сари қазияи сарсипурдагони хидмати ҷамъият пиромуни номи як тан аз онҳо нукта нагиранд, бояд тазаккур бидиҳем, ки эшон, яъне устоди арҷманд Владимир Александрович Капранов, ки равонаш шод бод, низ дар ин замина аз уламои ҳамватани мо камтар заҳмат ба харҷ надодааст. Ба вижа, дар ташаккули илми фарҳангнависию луғатнигории муосири мо саҳми ӯ боризтар ба назар мерасад ва алоқамандони бахши фарҳангшиносии Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакии назди Академияи улуми кишвар аз ин мавзӯъ хубтар огаҳӣ доранд. В. А. Капранов муддатҳо сарварии шуъбаи луғати Институтро ба уҳда дошт ва осоре зери унвони «Луғати фурс»-и Асадии Тӯсӣ ва нақши он дар таърихи луғатнависии тоҷикӣ

(форсӣ)» (Д.., 1964), «Луғати мухтасари русӣ-тоҷикӣ ва тоҷикӣ-русии синонимҳо» (Д., 1985) матбӯъ кард, ки бозгӯйи хидматашон хоҳанд буд. Ва, ба пиндори инҷонибҳо, муаллими фақид В. А. Капранов шояд яке аз ҷумлаи он таҳиягарони ин қомуси боаҳамияти миллӣ буда бошад, ки бо доштани масъулияти миёнҷигарӣ байни Душанбеву Маскав ин падидаи фарҳангӣ рӯйи чопро дид.

Лозим ба ёдоварист, ки солҳои бисти садаи XX профессороне, амсоли Шилд, кӯшиш доштанд, ки дар лаҳзаҳои ҳассоси сарнавиштсоз иртиботи фарҳанги муосирро бо гузашта («Забони адабии куҳна бо «Қуръон» бисёр наздик аст ва барои ин он ҳамеша дар байни оммаи васеъ таъсири динро пахн хоҳад кард») (65, 169-172) хадшадор кунанд ва мардумро аз нигоҳи маънавиёт ба бунбаст бибаранд, то ба аҳдофи муғризонаи сиёсии хеш ноил бигарданд. Аз ин ҷиҳат, тасмимгирӣ дар ростои анҷоми корҳои фарҳангие, ки бар суди миллат буд, Рустамона шуҷоат мехост. Тадвини «Фарҳанги забони тоҷикӣ »(иборат аз ду ҷилд, ҳудудан 1900 саҳифа)-ро яке аз ин гуна шоҳкорҳо метавон талаққӣ кард. Ин қомуси азими миллат наздик ба 45 ҳазор моддаи луғавиро дар бар мегирад, ки зимни панду андарзҳои нобиғагони арсаи ҳунару адаб ташреҳ ёфтаанд. Аз эҷодиёти саромади забони адабии форсии тоҷикӣ Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ гирифта то осори Шарифҷонмахдум Садри Зиё далоили фаровон баргузида шудааст, ки дархӯри завқу табъи муштариёни вожаномаҳо хоҳанд буд. Бо вуҷуди ҳама бартариҳо фарҳанг ба таҷдиди назар ва такмил ниёз дорад. Ин пешниҳод ғолибан ба фаро гирифтани сарвати луғати таълифоти удабои ҳавзаи мовароуннаҳрии адабиёти форсии тоҷикист. Бисёр воқеъ шудааст, ки дар ёфтани матолиби зарурӣ аз осори Носири Хусрав, Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, Шайх Камол, Абдураҳмони Ҷомӣ, Сайидову Аҳмади Дониш оҷиз мондаву ба қомусҳои дигар рӯ овардаем. Эҳтимолан, таълифкардагони «Фарҳанги забони тоҷикӣ», чунонки ишорат шуд, ба далели маҳдудияти фазои сиёсиву фарҳангӣ дар гузиниши мақулаҳои луғавии матлуб ба мушкилот мувоҷеҳ шудаанд, чи ки ганҷинаи луғати мероси бар-

хе аз фарзонамардони арсаи сухан ҷиддан мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст. Куллиёти Ҳоҷӣ Ҳусайн яке аз он маъхазҳои арзишманди ҳовии луғатҳои вофирест, ки назири онҳоро аз сарчашмаҳои дигар наметавон ба даст овард. Ва бояд хотирнишон намоем, ки аз доираи мероси гаронбаҳои ин мутафаккири пурмаҳсул дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ҷамъан дар тафсири 81 калима мисол оварда шудаасту бас, ки ниҳоят ночиз хоҳад буд. Дар сухани Ҳоҷӣ Ҳусайн вожаҳоеро, чи форсии тоҷикӣ ва чи арабӣ, метавон ба мушоҳида гирифт, ки дар саҳифаи фарҳангномаҳо инъикос наёфтаанд. Аз пажӯҳиши ганҷинаи луғати осори шоир ба ин натиҷа расидем, ки дар ҷиҳати корбурди калима ва таркибсозӣ назари фарох дорад. Байти зерин далели огоҳии ӯ ҳатто аз таърихи забонҳои эронист, ки болотар ҳам ба ин маънӣ ишорат кардем:

Ҷуз мазҳаби худ якҷиҳатон ҳич нафаҳманд,
З-алфози «Муҷастӣ»-ву зи «Занд»-у хати «Позанд» (158).

Чунончи, дар байти Ҳоҷӣ Ҳусайн калимаи **пунба** //**панба** ба ҳамон гунаи паҳлавии худ (pambak)(66, 814), аммо бо тахфифи пасванди тасғири **коф** (**-ак**), омадааст:

Ибрате нест, ҳама памбаи ғафлат дар гӯш,
Дидае нест, ки то боз кунад мижгоне (6).

Ин вожа дар лафзи мардум имрӯз ҳам бо ҳарфи мим (м) роиҷ аст. Аммо **памбагир** шоҳиди луғавиест, ки дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» зикр наёфта:

Парафшони ҳавои маҳфилаш ҳӯш,
Сурохӣ памбагир аз равзани гӯш (433).

Калимаҳоеро, ба гунаи **чакан, дутор, торӣ** маҳз аз Куллиёти Ҳоҷӣ Ҳусайн пайдо кардан мумкин аст ва луғатнависон онҳоро аз доираи назар берун гузоштаанд:

Модари айём кард з-атласи шафқат қумот,
Дӯхт бар андоми ту тори мурувват **чакан** (334).

Чун субҳи нахустин нафасе то ки кашидем,
Аз ваҳшати айём даридем **чакан**ро (33).

Чу тори зулфи туам дил зи тоб меларзад,
Ба ҳар даме ки занад **торӣ** бар **дутор** ангушт (89).

Вожаи арабии **хол** дар луғат ба маънои **таға, бародари модар** машҳур аст. Шамси Табрезӣ мефармояд:

Дило, ин тан адӯи куҳнаи туст,
Адӯи куҳна холу ам нагардад.(15, 488).

Ҳоҷӣ Ҳусайн бо иловаи пасванди калимасози тоҷикии –**а** ба калимаи **хол** вожаи **хола**ро сохтааст ё бо ин шакл онро аз забони халқ гирифтааст, чи ки имрӯз басе маъмул аст:

Вафо маҷӯ ту аз ин чарх, муддатест мадид,
Ки меҳри модариву илтифоти **хола** гузашт (56).

Мо дар гуфтору навишт калимаи **яклухт**ро истифода мебарем. Ҳатто ҳамин гуна ғалат дар «Луғати имло»(67, 224) мастур аст. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» сурати дурусту нодурусти ин вожа баробар ҷой гирифтаанд ва чунин шарҳ доранд: **якпора, яккитъа, ғайри шикаста; тамом, тамоман**. Дар имлои шоҳиде, ки аз Носири Хусрав мунтахаб гардида, тасарруф шудааст: «Бунёди шаҳр бар санге яклухт (яклахт-!) ниҳод»(66, 630). Дар забони тоҷикӣ вожае ба шакли **лухт** вуҷуд надорад. Аз ин рӯ, дар фарҳангномаҳо низ чунин вожа мавқеъ наёфтааст. Усулан, **лахт** дуруст аст ва чун дар забон мутадовил аст, қомуснигорон ба шарҳи он таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд ва, аз ҷумла, таҳиягарони «Фарҳанги забони тоҷикӣ» онро **ҷузъ, ҳисса, пора, қитъа; (лахт-лахт), пора-пора, чок-чок, порча-порча, қитъа-**қитъа(6, 596) маънидод намудаанд. Ҷо дорад, ин нуктаро

ҳам тавзеҳ бидиҳем, ки ба мурур дар густараи мафҳуми вожаи **лахт**, яъне аз замони рӯзгори яке аз пешоҳангони адабиёти форсии тоҷикӣ Абулқосими Фирдавсӣ (Биёмад зи туркон чу як лахт кӯҳ, Шуданд аз ниҳебаш далерон сутӯҳ, 6-1, 595) то айёми зиндагии Ҳоҷӣ Ҳусайн дигаргунӣ ба вуқӯъ омада:

Наярзад **лахт**и дил чун аз сари мижгони пурхунам,
Нафас дар синаам ҳамчу синони Бижан аст имшаб (52).

Шарҳи муҳаққиқони забони форсӣ Ҳасан Амид ва Ҳасан Анварӣ дар мавриди мафҳуми калимаи **яклахт** тақрибан ба назари мусаннифони «Фарҳанги забони тоҷикӣ» мувофиқ аст: **якпора, якдаст, яксон** (68, 1111); **ба ҳам пайваста**(69, 8567)… Бо ҳамчунин маонӣ **яклахт** дар сухани Ҳоҷӣ Ҳусайн ҳам омада:

Чу курсӣ пояаш шуд осмонтахт,
Чу аршаш боми мазмун баста **яклахт** (494).

Аммо аз куҷо маншаъ гирифтани калимаи **яклухт** равшан нест ва зери суоли мо қарор дорад. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ба маънои **изҳор, баён** аз вожаҳои **арз** ва **арза** баробар кор гирифтаанд, ки беҷо нахоҳад буд, вале аз ин ду исм бо феъли **доштан** ба сурати мураккаб танҳо вожаи **арза** (**арзадошт**, гувоҳ аз Аҳмади Дониш) оварда шудааст, ҳол он ки дар насри Ҳоҷӣ Ҳусайн калимаи **арздошт** низ мустаъмал аст: «Арздошти бандаи қадимиву ризоҷӯйи самимӣ ба маърази пояи сарири хилофатмасир… расида, маъруз бод, ки… аз уҳдаи ташаккури андаке ин утуфат намебароям» (502).

Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» мутобиқи қолаби калимасозии **дилафтода** (6-1, 374), **дилбурда** (6-1, 375), **дилдода** (6-1, 375) вожаи **дилмонда**, ки байни мардум машҳур аст, ба чашм нахӯрд. Мафҳуми **дил мондан** дар таъбири **аз дил мондан** ба маънои **озурда шудан** дар шеъри Хоҷу баён шудааст, ки муаллифон онро ба эътибор гирифтанд:

Дил чу рӯяш дид, ҷонро дарбибохт,
Хотири Хоҷӯ азим аз дил бимонд (6-1, 373).

Аммо дар назми Ҳоҷӣ Ҳусайн мазмуни **дилмонда** бо пайгирӣ аз суннати маъмули таркибсозии вожаҳо, амсоли **озурдадил** (байт аз Азиз):

Дар даҳр надидем касеро, ки набошад
Озурдадил аз ваъдаи ҳар шому пагоҳат (6-1, 907).

дар сурати **мондадил** ифода ёфта, ки ҷойи он дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» холист:

Дили ҳар мондадилеро зи хиёли ту сурур,
Дили мотамзадаро ёди висоли ту фараҳ (99).

Дар Куллиёти устод Ҳоҷӣ Ҳусайн шабеҳи маводи луғавии мазкур шоҳиди бисёре мавҷуд аст, ки лоиқи баррасиву ҷойдиҳӣ дар луғатномаҳо хоҳанд буд. Инак, намунае аз он баргузидаҳоро хидмати дӯстдорону ҳаводорони забони ноби форсии тоҷикӣ арза хоҳем дошт:

**орзуталош**:
Орзуталошам ман, мансаби надомат ин аст,
Аз ҳубоби ҷисмонӣ то бувад рамақ пайдо (43).

**оҳанкор**:
Аз сияҳкорон наёяд санъати шоистае,
Теғро каҷпайкарӣ ҷуз айби оҳанкор нест (68).

**чорроҳ**:
Ҳоҷӣ, барои дидани рӯят ба чорроҳ
Умре нишасту дидаи худ чор карду рафт (69).

**раҳгир:**
Хиҷолат нест бар девона раҳгир,
Надорад ҳукм бар ӯ банду занҷир (444).

**паноҳҷо**:

Ҷойи он омад, ки ҳар кас ба мултаҷое илтиҷо намояд ва ҳар тан бо паноҳҷое ҷой гирад (501).

**рӯтурушон:**

Ман-ҳам ба ғалат меҳр бар абнои замона,
З-ин рӯтурушон ҳусни мулоқот куҷо? (31).

**сабзадор:**

Саводи дафтари ҳусни туро чӣ мазмун аст,
Хати ғубори варо сабзазор мебинам (254).

**шишагар:**

Ҷавҳари дил фусурда шуд, то ба ҳузур ворасид,
Шиша ба машқи имтиҳон суда намуд шишагар (172).

## ЭҲЁИ ВОЖАҲО ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Яке аз муҳаққиқони барҷастаи соҳаи луғатшиносӣ Носирҷон Маъсумӣ дар зимни масъалаҳои зиёди наомӯхтаи забони тоҷикӣ таҳқиқи дигаргуниҳои дар таркиби луғавии он ба вуҷудомадаро муҳим дониста(33, 123), ҳамзамон, мулоҳизаҳои хешро оид ба таълимоти Н.Я.Мар ва ҷонибдорони ӯ, ки «суръати кори забоншиносонро суст карда» (33, 128) дар баррасии масоили мухталифи забон ва грамматика монеи фаъолияти босамари онҳо шуда буд, баён намуда, хостааст, ки диққати олимони ҷавонро ба омӯзиши вазъи забони тоинқилобии тоҷик, ки муғризона ҳамчун «забони феодалӣ» (33, 49) мавриди баҳс қарор гирифта буд, ҷалб намояд.

Аз мундариҷаи навиштаҳои устод Н. Маъсумӣ бармеояд, ки ҳалли қазияи забони тоҷикӣ тавъам бо масоили сиёсӣ ва тарҳрезии нақшаи инқилоби Октябр дар Осиёи Миёна будааст, ки солҳои бистуми асри гузашта дар ин замина баҳсҳои шадиде ба миён омад ва ҳатто мавҷудияти забони тоҷикиро

дар зери хавфу хатар гузошт. Ин мавзӯъ барвақт пайгирӣ шуда будааст, ки шарқшиносоне чун профессор Х. Шилд бо дилпурӣ «дар бораи кор наомадани забони адабии куҳна» андеша ронда, ба далели наздикии он бо китоби муқаддаси «Қуръон» забони адабии пешинаро зарарнок ҳисоб кардаанд (65, 169-172).

Яке аз ҷиҳатҳои эроду интиқоди профессор Х. Шилд ба мероси фарҳангии пешинаи мо, ба сарвати луғавии забон, аз ҷумла, ба унсурҳои иқтибосии арабӣ, тааллуқ дорад, ки он фазои маънавӣ бе онҳо тасаввурнашаванда аст, зеро дар ҳаёти сокинони Осиёи Миёна, аз ҷумла, «…тоҷикон ва соири мусулмонҳо калимаҳои аз ҳадду андоза беруни арабӣ ва қоидаҳои ӯ хеле як мавқеи калоне ба худ гирифтааст. Ин, албатта, аз таъсири дин, илму маорифи динӣ, сиёсати исломӣ мебошад»(70, 63). Чун забон ҳодисаи иҷтимоист, аз ин ҷиҳат тағйироти дар он ба амал омада табиатан дар осори аҳли қалам инъикос меёбад ва ин матлабро сухани Абдулқодири Бедил – «Дар халқ буруни халқ будан ғалат аст» таъйид менамояд, яъне адибон маҳз бо таъсири вазъи фарҳангии замони худ метавонанд осор биофаранд. Устод Н.Маъсумӣ ба тадқиқи забон ва услуби Аҳмади Дониш машғул шуда мулоҳизаҳои зерро баён кардааст, ки ба манзури назари мо мувофиқ хоҳанд буд: «Аҳмади Дониш дар забон ва услуби адабӣ…(С.А., Х.Т.) аз истеъмоли аз ҳад зиёди калимаҳои арабӣ халосӣ надошт… Агар масъалаҳои таърихӣ, илмӣ-фалсафӣ ва динӣ муҳокима карда шаванд, калимаҳои арабӣ ниҳоят зиёд мешаванд. Маълум аст, ки нависанда истеъмоли онҳоро ҳамчун нормаи луғавӣ ва терминологии замонҳои гузашта ва давраи худ зарур ва лозим донистааст» (10, 84).

Дар баҳсҳои гоҳе дур аз мантиқи охири солҳои бистум бархе аз донишмандони тоҷик, ки ба таъсири фикрҳои боғарази забоншиносони хориҷӣ, ки бо ниятҳои сиёсии онҳо мувофиқ буд, монда буданд, саҳми фаъол гирифтанд, ки қариб буд бо кӯшиши онҳо забони мо асолати худро гум мекард. Бо вуҷуди аз доираи суҳбати мо дур будани баҳси батафсили масъалаи мазкур ба иртиботи ин мавзӯъ ибрози

як-ду сухани дигарро айни муддао мешуморем, яъне гуфтанием, ки дар он айёми таҳлукаангез дар миёни анбӯҳи каҷназарон боз ашхосе буданд, ки аз рӯйи имону виҷдон, боҷуръат нисбат ба баррасии қазия мавқеи ростиро гирифта, аввалан, ақидаи забони алоҳида будани форсӣ ва тоҷикиро нодуруст ҳисоб кардаанд. Яке аз онҳо Т. Зеҳнӣ будааст, ки гуфтааст: «Тоҷикии адабие, ки форсияш меномем, забони байналмилалии форсизабонон аст. Имрӯз чи дар Афғонистон, чи дар Эрону Ҳиндустон, ҳамин забони форсӣ ба кор бурда мешавад, дар ҳама ҷо яклухт ва як хел аст, бояд нахоҳем ба ҷое ки инсонҳо гирд ва фароҳам оянд, аз якдигар ҷудо ва парешон афтанд…(С.А.,Х.Т.). Чӣ зарур аст, ки мо, форсизабонони Шарқ, шеваҳои ҷудогонае, ки ҳанӯз дар майдони матбуот ва адабиёт пайдо нест, офарем, ҳосил созем ва аз ҳам пошем ва пора-пора гардем» (71, 33). Поёнтар олими маъруф аз мулоҳизаҳои боло чунин натиҷа гирифтааст: «Агарчи дар иншопардозиҳои нашр ва дар услуби хомасаройӣ миёни Эрон ва Мовароуннаҳр ва Ҳиндустон фарқе мавҷуд бошад ҳам, дар ҳайати маҷмӯаи забон, монанди наҳв, хусусан сарф, фарқу ҷудоӣ нест» (71, 34).

Пажӯҳишгари дигар таҳти унвони Қосимов дар навиштаи худ – «Дар бораи камбудиҳои забони тоҷикӣ. Нависандагон ва мундариҷоти матбуоти тоҷикӣ» гӯё дар тақвияти суханони Т. Зеҳнӣ бар рағми онҳое, ки андешаи «сода кардан»-и забони тоҷикиро пайгирӣ мекарданд, навиштааст: «Онҳо (тарҷумонҳои камтаҷриба – С.А., Х.Т.) мехостанд, ки ранге ба абрӯйи забон бикашанд, баъдтар чашми вайро кӯр мекарданд»(72, 88).

Дар ин замина фикри саҳеҳро устод С. Айнӣ пешниҳод кардааст: «Ман шахсан ба кор фармудани баъзе суханҳои арабӣ, ки имрӯз дар забони форсу тоҷикӣ ҳазм шудааст, муқобил нестам. Ва, инчунин, кор фармудани истилоҳҳои илмии адабиро, ки аз имрӯза форсӣ ё тоҷикӣ ба ҷойи онҳо сухани қобил ёфт намешавад, лозим медонам» (73, 77-82).

«…бо нестангорӣ (ниҳилизми инқилобӣ), – менависад Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ, – дар забон равандҳое низ оғоз ёфтанд, ки аз баъзе ҷиҳатҳо хилофи роҳи таърихии

бештар аз ҳазор сол буданд, рушди забонро аз вижагиҳои таҳаввули таърихӣ ва табиъиву одатии он дур мебурданд ва ба роҳҳои нави бегона ва ғайриодӣ равон карданд» (74, 4).

Баъди музаффарияти инқилоби Октябр ба омӯзиши мероси классикон, сарфи назар аз мавқеи ҷуғрофиёӣ ва ҳавзаи адабии онҳо, ғолибан аз дидгоҳи ба талаботи «замони нав» носозгор будани мазмуну шакли онҳо нигаристан шурӯъ шуда, даҳсолаҳо идома ёфтааст. Аз ҷумла, ба эҷодиёти Ҳоҷӣ Ҳусайн, «яке аз ситораҳои дурахшони олами илму адаби нимаи дуюми асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ»(75, 126) ҳамин гуна муносибат шудааст. Монанди «гузаштагони бомаърифати хеш дар тафсири Қуръони карим, илмҳои калому ҳадис ва тасаввуф дасти тавоно доштан» ба эҳтимоли қавӣ «иллати» дар кӯйи фаромӯшӣ мондани эшон шудааст. Бо ҳамин назар ба таҳқиқи осори пешиниён муносибат «ихтироъ» шудааст, ки Ҳоҷӣ Ҳусайн низ ба ҳамин гурӯҳ шомил мебошад ва агар нашри «Асарҳои мунтахаб»-ро, ки бо эҳтимоми матншиноси моҳир Саидумар Султон анҷом ёфтааст, истисно кунем, чизи дигаре роҷеъ ба аҳвол ва афкори динию таърихӣ, илмӣ-фалсафӣ, бадеияти сухан, ҳунари хаттотӣ ва дигар ҷиҳатҳои эҷодиёти ин адиби хушкалом таълиф наёфтааст. Мавзӯъҳои ёдшуда ва, ба хусус забони назму насри шоир, ниёз ба пажӯҳиши амиқ дорад.

Дар заминаи тадқиқи масоили забони эҷодиёти адиб таркиби луғавии он қобили мулоҳиза ва баррасӣ хоҳад буд. Ҳамон гуна ки дар аввал ба моҳияти масъала иҷмолан ишора шуд, дар байни маводи луғати истифодакардаи Ҳоҷӣ Ҳусайн вожаҳои пешинаи форсӣ-тоҷикӣ ва, махсусан, аносири арабӣ, аз калимаҳо гирифта то таркибу ҷумлаҳо, ҷойгоҳи вижа дорад. Корбурди ҳамчунин унсурҳо баёнгари бетафовутии ин адиби барҷаста нисбат ба фарҳанги миллӣ набуда, балки гӯёи вусъати назари ӯ ба воқеият аст. Ҳоҷӣ Ҳусайн дар бобати корбурди вожа ва сохтумони он диди фарох дорад. Ҳисси баланди ватандӯстӣ, ки мазмуни байти поён онро тасдиқ менамояд:

Рафти сухан бар сари Хатлон бувад,
Ҳубби ватан гӯшаи имон бувад (423).

ба шоир тавфиқ додааст, ки аз ганҷинаи забони мардум дурдонаҳоеро интихоб кунад, ки то замони қалам ба даст гирифтани ӯ аз миёни адибон касе онҳоро дар навиштаҳои худ наоварда бошад ва, ё, бо риояи дастури калимасозӣ вожаҳое сохтааст, ки маҳз ба қалами суханпардози ӯ вобастаанд. Вале ин ҷиҳати забони эшон мавзӯи гуфтугузори алоҳида хоҳад буд. Инак, пурсише пеш меояд, ки он аносири иқтибосии Ҳоҷӣ Ҳусайн чӣ гунаанд, ки мавриди баҳси мо қарор доранд?

Ба аҳли таҳқиқ пӯшида нест, ки баъди истилои араб ва пирӯзии ислом унсурҳои зиёде ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ ворид шуданд, ки гурӯҳи бузурге аз онҳо то имрӯз мустаъмаланд ва ҳатто, дар заминаи луғат бахши фаъолро ташкил медиҳанд, ба монанди **китоб**, **мактаб**, **мактуб**, **котиб**, **илм**, **муаллим**, **таълим**, **дарс**, **амал**, **ҳаёт** ва ҳоказо, ки аз корбурди ин гуна калимаҳо гузир нест. Тарафдорони равияи сода ва оммафаҳм кардани забони тоҷикӣ дар баробари чунин воҳидҳои луғавии вомгирифта (муқтабас) ва ҳатто, вожаҳои қадимаи форсӣ-тоҷикӣ ҳеҷ тадбире андешида натавониста бошанд ҳам, ба таъбири халқ, аз зин фуромаданро ба гардан гирифтанд, аммо аз узангу фуромаданро не, яъне дар садади муқовимат бар рағми истифодаи калимаву ибороти «куҳна»-ву «динӣ» қарор гирифтанд, ки ин амали эшон боиси коҳиши асолати забони куҳансол ва пурғановату рангини тоҷикӣ гардид, ки дар ин бобат аз солҳои ҳаштод ба ин сӯ бисёр навиштанд. Аммо кишварҳои ҳамзабони мо, амсоли Афғонистону Эрон, сарфи назар аз баъзе мушкилоти навишторӣ, хушбахтона, аз ин гуна «тундбодҳои» сиёсӣ эмин монданд ва дар ҷиҳати корбурди маводи луғат, чи аслӣ ва чи иқтибосӣ, худро аз таассуб ба канор гирифтанд. Бинобар ин калимаҳое, ки баёнгари дороии забони форсӣ, дарӣ, тоҷикӣ ва «молӣ» муштараки ба истилоҳ соҳибони ин забонҳо дар собиқ ба шумор мерафтанд, баъди рахнаи сиёсии соли 1920 дар Бухоро ва тобеияти он гӯё ки модари худро

гум кардаву аз он ҷудо шуданд, балки «ятим» монданд, ки дигар ҳеҷ назари гарм ва боилтифоте эҳсос намекарданд. Агар шоирона бихоҳем матлабро иброз намоем, дар самти Варорӯдии Эронзамин ин унсурҳои луғавӣ то замони Истиқлол ҷойи хешро аз оғӯши пурмеҳри каломи оташини аҳли қалами ба истилоҳ классик, ба вижа Ҳоҷӣ Ҳусайн, тарк накарданд. Давраи Истиқлол мӯҷиби таҳаввулот дар сохтори ҷомеа шуд, ҷаҳонбинии миллӣ тағйир хӯрд, дар муҳити фарҳангӣ низ дигаргунӣ ба вуҷуд омад ва роҳи камолоти забон ҳам кушода гардид. Шукуров Г. дуруст навиштааст, ки «муҳимтарин таҳаввулоти ин давра аз он иборат аст, ки дастае аз вожаҳое, ки дар кунҷи фаромӯшӣ буданд, аз нав эҳё гардиданд, мисли **мавод**, **тафриқа**, **теъдод**… ва ғайра… зуҳури ин гуна вожаҳо ғановати забони тоҷикиро афзуда, пойгоҳи луғавӣ ва мавқеи онро устувор сохтааст»(76, 37).

Ҳамчунонки хотирнишон сохтем, калимаҳое, назири **мавод**, **тафриқа**, **теъдод** ва ғайра дар осори ин адиби соҳибқалами мо – Ҳоҷӣ Ҳусайни Хатлонӣ бидуни кадом фишоре, бе маҳдудияти табақотӣ ва бе таассуби ҳунарӣ, вобаста ба завқу салиқаи ин хомазани моҳир ва бо иқтизои вазну сабки баён ба кор рафтаанд ва, инак, мо маҷол дорем, ки дар атрофи чанде аз онҳо изҳори андеша намоем.

Зимнан, бояд тазаккур бидиҳем, ки калимаҳои мавриди баҳс гурӯҳи фаъоли таркиби луғавиро ташкил медоданд ва дар айёми мо маҳз дар забони форсӣ ва дарӣ аз он «фаъолият» бархурдор монданд. Ба далеле, ки охири солҳои ҳаштодум ва, хусусан, дар панҷсолаи аввали давраи Истиқлол ин гуна вожаҳо ба муқовимати сахти иддае аз ҳамватанони мо, ки дар табиати онҳо асари равияҳои сиёсии «фақиру бечора» нишон додани забони фасеҳи тоҷикӣ ҳис карда мешуд, рӯбарӯ омаданд ва ҳатто, онҳоро «афғони»-ю «эронӣ» арзёбӣ менамуданд, тасмим гирифтем, ки дар мисоли забони Ҳоҷӣ Ҳусайн ҳаққи истифода доштани онҳоро дар забони тоҷикӣ ба исбот бирасонем. Маводи интихобкардаи мо ба ҷуз вожаҳои **пажӯҳидан**, **пазируфтан**, **подош** ва **ройгон** боқӣ аз забони арабӣ ба тоҷикӣ гузаштаанд ва бо онҳо шоҳид хоҳем овард:

**мақомот** – ҷ. **мақом**, мартаба(ҳо), рутба(ҳо), манзилат; вазъи ҳуқуқӣ; **мақоми давлатӣ додан**, яъне ба дараҷаи давлатӣ бардоштан; **мақомоти ҳифзи ҳуқуқ** идораҳои ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандон:

Ҳоҷӣ, аз пешаи сабр мақомоти баланд
З-ин адо шуҳрати рафъат ба ҷаҳон дорад кӯҳ (292).

**маҳсус** – он чи ҳастии он ҳис карда мешавад, ҳисшаванда, эҳсосшаванда:

Зи набзаш то тапиш маҳсус мегашт,
Табиби набзбин маъюс мегашт (467).

**маҷмаъ** – ҷамъомадгоҳ, ҷойи гирд омадан; маҷлис, маҳфил; ҷамъият; **Маҷмаи умумӣ** номи яке аз мақомоти асосии Созмони Милали Муттаҳид:

Дар маҷмаи ҷамъи хушнамоён
Монанди ту хушнамо кам омад (145).

**муғтанам** – ғанимат шумурдан: **муғтанам донистан** а) ғанимат шумоisær; б) ба қадри чизе расидан:

Муғтанам дор косаи чӯбин,
Ҷоми чинӣ андар диёри Фағфур аст (90).

**мусаллам** – таслимшуда, тандода, тобеъшуда; эмин, сиҳату саломат;
яқин, муайян, бе чуну чаро:

Мусаллам бо ду зулфат дилрабоӣ,
Муҳаққақ бо ду чашмат фитна кардан (273).

**мутталеъ** – хабардор, огоҳ, бо иттилоъ:

Зи дарди дилу оҳи пирӯзи ман
Мутталеъ бар ӯ осмон аст бас (185).

**мухтареъ** – ихтироъкунанда, ба вуҷуд оваранда, созанда, офаринанда, ихтироъкор:

Ба пешат он чи кард ин мухтареъ соз,
Бадоеъ сунъҳо ин санъатоғоз (473).

**муҷаддад** – таҷдидшуда, навшуда; навпайдо; нав, тоза:
Аз нисбати ту рутбаи аҷдод Муҳаммад,
Аз ҳиммати ту турбати аҷдот муҷаддад (217).

**озим** – он ки ба иҷрои коре қасд ва ирода кардааст; қасдкунанда; равона, раҳӣ:
Хештан озими Бухоро шуд,
Чун қазоро чунин тақозо шуд (372).

**пажӯҳидан** – дар луғат ба маънои ҷустуҷӯ, кофтуков, омӯзиш ва таҳқиқ аст, **пажӯҳӣ**, ба гумони ғолиб, сурати тахфифёфтаи он аст:
Бар қалам чанде гуфтугӯ кардам,
Ин пажӯҳӣ барои ӯ кардам (369).

**пазируфтан**
Ҳоҷиро, албатта, он рӯз пазирӣ ба қабул,
Ки рақиби табоҳи рӯйсиёҳе накушӣ (304).

(Ҳоҷӣ Ҳусайн **пазируфтан**ро ба маънии **қабул кардан**, ки дар тоҷикии имрӯза хеле ривоҷ дорад, овардааст, аммо гуфтан ба маврид хоҳад буд, ки калимаи **қабул** дар байти мазкур мафҳуми **ҳузур**ро дорад).

**подош** – ҷазо, сазо; мукофоти амал, музд:
Ҳоҷӣ, чу қалам баста камар баҳри ғуломӣ,
Дар ҷурму гунаҳ гир ба подоши савобаш (201).

**ройгонӣ** – ин ҷо ба маънои **ба осонӣ, муфт** (Вожаи **ройгон** худ мафҳуми

**муфт, маҷҷони**ро дорад, яъне он чи бидуни сарф аз хазина ё ранҷу заҳмат ба даст ояд):
Рафтам ба абас дами ҷавонӣ
Сармоя зи каф ба ройгонӣ (367).

**тадорук** – фароҳам кардан, омода сохтан; тайёрӣ, омодагӣ; чора,тадбир:
Тадорук ҷуст бар он сози хомӯш,
Садое бар кунад, то оядаш хӯш ( 470).

**таҷдид** – аз нав сохтани чизе, нав кардани чизи мавҷуд:
Баҳори гулфурӯши олами ҳол,
Ниҳоли гулшани таҷдиди амсол (415).

**хашин** – сахт, дурушт, ноҳамвор; бадхӯ, бадмуомила:
Ман шефтаи маҳи ҷабинат,
Кулфаткаши тинати хашинат (82).

**ҳуззор** – ҷ. **ҳозир**; ҳозирон:
Дили ҳуззор аз ин гуфтори хунин
Парешон шуд яке чун иқди Парвин (487).

**ҷурм** – гуноҳ, айб:
Ҳоҷӣ, чу қалам баста камар баҳри ғуломӣ,
Дар ҷурму гунаҳ гир ба подоши савобаш (201).

**шомил** – фарогиранда, дарбаргиранда; **шомил будан** дохил будан:
Ё раб, ӯ бар ҳоли мо – афтодагон раҳматбар аст,
Лутфи худро шомили ҳолаш ба ҳар ду дор дор (385).

**эҳсо(ъ)** – шумор, ҳисоб, баҳисобгирӣ:
Ҳарчанд ки эҳсони туро эҳсо(ъ) нест,
То ҷон бувадам, шумора медонам ман (351).

Ин гуна мисолҳо дар Куллиёти Ҳоҷӣ Ҳусайн бисёр ба чашм мехӯранд. Ин мавқеъ шарҳи бархе аз онҳоро кофӣ донистем.

# ШЕВАИ ВОЖАСОЗИИ ҲОҶӢ ҲУСАЙН

Донишманди маъруф Носирҷон Маъсумӣ ба омӯзиши вазъи таркиби луғавии забони адабии тоҷик ( асрҳои X-X1X) машғул шуда бо эҳсоси масъулияти дар назди олимони забоншиноси тоҷик буда гуфтааст: «Таърихи чандинасраи забони адабии тоҷик, ганҷинаи бойи забони адабӣ ва вазъияти ҳозираи кор карда шудани вай нишон медиҳад, ки масъалаҳои зиёди забони тоҷикӣ ва грамматикаи он ҳанӯз кор карда нашудаанд. Яке аз онҳо масъалаи таркиби луғавии забони тоҷикӣ ва тағйироти дар давоми асрҳо дар ин соҳа ба вуҷуд омада мебошад. Ин вазъият дар ҳалли як қатор масъалаҳои забоншиносии тоҷик душворие ба вуҷуд меоварад» (33, 128).

Аз интишори ин хулосаи устод 60 сол (бори аввал ин матлаб дар маҷаллаи «Шарқи сурх» ба табъ расида буд) гузашта бошад ҳам, дар заминаи тадқиқи бисёр ҷиҳатҳои таърихи забон мушкилот боқӣ монд. Ба хусус, дар мавриди омӯзиши забони адибон. Бо дарки амиқи аҳамияти ин масъала, баъдтар сарвари адибони Тоҷикистон, устоди шаҳир Мирзо Турсунзода дар яке аз маҷлисҳои раёсати Иттифоқи нависандагон андешаи худро батаъкид чунин иброз дошт: «Дар филологияи тоҷик диссертатсияе, ки қувва ва зебоии забони ягон классикро таҳлил карда медода бошад, мавҷуд нест. Ва ҳол он ки таҳлил кардани, масалан, забони Фирдавсӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Умари Хайём кори бисёр муҳим мебуд ва ба адабиёти мо, ба нависандагони ҷавони мо фоидаи калоне мерасонд »(34).

Мусалламан, бо тақозои замон ва ҳам дар партави ҳидояти чунин мутафаккирон дар амри таҳқиқи масоили гуногуни таърихи забон, алалхусус, таркиби луғавӣ, вижагиҳои наҳвӣ, услуб ва сабки баён, рисолаҳое ба миён омаданд, ки чун бозёфти илмӣ метавон онҳоро унвон дод. Аммо баёни феҳристи онҳо ин мавқеъ имкон надорад ва давраи то замони Истиқлолро ҳам шоиста нест, ки аз ин лиҳоз бекомёбӣ муаррифӣ намоем. Боз ҳам, шароити нави иҷтимоиву фарҳангӣ муҳити созгори пажӯҳишро фароҳам

овард ва ҳалли қазияи мазкур дар ин айём диди тозаву пурсамарро интизор аст. Усулан, ҷиҳати рушди забони муосири тоҷикӣ, ки дар аҳди шӯрой аз сарчашмаи пурғановати, ба истилоҳ классикии худ, ба таври маснуӣ фосила пайдо кард, омӯзиши осори назмиву насрии пешиниён аз манфиат холӣ нест. Воқеият ин аст, ки ба андозаи дастрасӣ пайдо намудан ба мутолиаи маҳсули қалами андешамандони гузашта масъалаҳои омӯхтанӣ зиёд ба миён меоянд ва баррасии онҳо, чунонки ишорат рафт, бе суд нахоҳад буд. Ба вижа, забони адабиёти мо,ки «забони маҷмӯаи бахшҳои зиндагии ҷомеа аст»(35), бо сарвати луғавии худ имтиёз ва ҳам ниёз ба тадқиқ дорад, зеро «таркиби луғавии забон дар рафти инкишофи худ шароитҳои таърихии замонро инъикос намуда, такмил меёбад ва бой мегардад» (36, 15).

Забони форсии тоҷикӣ аз давраи чун забони давлативу расмии ҳукумати Сомониён ташаккул ёфтан ба ин тараф марҳалаи такомули таркиби луғавиро паси сар кардааст, ки ин вазъ дар забони осори удабо мушоҳида мешавад.

Ба ин маънӣ профессор М. Н. Қосимова мефармояд:

«... тадқиқу таҳлил ва омӯзиши забони адабӣ дар марҳилаҳои мухталифи таърихӣ барои муайян намудани хусусиятҳои луғавӣ, грамматикӣ ва услубии забони адабии асрҳои гуногун ёрии калон мерасонад»(38,3). «Зеро дар таърихи забон ва таърихи забони адабии тоҷик гавҳарҳои ноаёни забони тоҷикӣ нуҳуфтаанд, ки кашфи онҳо боиси ғанӣ гардидани илми забоншиносии тоҷик ва фарҳанги маънавии мардум мегардад. Ҳамчунин, дар замони нави сиёсию иқтисодӣ ва фарҳангию иҷтимоӣ омӯзишу тадқиқи забони тоҷикӣ аҳамияти байналмилалӣ касб менамояд»(39, 6).

Назари мо низ ба баррасии мавзӯъ аз ин дидгоҳ сурат гирифт, зеро сухани Ҳоҷӣ Ҳусайн ҳам дар ин замина маводи зиёд дорад. Махсусан, дар калимасозӣ шоир аз хеш халлоқият нишон дода, аз ганҷинаи луғати забон фаровон баҳра бардоштааст. Ва он чи ки мо рӯйи даст овардем, ба рушди забони имрӯза низ мусоидат хоҳад кард, зеро ин қазия аз қазоёи муҳимми барномаи инкишофи тадриҷии забон дар шароити Истиқлолу бозсозист, ҳамчунонки Сарвари

давлати мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон онро ҳамеша дар мадди назар доранд: «Мо барои равнақи забони модарии худ боз ҳам бештар ғамхорӣ хоҳем кард, онро ҳамчун гавҳари қиматбаҳои миллӣ ҳифз хоҳем кард»[1].

Мусалламан, яке аз сарчашмаҳои «равнақи забони модарӣ»-и мо ганҷинаи забони осори классикони адабиёти пешинаамон ҳаст, ки ниёз ба тадқиқ дорад. Бо амри тақдир дари омӯзиши афкор ва бадеияти сухани ӯро ба рӯямон боз мебинем. Ва ин суханони Президенти кишвар манбаи илҳоми мо дар заминаи баррасии забони осори эшон хоҳад буд.

Бояд ба арз расонд, ки то ин ҷо дар атрофи хусусиёти луғавии забони ашъори Ҳоҷӣ Ҳусайн изҳори андеша шуд ва то ҳадде баъзе паҳлуҳои ҳунари вожагузинии ӯ мавриди гуфтугузор қарор гирифт. Инак, дар ин боб ба самти дигари фаъолияти қаламкашии эшон таваҷҷуҳ хоҳем дошт, яъне ба паҳлуҳои ҳунари калимасозии ӯ, ки ба ин дастур ва ё бо истифода аз шеваҳои мухталифи вожасозӣ калимаҳои фаровонеро ба вуҷуд оварда ва захираи луғатро ба андозае ғанӣ гардондааст, ки қобили баҳс ва андеша хоҳад буд. Дар воқеъ, «калимасозӣ аз бахшҳои калони забон ба ҳисоб меравад. Он яке аз роҳҳои ғанӣ ва бойшавии таркиби луғавии забон аст»(36, 123). Бад-ин васила аҳли қалам забонро рангину шевову муассир месозанд. Ва рангиниву шевоиву расоии сухан, аз сӯйи дигар, бозгӯйи натиҷаи заҳмату кӯшишҳои ҳамешагии онҳост. Донишманди эронӣ Рашид Курмонч барҷо мефармояд: «Вожагони мавриди истифодаи ҳар шоир нишондиҳандаи ғанои он забон ба шумор меравand ва далолат бар он мекунанд, ки шоир то чи андоза тавонистааст, ки аз имконоти луғавию дастурии забон ва саноеи бадеӣ истифода кунад»(43, 285). Вазъи манзараи забон ва сабки баёни Ҳоҷӣ Ҳусайн ҳамин гуна аст: вожа ва таркиботи сохтаи ӯро аз осори адибони дигар наметавон пайдо

---

[1]. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ дар маҷлиси тантанавӣ бахшида ба 15-солагии Истиқлолияти давлатии ҶТ ва Соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ//Рӯзномаи «Ҷумҳурият», 2006, 8 сентябр.

кард, ҳатто луғатнигорон ҳам ҳавсала накардаанд, ки ағлаби онҳоро ба доираи ташреҳ бикашанд. Инак, ба тавзеҳи маҳорати калимасозии шоир, ки тавассути унсурҳои сарфӣ сурат гирифтааст, хоҳем пардохт.

### Бо пешвандҳо сохта шудани исм

а) бо пешванди **ҳам-**. Ин пешванд «бо исмҳо омада, маънои ҳамбудӣ, баробарӣ, монандӣ ва яксон будани чизеро бо чизи дигар баён мекунад»(44, 141). Аз назми Ҳоҷӣ Ҳусайн чор далели тоза ба даст овардем, ки дар ду маврид ин пешванд бо решаҳои тоҷикӣ, яъне исму феъл омада исми нав сохтааст, ки мафҳумҳои ҳамбудӣ, ҳамроҳӣ, ҳамзистӣ ва иттисолро мерасонад:

Ба як ҷо ҷамъашон оред бо ҳам,
Маро **ҳамхокашон** созед тавъам (450).

Ба хунат ҷоми ишрат гашта лабрез,
Тараб кам карда бо усрат **ҳамомез** (450).

Ба ин васила аз килки суханофари шоир бо исмҳои арабии **эъҷоз** ва **ҷилва** калимаҳои нав ба вуҷуд омада, ки мафҳуми ҳамдиливу ҳамрангиро мефаҳмонад:

Ҷойи он бо мардуми ағёр дар ғайрат шаванд,
Мераванд ҳамрозу ҳамовозу ҳамъэҷозу ёр (382).

Боли парвозат набошад чун шарар ҳамҷилвае,
Ҳамчу кирмон то ба кай бо гирди худ хоҳӣ танид?
(147).

б) дар шеъри шоир дар заминаи корбурди пешвандҳои сифатсоз, бахусус пешванди **но**– , гурез аз қоидаи дастурӣ эҳсос мешавад. Воқеан, **но**– «дар сохтани сифат нисбат ба префиксҳои дигар сермаҳсул ва серистеъмол мебошад. Вай аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ сифати аслӣ месозад, ки акси

маънои асос, молик набудани мавсуфро ба он ифода мекунад ва ё ҳолати предметро мефаҳмонад»(45-1, 144). Инчунин, дар адои ин вазифаҳо зиёд ба кор рафтааст, аммо бар хилофи қоидаи роиҷ ба аввали исмҳои арабӣ пайваста исми нав, бо доштани мафҳуми манфӣ, сохтааст:

**Ноаминон** ва **ноқабул** (исми амал) намунаи чунин калимасозианд:

Саъри қиматҳо музоаф шуд аз ин аҳли саъир,
Роҳҳо з-ин **ноаминон** танг шуд бар раҳгузар (376).

Суъубат нест маҳшарро бар он ҳол,
Ки резад **ноқабуле** хуни омол (488).

## Бо пасвандҳо сохта шудани исм

1) пасвандҳое, ки исми баёнгари мафҳуми шахсро месозанд: –**чӣ; –гар**:

а) пасванди –**чӣ** аз исми ғайришахс исми шахс сохтааст, ки мафҳуми машғулиятро баён менамояд:

Чи дар ин давр шуда масхаракорон мумтоз,
**Дафчиён** садрнишин, дудчашон майдонӣ (329).

б) пасванди –**гар** танҳо дар як маврид ба исм васл шуда сабаби таркиб ёфтани исми баёнгари мафҳуми машғулият (**шишагар)** гардидааст:

Ҷавҳари дил фусурда шуд, то ба ҳузур ворасид,
Шиша ба машқи имтиҳон суда намуд **шишагар** (172).

аммо дар вожаҳои **ошногар** ва **шуҳратгар** аҳамияти ин пасванд дигаргуна аст. Ба андешаи мо, дар байти

Ба ҳам пайсвандфармои (? – С.А., Х.Т.) ду пайкар
Ба зуннори муҳаббат **ошногар** (389).

**-гар** ба исм васл гардида шахсро вобаста ба ҳаракат нишон медиҳад. Ва вожаи **шуҳратгар** дар мисоли зер

Ҳуш нобарҷову ғафлат ин ҳама шуҳратгар аст,
Дида нобинову гӯш аз памбаи ғафлат кар аст (323).

аз нигоҳи маънӣ ба калимаи **ғафлат** иртибот дорад ва мафҳуми саъю талоши шахсро мефаҳмонад.

в) пасванди **–а**. Бо ин пасванд дар як маврид калимаи арабии **хол**(ба маънои бародари модар), ки мафҳуми шахсро (Вафо маҷӯ ту аз ин чарх, муддатест мадид, Ки меҳри модариву илтифоти **хола** гузашт, 56) дорост, исми дигар (**хола**) бунёд ёфта, ки маъруф аст. Дар мавриди сонӣ тавассути ин пасванд аз калимаи арабии **ҳалол** исми амали **ҳалола** (Махӯр фиреб аз ин тозарӯ арӯс, ки ӯ Талоқ дода зи сад шӯй **беҳалола** гузашт, 56) таркиб ёфтааст;

2) пасвандҳое, ки маънии маконро мефаҳмонанд:

а) пасванди **–гоҳ** ва мухаффафи он **–гаҳ**. Бо ин пасванд аз исмҳои (арабии) маънии баёнгари макон ва ҳолату масоҳат исмҳои нав сохта шуда ва ҳамон мафҳумҳоро барҷастатар ифода мекунанд:

Дар ин давлатсаройи **салтанатгоҳ**
Нашуд мавсум зиллуллоҳ ҷуз шоҳ (430).

Ба **ваҳшатгоҳи** ҳасрат пой дар гил
Фурӯ монӣ яке, эй вой, мушкил (418).

Дар ин **ситамгаҳ** чаро биҷӯям нишони роҳат, куҷо фароғат?
Ҷафост пайдо, бало муҳайё, алам ҳувайдо, ситам камокон
(270).

Фитад кам дар фасодободи офоқ
Чунин баъсат ба **маҳшаргоҳ**и ушшоқ (493).

Дар он **даҳшатгаҳ** аз пайкору аз кин
Макон дӯзах, замон шуд маҳшароин (478).

Чу **вусъатгоҳ**и дил бигрифт тангӣ,
Сабурӣ рехт андар бедирангӣ (434).

б) пасванди –**зор**. Пайдост, ки пасванди –**зор** дар калимасозии исм пурмаҳсул аст. Ба василаи он аз исм боз исмҳое сохта мешаванд, ки «макон ва фаровонии асоси калимаро мефаҳмонанд»(45-1, 114). Аслан, ин гуна исмҳо номи растанию набототро баён менамоянд, яъне ғолибан исмҳои мушаххасанд. Дар мисолҳои зиёде, ки аз Куллиёти Ҳоҷӣ Ҳусайн пайдо кардем, маҳз дар як маврид пасванди – **зор** ба исми мушаххас иттисол ёфта, аз фаровонии он дарак медиҳад. Ва ин луғати туркии **тук(г)ма** (Гӯи гиребон – аз Бурҳон ва луғоти туркӣ, ки ба ҳиндӣ онро **гҳундӣ** гӯянд) (46-1, 205*)* мебошад:

Чу дар пойи сипеҳри нилгунфар
Зи анҷум **тугмазор**и соф ҷавҳар (443).

Дар дигар мавридҳо бо исмҳои ғайришахс истеъмол ёфтааст. Аз ҷумла, калимаи **хандазор**, ки бо пасванди –**зор** омада, номи ҳолатро мефаҳмонад:

Ки он дам ё хиҷил, ё **хандазор**ам,
Чу дай афсурда ё охир баҳорам(497).

Дар «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» (45-1,114) истифодаи онро дар матни устод Айнӣ (Ин кор, аз як тараф, бисёр харҷ ва ташвиш талаб кунад, аз тарафи дигар, ин кори мо, ки ҳанӯз мувофиқи матлуб натиҷаи хуб доданаш маълум нест, дар шаҳр овоза шуда, дар байни мардум хандазор мешавем) вобаста ба нияти услубии нависанда тавзеҳ додаанд. Чунонки мебинем, дар байти Ҳоҷӣ **хандазор** ҳеҷ бори услубӣ надорад. Ба фикри мо, пасванди – **зор** мафҳуми мавқеъро бо вусъату ғояти он илқо менамояд. Манзур аз **ҷилвазор** дар байти

Дастам надод диданат, эй **ҷилвазор** гар,
Боре, намо ба дидаи зорам ба хоб рух (101).

мабдаъ, маншаъ ва маҳалли зуҳури маъшуқест, ки саропо ҳусну латофат аст. Шоир ҷое **ҷилвазор**ро чун ҳаммаънои **сароб** овардааст. Дар ин ҳолат ҳам пасванд ҳамон тобиши маънoии худро нигоҳ доштааст, яъне **сароб** «он чи дар айёми гармо мусофири ташнаро тобиши офтоби реги саҳро аз дур чун об нумояд ва гоҳе дар шаби маҳтоб низ ҳамчунин менумояд» (46-1, 418) бошад, **ҷилвазор** ишорат бар фаровонии ҳамон ҳолат аст:

Олам чу сароб **ҷилвазор** аст,
Ҳамдӯши садои кӯҳсор аст (160).

Дар сухани Ҳоҷӣ Ҳусайн пасванди – **зор** бо исми маънӣ ҳам меояд ва ба макону фаровонии асоси худ далолат менамояд:

Шаш ҷиҳат **адамзор** аст, як назар тааммул ку,
К-ин саводимконе ҷилваҳои анқо кард? (144).

Пасванди –**зор** дар адои мафҳуми макону фаровонӣ на танҳо ба исмҳои сода, чи тоҷикӣ ва чи арабӣ, васл шуда, ба онҳо мафҳуми нав бахшидааст, балки бо сифат, ҳатто сифати сохта, омада, исми макон сохтааст. Чунончи, калимаи **сабзиназор**, ки дар назари аввал хеле сунъӣ менамояд, зеро мо онро дар фарҳангномаҳо ҳам надидаем, аммо **сабзазор** маълум аст ва дар китобҳои луғат (15-2,163) мазкур аст. Аммо Ҳоҷӣ Ҳусайн аз вожаи **сабзина**, ки, мутаассифона, дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» аз он ёд нашудааст, **сабзиназор**ро фароҳам оварда:

Аз ӯ шуд мунтахаб **сабзиназор**е,
Ҷаҳони дигаре, боғу баҳоре(423).

Ва **сабзина** ба маънои маҷоз **гандумгун** (47, 4014) аст. Муҳаммад Ғиёсуддин онро «маъшуқи сабзранг ва малеҳу ҷавон» (48, 410)) маънӣ кардааст.

в) пасванди –**истон**. Дар калимасозӣ бо пасванди – **истон** низ назари тозаи Ҳоҷӣ Ҳусайн эҳсос мешавад. Аз се мисоле,

ки бо ин пасванд пайдо_кардем, дар якеаш бо исми мушаххас (наргисистон) омада, дуи дигар исми маънинянд ва – **истон** ҳамон вазифаи сарфии худро анҷом додааст. Ва **наргисистон** киноя аз **ситоразор** аст:

Биҳиште дид аз хубӣ мусаввар,
Чу гардун **наргисистон**, сабзпайкар (436).

Ҳамвазифа будани –**истон** бо –**зор** дар дастурҳои илмӣ таъйид шудааст. «Агар суффикси –**истон** бо исмҳои ифодакунандаи набототу растаниҳо ва калимаи **регу санг** ояд, бо суффикси –**зор** ҳамвазифа мешавад» (49, 143). Аммо ин мавқеъ аз вожаи **наргис**, ки ба маънои маҷоз **чашм** аст, **ситора** фаҳмида мешавад, вале чун **ситораистон** гуфтан дур аз қоидаи дастурист, пас ба вожаи тоҷикии **наргис** пайвастани –и**стон** матлуб афтодааст. Ҷойи дигар калимаи **наргис** муродифи ҳамон вожаи **чашм** аст, ки пасванди –**истон** ба мафҳуми макон ва фаровонии ашёи асосаш далолат менамояд:

Дар гиребони хиёлам **наргисистон** хуфтааст,
Умрҳо аз ҷилваи ӯ кардам истифҳоми ноз(178).

Ҳоҷӣ Ҳусайн аз исми маънии **мотам мотамистон**ро эҷод кардааст. Ва –**истон** гувоҳ бар макон ва фаровонии исм аст:

Ҳар қадар з-ин **мотамистон** халқ барҳам мехӯрад,
Нест табъе мунфаил аз ваҳшати мурдан ҳанӯз (176).

Аз калимаи арабии **савод**, ки ба мафҳуми **сиёҳӣ**, **сиёҳранги**ст (15-2, 170), бо ин пасванд исми маънии дигар (**саводистон**) таркиб ёфтааст. Ва вожаи **кокул**, ки дар тавсифи он омада, таносуби маъноии калимаҳои болоро таъин менамояд:

Эй мунаҷҷим, пеши мо аз некии толеъ магӯ,
Бахти моро дар **саводистони кокул** бастаанд (105).

г) пасванди –**када**. Бояд қайд намоем, ки муаллифони китоби дарсии «Забони адабии ҳозираи тоҷик», қ. 1 (барои факултетҳои филологияи мактабҳои олӣ) –**када**ро дар радифи унсурҳои калимасози исм ҷо надодаанд. Ин амал шояд ба далели маънои луғавии худро нигоҳ доштан ва дар қомусҳои баъдӣ чун исм (**када**, хона, маҳал, маскан (15-2, 525); хона ва деҳ) (30, 164) шарҳ ёфтани он вобаста буда бошад. Дар рисолаи муҳаққиқи забони форсии миёна Д. Саймиддинов ҳам –**када** чун пасванди исмимаконсоз ба шумор (44, 134) наомадааст. Мусалламан, **када** пайдошуда аз **katak**-и паҳлавӣ (51, 605) ба маънои **хона** буда ва чунин эҳсос мешавад, ки нисбат ба дигар пасвандҳои маконсоз мустақилияти маънояшро ҳифз кардааст. Бо вуҷуди ин, тадриҷан мафҳуми луғавии он маҳдуд гардида ва ба қатори унсурҳои ёвар гузаштааст. Дар далелҳое, амсоли **адабкада**, **аламкада**, **хиҷолаткада**, **дарҳамкада** (аз сохтаҳои Ҳоҷӣ Ҳусайн) ва ғайра, – **када** танҳо нақши пасвандӣ дорад. Дар «Гарамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» камбудии ёдрасшуда тасҳеҳ ёфта, дар зимни мавзӯи «суффиксҳое, ки номи чиз месозанд» баррасӣ гардидааст: «Суффикси –**када** бемаҳсул буда, аз исмҳои конкрет ва маънӣ исми макон сохтааст**: майкада**, **оташкада**, **донишкада**, **зиёраткада**» (45-1, 115). Ва Ҳоҷӣ Ҳусайн бо ин пасванд дар се маврид аз исмҳои маънӣ (калимаҳои арабӣ) боз исми маънӣ сохтааст, ки далели маҳорати вожасозии ӯст:

Дар ин **адабкада** ҳаргиз ба хештан мағурур,
Қусур пеша куну ибрате зи шайтон гир (166).

Дар ин **аламкада** ҳуше гумору ибрат гир,
Танини косаи чинист бар сари Фағфур (171).

Моро ба **хиҷолаткада**и олами идбор
Монанди магас панҷа гушоданд ба судан (271)

Аммо мурод аз **дарҳамкада** (**дарҳам** вожаи тоҷикист ба маънои **печида**; чигил; бесарунӯг, бесомон, душвор; бо ҳам омехта) (6-1, 339) ҳамоно ҷойи ҳамчунин авзоъ аст:

**Дарҳамкада**и олами авҳому сувар,
Ҳосил ҳама суди адҳаму расми кадар (349).

3) пасванде, ки исми шахс ва маънӣ месозад:

Пасванди **–ӣ**, он гуна ки дар дастурҳои илмӣ дарҷ шуда, аз нигоҳи адои вазифа сермаҳсул аст. Ва ин нақши фаъоли дар калимасозӣ доштаи он дар Куллиёти шоир мушоҳида мешавад. Чун мақсад кашфи ҳунари эҷодии ин адиби нуктасанҷ аст, саъй накардем, ки батамом вижагиҳои калимасозии ин пасвандро фаро бигирем. Ҳамагӣ се вожа рӯйи даст омад, ки тавассути пасванди **–ӣ** аз исму сифат бунёд ёфта. Якум, аз исми мушаххаси **тор**, ки номи сози мусиқист, вожаи **торӣ** ба вуҷуд омада, чун исми баёнгари мафҳуми ҳунар:

Чу тори зулфи туам дил зи тоб меларзад
Ба ҳар даме, ки занад **торӣ** бар дутор ангушт (89).

Мисоли мазкур ақидаи маҳз исми ғайришахс сохтани пасванди **–ӣ**-ро барҳам мезанад: «Тафовути исмҳои шахс ва ғайришахс дар тарзи морфологии калимасозӣ равшантар зоҳир мешавад. Масалан, суффиксҳои **–чӣ**, **–гар**, **–гор** танҳо исми шахс, вале суффиксҳои **–ӣ**, **–ак**, **–гоҳ**, **–зор**, **–истон**, **–дон** танҳо исми ғайришахс месозанд» (52, 13).

Бояд хотирнишон намоем, ки аз решаи тоҷикии **тор**, чун исм, ба василаи пасванди **–ӣ** созмон додани калима ё исми дигарро аз ибтикороти Ҳоҷӣ Ҳусайн қаламдод карданӣ нестем.

Дар таърихи забони форсӣ-тоҷикӣ ин тарзи вожасозӣ роиҷ будааст. Чунончи, Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ ҳам аз вожаи **рубоб рубобӣ** сохтааст:

Рав, он **рубоби**ро бигӯ, мастон саломат мекунанд,
В-он мурғи обиро бигӯ, мастон саломат мекунанд
(53, 238).

Калимаи дуюм **ғаюри**ст. Чи навъе ки мебинем, аз калимаи арабии **ғаюр**, ки аслан сифат аст, бо ин роҳ исми маънӣ

(**ғаюрӣ**) ба вуҷуд омада ва чун муродифи калимаҳои **далерӣ**, **мардӣ**, **шердилӣ** аломат ва ҳолатро баён менамояд:

**Ғаюрӣ** кард бо он шахси муҳтоҷ,
Ба заҷраш ҳукму фармудаш ихроҷ (446).

Ва исми маънии **фарбеҳӣ**, ки аз сифат сохта шуда, ба чигунагии он ишорат мекунад:

Ки меойӣ ба бори **фарбеҳӣ** лек,
Надорӣ бор аз фарри беҳӣ лек (418).

Ҳоҷӣ Ҳусайн ба воситаи пасванди –**ӣ** аз як исми маънии сохта (**умедгоҳ**) боз чунин исм (**умедгоҳӣ**) сохтааст, яъне ин калима ба василаи ду унсури калимасоз ба вуҷуд омадааст, аммо вазифаи онҳо яксон ба назар намерасад. Агар пасванди –**гоҳ** ба ҷой ва макони исм ишора дошта бошад, пасванди –**ӣ** ҳам бар самт ва ҳам бар шахс ишора менамояд, вале вазъи сохтумони вожаи **қиблагоҳӣ** дигар хел аст: бар хилофи қоида аз як исми мушаххас (манзур аз **қиблагоҳ** дар шеъри шоир шахси мансабдор аст. Матне, ки бо ин луғат дар зер оварда хоҳад шуд, аз номаи «Дар ҷавоби мактуби саросар услуби Субҳонқулибек тӯқсоба (туқсоба яке аз мансабҳои сипоҳиёни Бухоро дар асрҳои охир, 15-2, 383) дар фиристодани ду қутос аз Қаротигин интизом ёфт»(512) баргузида шуд) исми мушаххаси дигар созмон ёфтааст, ки ин тартиби калимасозӣ, ба назари мо, дар адабиёти илмӣ таъкид нашудааст:

Ки Худо чашми **қиблагоҳи**ро,
Он хадиви умедгоҳиро
Бар ҷамоли ту доимо дорад
Аз лиқои ту бо зиё дорад! (513).

Дар ин мавқеъ ҳам пасванди –**ӣ** самт ва сӯйро ба чизе мефаҳмонад.

Ҳамон навъе ки хотирнишон намудем, пасванди – **ӣ** аз гурӯҳи пасвандҳои фаъоли калимасоз ба шумор меравад ва

ҳамин сермаҳсулии он дар забони Ҳоҷӣ Ҳусайн ҳам эҳсос мегардад. Ҳатто дар калимасозӣ бо ин пасванд дар сухани шоир гоҳе зиёдаравӣ ҳам дида мешавад. Барои мисол аз сифат ва зарфҳои мувофиқи қоида ташкилёфтаи **бесубот** (**бесуботӣ** – Бесуботӣ ҳама з-ин баҳр талотум дорад…,329), **бедиранг** (**бедирангӣ** – Ба фурсат рехт чандон бедирангӣ…,442), **ноодам** (**ноодамӣ** – Ки эй ноодамӣ маншури номат…,473), **нософ** (**нософӣ** – Нософии дилро набувад ҳич илоҷе…,271), **ношукр** (**ношукрӣ** – Боз гирад неъмату созад ба ношукри-ш…,375), **ногумон** (**ногумонӣ** – Бурдӣ зи барам ба ногумонӣ, 331) бо –**ӣ** сохтани исми маънӣ, ки аломат ва ҳолату вазъиятро мефаҳмонанд, бар хилофи қоида нест, аммо аз сифати **бедаврон** сохтани исм (Ҳофиз аз даври қамар ноладу Ҳоҷӣ зи Зуҳал, Кош будему ба як гӯшаи **бедаврон**ӣ, 329) ба истилоҳи донишмандони қадим баъид, яъне дур аз суннати калимасозӣ менамояд. Ба ҳар сурат дар офариниши калимаву ибораҳо ҷидду ҷаҳди шоир фаҳмида мешавад. Ҳоҷӣ Ҳусайн кӯшиш ба кор мебарад, ки ҷое ҳамнишини тоҷикии мувофиқро ба мавқеи унсури иқтибосии арабӣ биёрад. Чунончи:

Дамида чун маҳаш дар **ломаконӣ**
Маконовора дид аз **бемаконӣ** (410).

## Бо пешвандҳо сохта шудани сифат

Шоир дар корбурди сифат, асосан, меъёри забони адабии пешинаро риоя кардааст, аз ҷумла дар заминаи сифатсозӣ аз пешвандҳои маъмул кор гирифтааст, ки ин ҷо ниёз ба пешниҳоди мисол нест. Аз миёни пешвандҳои сифатсоз бо пешвандҳои **бо-, бе-**, ва **но**– якмисолӣ пайдо кардем, аввалӣ бо исми арабӣ омада, сифате сохтааст, ки мазмунан ба ягон хосият ва аломат соҳиб будани ашёро бифаҳмонад, чун **боиззат**

Кардам маломат ихтиёр, гаштам шаҳи сангин ҳисор,
**Боиззат**ам чун кӯҳсор, санг оядам аз ҳар тараф (215).

дуюмиву сеюмӣ ба вожаи тоҷикӣ пайваста, мафҳуми доро набудан ба аломате ё кайфиятеро баён менамояд:

К-аз ин девонаи беҳушу **беҳанг**
Ба ибрат дигарон гиранд фарҳанг (446).

Ҳуш **нобарҷо**ву ғафлат ин ҳама шуҳратгар аст,
Дида нобинову гӯш аз памбаи ғафлат кар аст (323).

## Пасвандҳои сифатсоз

Дар сифатсозӣ бо пасвандҳо низ эҷодкории Ҳоҷӣ Ҳусайн дарк мешавад, яъне истифодаи онҳо, асосан, бо исмҳо бори нахуст ба чашм мехӯрад. Аз байни пасвандҳои фаровони сифатсоз бо унсурҳои зерин: **–ӣ, –нок, –манд, –ин, –ина, –вар** ва **–со** вожаҳои дигар таркиб ёфтаанд, ки қобили мулоҳиза хоҳанд буд. Ҳамон гуна, ки дар дастурҳои илмӣ омадааст, ин пасвандҳо аз ҷиҳати доираи истеъмол сермаҳсул, каммаҳсул ва бемаҳсул мешаванд. Ба гурӯҳи пасвандҳои дар вожасозӣ фаъол **–ӣ**, **–нок**, **–манд** шомиланд.

1) пасванди **–ӣ**: Бо пасванди **–ӣ** ҳамагӣ як мисол мушоҳида гардид, ки он ҳам калимаи **ҳавоӣ** (**кирдори ҳавоӣ**) мебошад. Равшан аст, ки вожаи **ҳаво** тоҷикӣ ва исми маънист ва тавассути пасванди **–ӣ** мафҳуми сифатӣ пайдо карда хулқу рафторро баён мекунад. Аслан, дар ибораи **кирдори ҳавоӣ** ба мавқеи маҷоз омада, маънии муносибат ё рафтори **сарсарӣ**, **ноандешида** ва **таваккали**ро мефаҳмонад. Дар забони мардум **ҳавоӣ раҳ гаштан**, **ҳавоӣ гап задан**, **ҳаво гирифтан** (бе сабаб ё якбора ба хурӯш омадан, шерак шудан; муродифи лаҳҷавии он **бод гирифтан**, яъне сабук-сабук ҳарф задан) аз таркибҳои машҳуранд:

Зи **кирдори ҳавоӣ** ҳамчу шабнам об гардидам,
Чӣ мешуд, Ҳоҷӣ, оҳе мезадӣ чун субҳ пинҳонӣ? (315).

2) пасванди **–нок**. Бо ин пасванд ҳам аз исми мушаххас ва ҳам аз исми маънӣ сифати аслӣ ба вуҷуд омада, ки мафҳуми дороиро баён менамояд.

Пасванди –н**ок** дар ибораҳои **ба дасти адабнок**, **чӯби решанок** ва **чанбари ихлоснок** чун муродифи пешванди **бо**– ва асоси замони ҳозираи масдари **доштан** (дор) адои вазифа намудааст:

Ба сад таъзим бо **дасти адабнок**
Гирифт он ҷавҳари дил аз тани хок (470).

Зи ҳасрат панҷа бар дандон кашида
Чу **чӯби решаноки** аррадида (488).

Хонақоҳат гарчи бошад маркази паргори хок,
Сайргоҳат моварои қуббаи ҳафтум самок,
Метавофад бар зариҳат **чанбари ихлоснок**…(321).

Аммо дар вожаи **ихлоснок** тобиши маъноии ин пасванд бо калимаҳои **адабнок** ва **решанок** мутафовит аст. Дар ҳолати бо калимаи сермаъноӣ **пур** овардани исмҳои мазкур, ки дар мисолҳои якуму дуюм он аз ҷиҳати вазифа бо пешванди **бо**– баробар аст (**боадаб**, **бореша**), ин тафовут равшан ҳис карда мешавад. Чунончи, дар ибораи **чанбари ихлоснок** ҷузъи дуюм сифати аслӣ намебошад ва дар мавриди бо калимаи **пур** овардани он мафҳуми нисбатро баён кардани он бармало эҳсос мегардад. Манзур аз **чанбари ихлоснок** дар мисраи «Метавофад бар зариҳат **чанбари ихлоснок**» тавофи чанбари **аз рӯйи** ё **нисбат ба ихлос гузошта**и **сари** ё **болои зариҳ** (қабр) мебошад, яъне –**нок** ба исми мушаххас (чанбар) ҳамроҳ шуда, мансуб будани аломатро мефаҳмонад.

3) пасванди –**манд**. Бо ин пасванд аз исмҳои маънии феълӣ сифате сохта шудааст, ки хислат, хосият ва ҳолати ашёро мефаҳмонад:

Оҳи дили мо, Ҳоҷӣ, наяфтод **асарманд**,
Дигар мадад аз дидаи хунбор талаб кун (268).

Нишаста Зуҳра хушхону **тарабманд**,
Чу ҳурон аз хушӣ маҳви шакарханд (409).

4) пасванди –**ин**. Дар байни мисолҳои зиёди бо ин пасванд эҷодшуда ибораи **муҳаббати гаҳин** нодир аст. Ин мавқеъ аз зарф сифат сохта шудааст, ки нисбати замониро ифода менамояд:

Кун лутф ба ман, бути ситамкеш,
Ҳастам ба **муҳаббати гаҳин**ат (82).

5) пасванди –**ина**. Бо ин пасванд низ як далели ҷолиб ба назар расид, ки сохтумони он ғайримаъмулист. Чунончи:

Истода зи наҳйи қурби гандум
Бар қурси **ҷавина** гашт қонеъ(363).

Муфассирон **нони самин** (Рӯдакӣ), **нони тиҳӣ** (Саъдӣ), **нони фахфара** (Мавлонои Балх), **нони оташрӯй** (киноя аз Офтоб), **нони Харчанг** (киноя аз Моҳ), **нони ҳалол** (Ҳофиз) (54, 870) ва мисли инҳоро дар шарҳҳои хеш фароҳам овардаанд, аммо назири **ҷавина** гувоҳе ба чашм нарасид. Ин ҷо ба воситаи пасванди **–ина** аз исми мушаххас сифат сохта шудааст, ки ба ашё ё чиз тааллуқ доштани онро баён мекунад.

6) пасванди –**вар**. **–Вар** аз шумори пасвандҳои каммаҳсул аст. Аслан, бо ин пасванд аз исм сифате таркиб меёбад, ки ба аломате ё хислате молик будани чизро ифода мекунад (45, 143). Аммо дар забони Ҳоҷӣ Ҳусайн дар як мисол (**марди адабвар**) –**вар** маънои дорандагиро расонад, ки дар ин мавқеъ бо пешванди **бо**– вазифаашон тақрибан муштарак аст:

Ки дар назди шаҳони додгустар
Наёбад бор ҷуз марди **адабвар** (446).

дар мисоли дигар мафҳуми ҳолатро дар бар дорад:

Духтари раз аз рухи ӯ **шармвар**,
Аз дами ӯ барқи шарар дар ҳазар (430).

7) пасванди **–со**. Аз ҷумлаи пасвандҳои бемаҳсул буда, танҳо аз исм сифат месозад, ки ба маънои реша шабеҳ ва монанд будани аломатро ифода менамояд:

Шабу рӯзам маъҷунозмое,
Чу ҳован кӯфтаи **адвиясое** (491).

## Вожаҳои мураккаби навъи тобеъ
## Исмҳои мураккаб

Вожасозӣ василаи муҳимми такомули таркиби луғавии забон ҳисоб меёбад ва манбаи асосии калимасозӣ худи таркиби луғавии забон ва, пеш аз ҳама, ганҷинаи он ба шумор меравад. Ба ин тартиб калимаҳои нав арзи вуҷуд менамоянд ва захираи луғати забон афзун мегардад. Ба мурури замон ва вобаста ба зинаҳои гуногуни инкишофи ҷомеа ва соҳаҳои мухталифи он унсурҳои луғавии тоза пайдо мешаванд, ки дар ташаккули онҳо ҳиссаҳои калимасоз аҳамияти бузург доранд. Калимасозӣ, ки аз бахшҳои пураҳамияти грамматика ба шумор меравад, тадриҷан тараққӣ мекунад ва, чунонки профессор В.А.Лившитс мегӯяд: «Тағйирот ва инкишофу такомули калимасозӣ мувофиқи талаботу қонунияти дохилии забон ба амал меояд» (55, 87-102). Ба иртиботи ин маънӣ сухани устод Ш. Рустамовро низ овардан айни муддаост: «Забон барои пурра ва бо нозукиҳояш ифода намудани фикр ва ҳаматарафа қонеъ гардонидани талаботи мубодилаи афкор аз ҳамаи воситаҳо истифода мекунад. Чунин талаботи забон барои инкишофи калимасозӣ восита ва омили муҳим мебошад» (56, 12).

Дар забоншиносии тоҷик ин масъала аз ҷиҳати назарӣ ҳалли худро ёфтааст (руҷӯъ шавад ба осори Ш.Н.Ниёзӣ, М. Шукуров, Ш. Рустамов, М. Муҳаммадиев, Қ. Тоҳирова, «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик», ки дар рӯйхати адабиёт дарҷ гардидаанд) ва манобеъе, ки мо рӯйи даст дорем, маълумоти лозимаро дар бар дорад. Бинобар ин, аз шарҳи назарии мавзӯъ сарфи назар намуда, мехоҳем, андешаҳои худро пиромуни заминаи сохтумони вожаҳои

мураккаб дар забони Ҳоҷӣ Ҳусайн иброз намоем, зеро ин воҳидҳо қисмати бузурги таркиби луғавии Куллиёти эшонро ташкил медиҳанд ва муҳимтар аз ин дар ин росто ҳам ҳунари халлоқи шоир бармало намоён аст.

Ҳамон тавре ки зикр намудем, калимаҳои мураккаб дар таркиби луғати забон мақоми вижа доранд, зеро мафҳумҳои зиёдеро дар бар мегиранд, ки он мафоҳим натиҷаи тафаккури инсони ҷӯяндаву жарфнигар мебошад. Аз ҳамин дидгоҳ аст, ки С. Ҳошимов зимни омӯзиши забони устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ мегӯяд: «Усули калимасозии мураккаб аз роҳҳои маъмултарину мураввaҷтарини ба амал омадани калимаҳои нав дар таърихи забони адабии тоҷик ба шумор меравад. Ин тарзи калимасозӣ аз давраҳои пешин ташаккул ёфта, минбаъд мураввaҷ гардидааст… Дар ташаккули ин қабил вожаҳо мавқеи ҷузъҳои исмӣ, сифатӣ ва феълӣ калон мебошанд» (57, 90).

Мо ин мавқеъ дар назди худ вазифа гузоштем, ки аз доираи калимаҳои мураккаб исмҳои мураккаби тобеъро ба доираи таҳлилу омӯзиш бигирем, зеро ки онҳо дар миёни анбӯҳи аносири луғавии мураккаб ҷойгоҳи сазовор доранд. Мусалламан, дар забони тоҷикӣ тарзи тобеи калимасозӣ, хусусан дар заминаи исм ва сифат, қолаби пурмаҳсул мебошад. Дар ин қолаб «яке аз ҷузъҳои калима асосӣ буда, дигаре ба он тобеъ аст ва дар онҳо муносибатҳои гуногуни ҷузъҳо: муайянкунандагӣ, пуркунандагӣ, субъектӣ ва ҳолӣ мушоҳида мешавад» (45-1, 122). Бояд гуфт, ки ин масъалаи душвори грамматика мавзӯи баҳси устод Ш. Рустамов қарор гирифта ва то андозае ҳалли худро зимни пажӯҳиши боби исм ёфтааст. Мавсуф ақидаи аз ибораҳои гуногун сохта шудани исмҳои мураккаби тобеъро таъйид намуда, ин ҷиҳати калимаҳои мураккаб ва муносибати ҷузъҳои онҳоро ба ҳисоб гирифта, ба ин хулоса омадааст, ки исмҳои мураккаби забони тоҷикӣ ба инкишофи назарияи умумии забоншиносӣ доир ба калимасозӣ ёрӣ расонида метавонанд (56, 57).

Маълум аст, ки заминаи асосии пайдоиши калимаҳои мураккаби навъи тобеъ ва, аз ҷумла исмҳои мураккаби тобеъ, ибораҳо, чи ибораҳои изофӣ ва чи ибораҳои ғайриизофӣ, ме-

бошанд. Чун ибора манбаи ташаккули калимаҳои мураккаб аст, табъан аз ҷузъҳои мустақил ва тобеъ иборат хоҳад буд. Вобаста ба ин исмҳои мураккаб ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд: 1) калимаҳое, ки ҷузъи якумашон асосӣ буда, ҷузъи дуюм ба он тобеъ мебошад ва 2) калимаҳое, ки ҷузъи дуюмашон асосӣ буда, ҷузъи якум тобеи он аст (45-1, 122).

Аслан, исмҳои мураккаби гурӯҳи якум бо роҳи факки изофат сурат мегиранд, ки ин усул аз тарзҳои маъруфи калимасозист ва ниёз ба шарҳу баст надорад. Калимаҳои мураккаби навъи тобеъ, ки дар Куллиёти Ҳоҷӣ Ҳусайн мавриди истифода қарор гирифтаанд, бо ин қолаб мувофиқанд.

## Исмҳои мураккаби бо роҳи факки изофат таркибёфта

Бояд хотирнишон намоем, ки факки изофат аз истилоҳҳои маъмули наҳви пешинаи мо ҳисоб меёбад ва дар забоншиносии тоҷик ба ин тарзи калимасозӣ зиёдтар А. Халилов эътибор додааст. Ӯ низ бар пояи ҳамин (58, 90-93) маълумоти илмии мусаннифи «Ғиёс-ул-луғот», ки оварда: «Ва аз чанд алфози муайяна бинобар зарурати шеърӣ ё касрати истеъмол ё ғалабаи исмият музоф бар музофилайҳ (муайяншаванда бар муайянкунанда – С.А., Х.Т.) ҳамчунон муқаддам бошад ва касраи аломати изофатро аз охири музоф соқит кунанд ва ин амалро факи (коф бидуни ташдид – С.А., Х.Т.) изофат хонанд» (24-1, 69) такя намуда ва ин ҳодисаи грамматикиро тавзеҳ додааст. Мақсади мо аз ин руҷӯъ чигунагии шарҳу басти ин масъала дар забоншиносии тоҷик ва саҳми дар он гузоштаи устод А. Халилов набуда, балки таъйиди ин нукта аст, ки бо тақозои каломи мавзун ва ниёзи забони мардум ба мухтасару кӯтоҳбаёнӣ калимаҳо аз таркибҳои мухталиф қолаби мувофиқу сода меҷӯянд ва ин воқеият омили ба вуҷуд омадани равиши тозаи калимасозӣ шудааст, ки, аз ҷумла, забони ашъори Ҳоҷӣ Ҳусайн низ аз он бебаҳра намондааст. Агарчи ин равиши калимасозӣ аз усулҳои фаъоли вожасозиҳои мураккаб ҳисоб наёбад ҳам, бо он далелҳое, ки ба даст овардем, метавон гуфт, ки дар ин

замина низ шоир назари суханшиносии худро ба намоиш гузоштааст. Чунонки ёдрас гардидем, исмҳои мураккаби гурӯҳи якум бо роҳи факки изофат таркиб меёбанд, яъне бо ҳазфи бандаки изофӣ аз ибораҳои гуногуни изофӣ калимаи мураккаб сохта мешавад, ба мисли **рӯйи туруш** (ба маънои маҷоз) ва **рӯтуруш**(он), **соҳиби иёлат** ва **соҳибиёлат**, **соҳиби сахо** (яъне **саховат**) ва **соҳибсахо** (**соҳибсаховат**):

Ман-ҳам ба ғалат бар абнои замона,
З-ин **рӯтурушон** ҳусни мулоқот куҷо? (31).

Он яке **соҳибиёлат** в-он дигар саркори шаб
Хайле дар ахзи хироҷу ҷамъе дар боҷи туҷор (376).

То бимонад ба дафтари олам
Номи он **соҳибсахо**ву карам (369).

Дар ин гурӯҳи калима ё исмҳо ҷузъи якум исм аст ва асосӣ ҳисоб мешавад, зеро он тавзеҳёбанда аст. Дар воқеъ, муносибат миёни ҷузъҳои ин аносири таркибёфта атрибутивӣ ё муайянкунандагӣ мебошад. Аз нигоҳи мансубияти худ ба категорияҳои грамматикӣ чунин дастабандӣ мешаванд: **исм** + **исм**; **исм** + **сифат**. Исмҳои мазкур аз ҷиҳати маъно аломати зоҳирӣ ва ё ба хусусияте доро будани шахсро мефаҳмонанд.

### Калимаҳои мураккаби ҳамнисбат бо ибораҳои ғайриизофии исмӣ

Дастаи дуюми исмҳои мураккаб бо мавқеи ҷузъҳо фарқ мекунад. Аслан, ин гурӯҳи вожаҳо бо «ибораҳои ғайриизофии исмӣ ҳамнисбат» (59, 152) буда, ҷузъи асосӣ дар ҷойи дуюм меояд, ба монанди **ҷаҳоновора** (234), **гов-сол** (192), **динпаноҳ** (322). Ин қолаби калимасозӣ дар забони тоҷикӣ хеле маъмул аст ва аз ин лиҳоз дар ғановати захираи луғат нақши муассир доранд. Корбурди ин гуна исмҳо дар шеъри Ҳоҷӣ Ҳусайн зиёд ба назар мерасад. Со-

хтори сарфӣ ё морфологии онҳоро ин гуна тақсимбандӣ кардан мумкин аст:

а) **исм + исм**. Бархе аз вожаҳои мураккаби ба ин қолаб мутобиқбуда хусусияту аломати шахс ва дигар ашёро мефаҳмонанд.Чунончи:

**орзуталош**

Орзуталошам ман, мансаби надомат ин аст,
Аз ҳубоби ҷисмонӣ то бувад рамақ пайдо (43).

**масхаракор**(он)

Чи дар ин давра шуда масхаракорон мумтоз,
Дафчиён садрнишин, дудчашон майдонӣ (329).

**шутуркор**

Намояд росиёти ин шутуркор
Қатори бухтиён, аммо намакбор (425).

**шахрасан**

Аз дил натавон решаи уммед буридан,
Ин реша дар ин боғ аҷаб шахрасан омад (146).

**хиҷолатмаҳваш**

Ба хубонаш макун нисбат, ки бинӣ
Хиҷолатмаҳвашони Руму чинӣ (425).

**тасаллидастгоҳ**

Эй тасаллидастгоҳи ногузириҳои халқ,
Бар табассум ошно созӣ асириҳои халқ (93).

**фасодандеша**

Муҳтасибро гардан аз бори хиҷолат бишканад,
К-ин фасодандеша ҳаргиз дар салоҳи дин нашуд (152).

**таҳаммулпеша**

Бо таҳаммулпеша аз саъйи ғазаб таъсир нест
Сангро беҷо насозад оташи тези шарор (169).

**сафоандеша**

Ҳар ҷо сафоандешаест, дорад кудурат дар тараф,
Хуршеди тобонро кӣ дид бе заре абтар тараф? (215).

**карампаноҳ**

Макун тағофул зи хӯйи носоз, назар ба ҷое
зи меҳр андоз,
Гадо ҳамон беҳ, шавад сарафроз зи илтифоти
карампаноҳон (270).

**ҳасратнаво**

Занги кулфат аз дили ғамхорагон якбора рафт,
Нолаи ҳасратнавоён бо ташаккур шуд қарин (340).

**муҳаббатпеша**

Муҳаббатпешаи бо ҳусн мафтун
Раги андешаи афтода дар хун (414).

**зараркорон**

Ҷуз ба сахтӣ натвон забти зараркорон кард,
Ҳамраҳи хеш аз он дому давон дорад кӯҳ (292).

**ибратнаво**

Ки эй ибратнаво, марди сухангӯ,
Маро афсонаи кори Мадан гӯ (483).

**оламтамошо**

Дурбинӣ аҳли бинишро писанд афтодааст,
Мардумак оламтамошое шуду худбин нашуд (152).

**фалотунсират**

Зи ҳарфи тифли абҷадхон фалотунсиратон лоланд
Ба фаҳми нуқтае аз сархатти девони тақдираш (196).

**кулфатмансаб**

Илоҷе нест кулфатмансабонро ғайри хомӯшӣ,
Чу захмам хуни дил шуд сурмаи овози эъломам (243).

– **шахс, вазифа, рутба ва пешаву машғулиятро мефаҳмонанд**:

**харсавор**

Ҳич кас ин ҷо надорад рутбаи худро қабул,
Фикри сабқат мекунад бар аспи тозӣ харсавор (169).

**саворафсар**

Аз кафат Соми савор, аз сарат афсар гирад,
Гарчи чун Сом саворафсару фархоқонӣ (328).

**санъатоғоз**

Ба пешат он чи кард ин мухтареъ соз,
Бадоеъ сунъҳо ин санъатоғоз (473).

**оҳанкор**

Аз сияҳкорон наёяд санъати шоистае,
Теғро каҷпайкарӣ ҷуз айби оҳанкор нест (68).

**хидматпеша**

Ба хидматпешагони боргоҳӣ
Қарораш рафт дар оташхитобӣ (469).

**аморатпаноҳ**

Лақаб додхоҳу аморатпаноҳ
Шуд аз лутфи доройӣ ҷонофарин (342).

**мирохӯр**

Мир Субҳонқулӣ мирохӯри бек,
Лутфи субҳон қарини ҷонаш бод (338).

– **мафҳуми кавну макон ва ҷаҳону фазоро баён менамоянд**:

**базмошён**

Зи тайрони ҳавас гардида нозил,
Дар ин базмошён афканда манзил (437).

**латофатманзил**

Биҳиште, лек Одам гашта сокин,
Латофатманзиле, рашки амокин (425).

**саводимкон**

Шаш ҷиҳат адамзор аст, як назар тааммул ку,
К-ин саводимконе ҷилваҳои анқо кард? (144).

**ибратсаро**

Шӯри мову ман дар ин ибратсаро фаҳмидаем,
Мубталое чанд дар доми бало фаҳмидаем (46).

**мактабхона**

Таҳаҷҷӣ шуд яке девони кавнайн
Ба мактабхонаҳо як турфатулайн (394).

Зимнан, бояд ба арз бирасонем, ки силсилаи калимаҳои мураккаби дигар бо ҷузъи **хона**, ки асосист, аз мавқеи он дар вожаи **мактабхона** фарқ мекунад. Агар калимаи **хазинахона** (Ганҷи гуҳарӣ, шудӣ аз он рӯ Пинҳон ба хазинахонаи хок, 364) маънои **маҳфузгоҳ** ё **анбор**ро дошта бошад, пас вожаҳои **кудуратхона** (Кудуратхонае, бас аз сафо дур, Куҷо аз равзане дар вай фитад нур?, 396) ва **ҳасратхона** (Зи ҳасратхонаи имкон ҷуз ин ҳарфам нашуд ҳосил, Ки мушти ноумедӣ медарав аз кишти садсолаш, 192) бо ҳам то ҷое муносибати муродифӣ доранд ва ба маънои маҷоз фазои моломол аз осоишу сафову ноумедиро мефаҳмонанд.

– **мафҳуми ашёро баён менамоянд.** Бо мазмуни ин зергурӯҳ ҳамагӣ як мисол (**катмола**) ба даст омад:
Ҳуснро зеварфизо мо, ошиқони куштаем,
Хуни мо дар гарданаш марҷону ашк катмола шуд (109).

– **мафҳуми ҳуҷҷат ё дастурро ифода мекунанд**:

**ситамнома**

Афъисифат аз заҳри забон бар дили мардум
Зулм аст ситамномаи ташвиш гушудан (271).

**кароматнома**

Ту, зоҳид, сахт тақво кун, ки аз девони икромаш
Кароматномае дорам, ҳамеша сарфароз астам (232).

**қиёматнома**

Китоби ибратам даркори дидан,
Қиёматномаам муфти шунидан (483).

**ғароматнома**

Ғароматнома чун гаштӣ мутаммам,
Ба рӯяш қаҳр зад дандони хотам (474).

– **мафҳуми монандиро баён менамоянд**:

**арқамисол**

Осмонро аз ҷафо болину аз ғам бистар аст,
Офтобаш ахгари доғе, кавокиб озар аст,
Рӯзу шаб арқамисоле, солу моҳаш аждар аст (324).

**ҳайратмисол**

Ки ин ҳайратмисолон то чӣ оранд?
Чӣ созу фитнаҳо дар панҷа доранд? (442).

– **вожаи мураккаб (анҷумпора) мафҳуми ҷирми осмониро баён мекунад**:

Субҳи пириҳо дамиду рафт они зиндагӣ,
Рехт анҷумпораҳои осмони зиндагӣ(303).

– **вожаҳои мураккаб бо ҷузъҳои исм + исм (исми макон) мафҳуми макони ашёро баён менамоянд**:

**шишаҷо**

Мусаффоманзиле дар рӯнамойӣ,
Пушаймонаш ҳалаб аз шишаҷое (436).

**беморҷо**

Дар ин беморҷойи яъстаъсир
Умеди амн набвад ҷуз ба тадбир (471).

б) исмҳои мураккаб бо ҷузъҳои **исм + сифат** ба маъноҳои муқобил истеъмол ёфтаанд. Масалан, агар вожаи **зуҳраобод** (Чӣ маҷлис, растаи бозори қонун, На маҷлис, зуҳраободе чу гардун, 431) маънои ҷойи хушу пурнишотро бозгӯ намояд, калимаи **фасодобод** (Фитад кам дар фасодободи офоқ Чунин биъсат ба маҳшаргоҳи ушшоқ, 493) акси он мазмунро ифода мекунад. Ва қасди шоир аз истифодаи он ба маънои киноявӣ тасвири рӯзгори талху пур аз моҷарои замони худ будааст. Калимаи **сурмаобод** аз лиҳози муҳтаво ба вожаи **зуҳраобод** наздик аст:

Забони зарраҳо дар сурмаобод,
Сипанде, як тапиш сад гуна фарёд (469).

в) ин гурӯҳи вожаҳои мураккаб бо ҷузъҳои **сифат + исм** низ ташкил меёбанд ва ба чигунагиву ҳолату кайфияти ашё далолат менамоянд:

**каҷманиш**

Қарини каҷманишон офати инод орад,
Ба хун фитодани пайкон бувад камон боис (95).

**пучорзу**

Нишони оқибат то чанд дар хун
Зи ҳар пучорзуи ҳарзаафсун (461).

**нармсират**(он)

Сахт офат аст душманӣ аз нармсиратон,
Кӯҳ аз миён бияфканад, гирад чу об печ (97).

**тозахиёл**(он)

Бастаи доми сари зулфи туанд
Мурғи дили тозахиёлон ҷамеъ (208).

**нозукхаёл**(он)

Дар чаман то омад он нозукниҳол ороста,
Сарву ножу шуд ба таълими камол ороста (291).

**тезхитоб**

Шоҳ шуд аз қудрати ӯ бешуур
Тезхитобе бари ҳукми ҳузур (435).

**таназзулнардбон**

Тарки истиғно фитоду аҷзи истиқбол кард,
Шеваи идбор фасхи нашъати иқбол кард,
Манзари дур аз таназзулнардбоне доштам (247).

**софзамир**(он)

Хотири софзамирон ба дами сард магир,
Ки кунад тира нафас ҷурм мусаффо ин ҷо (40).

**ғофилмашраб**(он)

Сарсарӣ магзар зи ҳарфам ҳамчу ғофилмашрабон,
Як қалам бастаст мазмун мисраи девони мо (15).

**воҷибэҳтироз**

Чист ахвон? – Хайли душман! Кист абно? – Зулфатан!
Чист душман? – Ҷонрабову фитна! – Воҷибэҳтироз! (179)

Вожаи мураккаби мансуб ба гурӯҳи мазкур мафҳуми ҳодисаи табиатро мефаҳмонад. Бо ин қолаб як далел (**дево-набод**) ба назар расид:

Зи шӯри ҳасрати дидор гардон
Яке девонабоде дар биёбон (434).

г) вожаҳои мураккаб бо ҷузъҳои **шумора + исм** мафҳуми ашё ва маконро мерасонанд:

**дутор**

Чу тори зулфи туам дил зи тоб меларзад,
Ба ҳар даме, ки занад тори̅ бар дутор ангушт (89).

**чорроҳ**

Ҳоҷи̅, барои дидани рӯят ба чорроҳ
Умре нишасту дидаи худ чор карду рафт (60).

## Калимаҳои мураккаби ҳамнисбат бо ибораҳои феъли̅

Исмҳои мураккаб бо ҷузъи феъл, ки гурӯҳи сеюмро созмон медиҳанд, бо «ибораҳои феъли̅ ҳамнисбат» буда, дар онҳо «муносибати амал ба предмет мушоҳида мешавад» (45-1, 124). Ба наҳве ки дар манобеи илми̅ омадааст, ин усули калимасози̅ низ дар забони тоҷики̅ аз шеваҳои собиқадори таркибсозист ва бо ин равиш ҳам вожаҳои фаровоне сохта шудаанд, ки боиси афзоиши ганҷинаи фарҳанги мо гардидаанд. Собирҷон Ҳошимов дуруст мефармояд, ки «шакли калимасози̅ ба асоси феъл аз эҷодиёти Абӯабдуллоҳи Рӯдаки̅ шурӯъ гардида, минбаъд инкишоф ёфтааст» (57, 92). Муҳаққиқ бар ин ақида аст, ки раванди калимасози̅ бо асоси феъли замони ҳозира нисбат ба асоси феъли замони гузашта инкишофёфтатар будааст. Омӯзиши луғати забони Ҳоҷи̅ Ҳусайн низ воқеияти ин фикри эшонро ба исбот мерасонад. Калимасози̅ бо асоси феъли замони ҳозира дар назми шоир фаровон мушоҳида мешавад. Агар феъли **парастидан**ро, ки дар сохтумони вожаҳои мураккаби **мотампараст**(он) (Ки эй субҳи шаби мотампарастон, Башири интизори юсуфистон, 472) иштирок дорад, истисно намоем, дар дигар мавридҳо корбурди феъл дар сиғаи амр ба назар мерасад. Ва, инак, калимаҳои мураккабро бо ҷузъҳои:

а) **исм** + **асоси феъли замони ҳозира**, ки исмҳои мураккабро ташкил кардаанд, ба доираи таҳлилу тасниф хоҳем гирифт. Дар ин гурӯҳ мавқеи исмҳои баёнгари шахс бузург аст. Ин гуна исмҳои мураккаб шахсро аз лиҳози пешаву маслак, касбу ҳунар ва феълу атвор баён менамоянд. Дар

таъини машғулияти инсон дар чунин таркибҳо нақши ҷузъи номӣ муҳим мебошад. Дар бунёди ин силсилавожаҳо дар эҷодиёти Ҳоҷӣ Ҳусайн феълҳои **нишастан**, **бурдан**, **гузоштан**, **паймудан**, **гирифтан**, **доштан**, **бозидан**, **ангехтан**, **рехтан**, **фузудан** (мухаффафи афзудан), **нигоштан**, **шинохтан** зиёд ба кор рафтаанд. Чунончи:

**хокшин**(он)
Макаш по, беадаб, бар хокшинон,
Ки бошад бӯрё шамшери урён (481).

**номабар** (ҳамчунин **сомонбар**, 324)
Бо хуни ҷигар нома бари ёр навиштам,
Пообила шуд номабар аз бурдани коғаз (162).

**пайгузор**
Суроғат аз кӣ ёбам, пайгузорат
Куҷо бошад, киро пурсам диёрат? (453).

**адампаймо** (ҳамчунин **ҳарзапаймо**, 486)
Чанд баҳри обрӯ бар ину он рӯ оварӣ,
Эътиборе нест ин ҷо, эй адампаймо, чӣ хаз? (207).

**комгир** (ҳамчунин **раҳгир**, 444)
Ҳаловат комгири лабчашонӣ,
Лаззатҳо маҳви комронӣ (439).

**маншурдор** (ҳамчунин **салтанатдор**, 428)
Аз адаб набвад ба сӯйи ин ҷамоат тез дид,
Аз қарини номи ҳақ ҳастанд чун маншурдор (207).

**фитнабоз**(он)
Фитнабозонро набошад аз адаб сози сулук,
Нест аз тасбеҳхонӣ дар забони мор рақс (204).

**офатангез**(он)
Зи оҳи оташини мо бипарҳез,
Бувад барқ офатангезони хирман (273).

**равнакрез**

Ки равнакрези базми кордида
Гуле нагзошт, к-он ҷо н-оварида (438).

**зеварфизо**

Ҳуснро зеварфизо мо, ошиқони куштаем,
Ҳусни мо бар горданаш марҷону ашк катмола шуд (109).

**ғоибрасон**

Боз шавад ғоибу ҷоне расад
Аз караму миннати ғоибрасон (269).

**дудчашон**

Чи дар ин давр шуда масхаракорон мумтоз,
Дафчиён садрнишин, дудчашон майдонӣ (329).

**маънишинос**

Вале ҳар ҷо яке маънишиносе
Диҳад ӯро ба табъи худ либосе (422).

б) исмҳои мураккаб бо ҷузъҳои **исм** + **сифати феълӣ** низ таркиб ёфтаанд. Ин гуна исмҳо баёнгари вазъу чигунагии шахс мебошанд:

**димоғафсурдагон**

Аз он маъҷун давои беҳушӣ дод
Димоғафсурдагонро сархушӣ дод (493).

**адамафсурдагон**

Чу шабнам аз гулоби рӯҳпарвар
Адамафсурдагонро рехт бар сар (492).

Ҳоҷӣ Ҳусайн шакли ноқис ё мухтасари сифати феълиро низ дар вожасозӣ ба кор бурдааст, ки **раҳуфтод** (яъне **раҳуфтода**) аз он ҷумла аст:

Ғуборам гар кунӣ, бар боди худ кун,
Замингирам, ба раҳуфтоди худ кун (397).

в) Ҳоҷӣ Ҳусайн исми мураккабро бо ҷузъҳои **шумора** + **асоси феъли замони ҳозира** ҳам сохтааст. Калимаи **якофарин** намунаи чунин қолаб аст ва он дар шеъри шоир муродифи Холиқи яктост:

Замин натъе ҳама якофарин аст,
Яке ҷо хору дигар гулнишин аст (496).

г) акси ин қолаб (**сифати феълӣ** + **исм**) ҳам мушоҳида мешавад. Чунин исмҳои мураккаб низ ифодагари вазъи шахс мебошанд:

**пажмурдахотир**
Бахти ҳар афсурдаеро ҳамчу гулшан тоза кард,
Табъи ҳар пажмурдахотирро чу варду ёсамин (340).

**мондадил**
Дили ҳар мондадилеро зи хаёли ту сурур,
Дами мотамзадаро ёди висоли ту фараҳ (99).

ғ) исми мураккаб бо ҷузъҳои **феъли ҳол** + **исм** ташкил ёфта, ҳолати шахсро мефаҳмонад:

**нишастамаҳмил**
Шикастакиштии дарёи ҳиҷрон,
Нишастамаҳмили байдои ҳирмон (450).

д) вожаи мураккаб бо ҷузъҳои **зарф** + **исм** мафҳуми шахсро баён мекунад:

**нахустинзода**
Зи салби боби раҳмат оби тахмир,
Нахустинзодае момои тақдир (400).

е) вожаи мураккаб бо ҷузъҳои **зарф** + **сифат** мафҳуми дунёи даргузарро ифода мекунад:

**деринаобод**

Ки холӣ гашта ин деринаобод,
Ба номат қуръаи ҳукмаш биюфтод (422).

ё) исми мураккаб бо ҷузъҳои **зарф** + **сифати феълӣ** низ корбурд дорад ва он ҳолати субъектро бозгӯ менамояд:

**убурафтода**

Андар ин чоҳи бало он, к-ӯ биюфтад, алаёз (?)
Бас убурафтодаро он ҷо бувад душвор кор (383).

ж) исми мураккаб бо се ҷузъ. Дар шеъри Ҳоҷӣ Ҳусайн чунин қолаби калимасозӣ чандон маъмул нест. Ҳамагӣ як калимаи тоза дарёфт кардем, ки он ҳам **сарноманигор** аст, ки аз се ҷузъи бомаъно иборат мебошад. Ҳамон гуна ки устод Ш. Рустамов дар рисолаи ба таҳқиқи исм бахшидаи худ овардааст: «Тарзи ташаккули ин гурӯҳи исмҳо бо калимаҳои мураккаб (манзур исмҳои мураккаби дуҷузъа аст) гоҳ мувофиқат кунад ҳам, баъзан фарқ дорад» (59, 163). Воқеан, ин тафовут аён аст, чунки ҷузъи аввал таркибан мураккаб аст. Бо такя ба маънои асоси феъл гуфтан мумкин аст, ки исми мураккаби **сарноманигор** мафҳуми шахсро бо доштани ҳунар ё пешае мефаҳмонад. Дар байте, ки шоҳид хоҳем овард, манзур дақиқан Худованд аст, ки ҳама чиз дар ихтиёри ӯст:

Сарноманигори қаламу дафтари ҳастӣ
Чун навбати мо кард, чиҳо кард? Бало кард! (130).

## Исмсозӣ бо усули омехта

Тавассути калимасозӣ такмил ёфтани таркиби луғавии забон воқеист, зеро ин усул бештар вазъи забонро бозгӯ менамояд. Ба аҳли сухан пӯшида нест, ки дар заминаи

вожаҳои бунёдӣ ба ин васила теъдоди зиёди калимаҳо сохта мешаванд ва ниёзи мардумро дар муҳовараву навишт иҷро менамоянд. Ва равишҳои калимасозӣ вобаста ба марҳилаҳои такомули забон рушд мекунанд ва сабаби эҷоди силсилавожаҳое мешаванд, ки дар баёни матлаби пурраву саҳеҳ хидмат менамоянд. Оид ба ин масъала устод Ш. Рустамов андешаҳои ҷолиб иброз кардаанд, ки дар оғози бахш зикр ёфт (60, 102).

Дар забони тоҷикӣ ва, аз ҷумла дар забони Ҳоҷӣ Ҳусайн, калимаҳои мураккаби ду ва ё сеҷузъае вомехӯранд, ки аз вожаҳои мураккаби мавриди баҳс қароргирифта тафовут доранд. Ин навъи калимаҳои мураккаб исмҳое ба шумор мераванд, ки аз реша ва асосҳои гуногун ба воситаи вандҳои (аффиксҳои) вожасоз ташаккул ёфтаанд. Дар чунин навъи калимасозӣ ғолибан нақши пасванди – **ӣ** басе бузург аст. Аслан, ин пасванд худ аз қабили унсурҳои фаъолу пурмаҳсули вожасоз буда, пайдоиши калимаҳои нав тавассути он дар забони мо собиқа дорад ва калимасозӣ бо он дар забони Ҳоҷӣ Ҳусайн, ки ба ибтидои садаи XX, замони хусусияти миллӣ касб кардани забони тоҷикӣ (33, 205-229); (61, 3-157) рост меояд, бештар ба назар мерасад. Бо ин шева аз таркибҳои мухталиф калимаи мураккаб сохта мешавад, ки дар забоншиносӣ ин тарзи калимасозӣ омехта унвон дорад. Таҳиягарони «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» дар заминаи далелҳои **шабнишинӣ**, **хонадаробӣ**, **тозакунӣ**, **мондашавӣ**, ки аз ибораҳои **шаб нишастан**, **хона даромадан** ва таркибҳои **тоза кардан**, **монда шудан** – «дар як вақт ба амал омадани ҳам васлшавии асосҳо ва ҳам иштироки фикрҳоро ба ҳисоб гирифта, ин усули калимасозӣ» (мақолаи устод Н. Маъсумӣ – «Вазъияти забони адабии тоҷик дар ибтидои асри XX» (Дар китоби «Ҷаҳонбинӣ ва маҳорат», 33, 205-229) ва китоби С. Ҳоҷиев – «Забони адабии тоҷик дар ибтидои асри XX», 61, 3-157)-ро омехта ном бурдаанд. Устод М. Н. Қосимова низ бо эътирофи воқеияти ин тарзи калимасозӣ бар ин ақидааст, ки «Калимаҳои мураккаб метавонанд бо ёрии аффиксҳо (манзур пасванди – **ӣ** мебошад – С.А., Х.Т) зинаи дуюми калимасозиро (**бутпарастӣ**-Рӯдакӣ;

**каримтабъӣ**-Фароловӣ; **ҳаводорӣ**-«Таърихи Табарӣ» – Х.Т.) аз сар гузаронанд (38, 144).

Ва Ҳоҷӣ Ҳусайн бо ин пасванд (ва муодили он – **агӣ)** аз иборaҳои гуногун исмҳои аз ҷиҳати таркиб мухталиф сохта-аст, ки, инак, ба тавзеҳи онҳо хоҳем пардохт:

а) ин гуна исмҳои маънӣ аз ҷузъҳои **исм + исм** (ва исми амал) таркиб ёфта вазъ ва кайфияти ашёро баён менамоянд:

**ҷонталошӣ** (ва **ҷонтарсӣ**, 437)

Гаҳе гуфтӣ, ки чун дар рақс бошӣ,
Занам дастеву по аз ҷонталошӣ (466).

**пиронсолагӣ**

Дар вақти пиронсолагӣ кошам надомат сар занад,
Тарсам, ки фикри маъсият дар сар фитад чун шабҳо (18).

**хасаккорӣ**

Донам, хор аст кирдори ҳавоӣ, филмасал,
К-аз хасаккорӣ нахезад парниён андар канор (379).

**саризабонӣ**

Аз худ наравӣ ба илтифоташ,
К-онҳост ҳама саризабонӣ (331).

**оташхитобӣ**

Ба хидматпешагони боргоҳӣ
Қарораш рафт дар оташхитобӣ (469).

**оинатамошоӣ**

Дил бо ину он додан кори бутпарастон аст,
Оинатамошоӣ пеши рӯ санам дорад (149).

**шабнамосорӣ** (кардан)

Ашк ҳам дар гулшани мо шабнамосорӣ накард,
Сели бунёди саломат шуд гулоби ман чу шамъ (209).

**мурдатабъӣ**

Ҳамчу шамъам мурдатабъиҳои даврон доғ кард,
К-аз чӣ рӯ шахсе набошад қадрдони зиндагӣ? (5).

**рухсатнигоҳи**(ҳо)
Арзи шӯхиҳои хубӣ муфти чандин муддаост,
Дидаи шавқошно миннаткамини ҷилваҳост,
Бешу кам дар мансаби рухсатнигоҳиҳо хатост…(93).

**латофатизҳорӣ** (ҳам **латофатинтисобӣ**, 424)
Чеҳраи арғувони гулнорӣ,
Лаъли майгун аз он ба хунхорӣ
Ҳар саҳар аз латофатизҳорӣ…(202).

**ҳайратнавоӣ**
Шикваи ҳайратнавоиҳо на қонуни вафост,
Хиҷлатизҳорам бар он чи тарҷумонӣ доштам (247).

**ваҳшаткомӣ**
Қарори қаҳру ваҳшаткомии ӯ,
Ҳамон орому беоромии ӯ (414).

**ҳасратбаёнӣ**
Ба ин ҳасратбаёнӣ ҳарфҳо гуфт,
Ба алмоси мижа ёқути дил суфт (453).

**маҳвинтизорӣ**
Нусхаи эҷод ҷуз маҳвинтизорӣ беш нест,
Аз суботи олам ин миқдор медонем мо (45).

**барқсайрӣ**
Гузашт аз пардаҳои зулмату нур
Баррок аз барқсайрӣ гашт маъзур (410).

**тухматвисолӣ**
Ба ин тухматвисолӣ чанд хурсанд
Ба ҳаҷри он ки бошӣ дар чунин банд (453).

б) бо ҷузъҳои **исм** + **сифат** исмҳои маънӣ ташкил меё-

банд, ки мафҳуми вазъият, муносибат ва хусусияти ашёро баён менамоянд:

**шуҳратошноӣ** (ва **қалбошноӣ**, 26; **аҷзошноӣ**, 413)

Чароӣ душмани осоиш аз рангинқабоиҳо?
Хазон бар гулшан овардӣ зи шуҳратошноиҳо? (26).

**нафасдарозӣ**

Ба тори сусти амал аз нафасдарозиҳо
Чу кирми пила ба худ аз луоб мебофанд (108).

**маънибаландӣ**

Чӣ маънибаландӣ, чӣ нозукадоӣ
Ки лутфат чу маънист назри расоӣ (307).

**шуҳратбаландӣ**

Ин қадар шуҳратбаландиҳо кай овардӣ ба бор,
Гар баҳоронро набудӣ чеҳраи хандони гул? (207).

**дамсардӣ**

Биё, мутриб, ки бас афсурдакорам,
Чу ахгар тоби дамсардӣ надорам (481).

**дилҷамъӣ**

Нахӯрдӣ сардии дай дар зимистон,
Ба дилҷамъӣ нагаштӣ ғунчахандон (456).

в) бо ҷузъҳои **исм + феъл** (асоси замони ҳозира) исми амал сохта мешавад:

**оинабурӣ**

Натвон ба як дам зи ҳама кор буридан,
Оинабурӣ аз дами миншор талаб кун (268).

**панҷаканӣ** ва **урёнтанӣ**

Урёнтанӣ аз ҳосили анҷом бидидан,
Аз дасти тиҳӣ панҷаканӣ вақти газидан (276).

**дилранҷонӣ**

Ҳоҷиё, қатъи тамаъ кун, ки накӯён доранд
Шеваи сахтдилӣ, пешаи дилранҷонӣ (295).

**теғронӣ (ҳукмронӣ**, 429)
Ҳар гул, ки шукуфта хирманеро
Захмест ба хун зи теғронӣ (331).

**мардумпарварӣ** (ва **миллатпарварӣ**, 384; **оҷизпарварӣ**, 470)
Аз хулуси нияту аз хулқи мардумпарварӣ
Дар билоди Балҷувон гармобае кард ихтиёр (336).

**ҷонбарӣ**
Гарчи андар ибтидо бошанд ҳамдастони мӯр,
Оқибат дар ҷонбарӣ гарданд ҳамаснони мор (375).

**шерозабандӣ**
Кунад шерозабандии дафтари дил
Зи тори фикру мазмунҳои мушкил (388).

**хунчаконӣ**
Бубаста панҷаи бедод Баҳром
Зи фикри хунчаконӣ карда ором (409).

**даморой**
Тӯтии табъам ба шакархой аст,
Булбули фикрам ба даморой аст (427).

**дилкашонӣ**
Ба мансаб дилкашонӣ ҳам надорам,
Димоғи ҳукмронӣ ҳам надорам (429).

**лабчашонӣ** (ва **ҷафочашонӣ**, (331)
Ҳаловат комгири лабчашонӣ,
Лаззатҳо маҳви коми комронӣ (439).

**доманзанӣ** (кардан)

Дами шафқат зи бас доманзанӣ кард,
Шарар болиду оташафканӣ кард (471).

**дилшуморӣ**
Чу шахси бобулӣ дар сеҳркорӣ,
Чу тори сабҳа андар дилшуморӣ (433).

**рӯнамоӣ**
Мусаффо манзиле дар рӯнамоӣ,
Пушаймонаш Ҳалаб аз шишаҷое (436).

**ангуштхоӣ**
Надоматфитратам, з-оғози тифлӣ ин амал дорам,
Ки хӯрдам хуну кардам шеваи ангуштхоиро (42).

**мижгонкушоӣ**
Сурати мижгонкушоӣ рамзи баъс ангехта,
Ҷунбиши боди нафас бар нафхаи маҳшар гувост (79).

**хокбозӣ**
**лобасозӣ** (ва **лутфсозӣ**, 432)
Дар ин бозича чун тифлон чаро ин хокбозиҳо?
Абас то чанд дорӣ ҳарза завқи лобасозиҳо? (22).

**саркашӣ**
Димоғи саркашӣ аз сар бияндоз,
Агар бар осмонҳо зина дорӣ (300).

**кулфатозмоӣ** (ва **саброзмоӣ**, 307; **ғафлатозмоӣ**, 314)
Чу дидам дар ҷаҳон, Ҳоҷӣ, мани ҳайратнамо охир
Фусурд оинаам дар ҷанги кулфатозмоиҳо (26).

**тасбеҳхонӣ**(ва **нудбахонӣ**, 327; **ишқхонӣ**, 466; **авсофхонӣ**, 409)
Фитнабозонро набошад аз адаб сози сулук,
Нест аз тасбеҳхонӣ дар забони мор рақс (204).
**шуҳратандешӣ**

Намесозад ба созу сӯзи ошиқ шуҳратандешӣ,
Чу шамъ ороиши дил равшан андар пардаи шомам (243).

**адлдонӣ**(ва **айшронӣ)**
Дар нишоту айшронӣ бошад ӯ собитқадам,
Дар бисоти адлдонӣ бод ҳукмаш барқарор (385).

**ҳайратнавозӣ**
Дарорад Комде дар рақсу бозӣ
Маданро бехуду ҳайратнавозӣ (390).

**тарабрезӣ**
Тарабрезӣ ба гардун уштулум кард,
Парӣ аз чашми мино хеш гум кард (440).

**ғамдорӣ**
Ғубoратро зи ғамдорӣ асар на,
Ба дӯши бод кай рафтӣ в-агар на…(461).

**ваҳшатфарорӣ**
Аз офат мавҷ зад баҳри қаҳорӣ,
Саломат дар ями ваҳшатфарорӣ (476).

**роҳатпарастӣ**
Пас чӣ гун ҷуръат бувад зебандаву ғафлат сазо,
Нораво роҳатпарастиҳову лаззатдӯстдор (383).

**назарфармоӣ**
Ҳангоми қадороият, вақти назарфармоият,
Аз мардуми савдоият гардад дилу ҷон бар тараф (215).

**асрорҷӯшӣ**
Хуми кайфияти асрорҷӯшӣ,
Фасеҳмантиқу кунҷи хамӯшӣ (420).

**варақгардонӣ**

Варақгардонии рӯзу шабе ҳаст,
Сафедӣ бо сиёҳӣ карда пайваст (497).

**румузфаҳмӣ**
Румузфаҳмии дил кори тарҷумонӣ нест,
Махоҳ маъниии ишқ аз ибораті қомус (182).

**адамҳастӣ**
Фитрати ӯ чунки адамҳастияст,
Рифъати ӯ аз асари пастияст (412).

Бар илова бояд бигӯем, ки ҷузъи аввали ин гуна исмҳо метавонад мураккаб ё фароҳамомада аз ду асоси феъл буда бошад. Намуна вожаи **гирудор**ро меорем, ки тавассути интерфикси ё садоноки пайвасткунандаи – **у** – аз ду асоси феъли замони ҳозира таркиб ёфта ва бо асоси феъли замони ҳозира пайваста, исми мураккабро созмон додааст, ки бо миқдори ҷузъҳо аз мисолҳои фавқ фарқ мекунад:

**Гирудорандешӣ** ғафлату зиёнкорист,
Оқибат хиҷил гардад ҳар касе ҳишам дорад (149).

г) бо ҷузъҳои **сифат** + **исм** сохта мешаванд ва чигунагиву кайфияти ашёро мефаҳмонанд:

**тарсоҳилӣ**
Рамзи дарёро тавон фаҳмид аз тарсоҳилӣ,
К-ин ҷароҳат аз фузунӣ мечакад носурро (28).

**каҷпайкарӣ** (ва **каҷкамонӣ**, 275)
Аз сияҳкорон наёяд санъати шоистае,
Теғро каҷпайкарӣ ҷуз айби оҳанкор нест (68).

**нармхӯйӣ**
Ҳоҷӣ, мо аз нармхӯйӣ ранҷи меҳнат мекашем,
Домҳо хамёза дорад дар пайи рафтори кабк (224).
**сабукпойӣ**

Хулуси нияту саъйи адаб кун,
Сабукпойӣ ба роҳи ҳақ талаб кун (418).

**мушкинрақамӣ**
Хомаи мушкинрақамӣ тез кун,
Қиссаи меъроҷ гуҳаррез кун (405).

**рангинқабоӣ**
Чароӣ душмани осоиш аз рангинқабоиҳо?
Хазон бар гулшан овардӣ зи шуҳратошноиҳо? (26).

**софтабъӣ**
Дорад ӯ хушдилӣ зи меҳри касе,
Софтабъӣ зи лутфи чеҳри касе (369).

ғ) бо ҷузъҳои **сифат** + **феъл** (асоси феъли замони гузашта):

**гармгардӣ**
Зи шӯхиҳои нозу гармгардӣ
Дами барқаш сипас бигрифт сардӣ (445).

д) бо ҷузъҳои **сифат** + **феъл** (асоси феъли замони ҳозира):

**хушнамоӣ**
Тавсифи туро ба хушнавоӣ
Булбул бикунад масоъу асҳоб (357).

**сахтгирӣ**
Сахтгириҳо маро аз кулфати асбоб шуд,
Роҳати он таҷарруд ваҳшати гирдоб шуд,
Омадам туҳматкаши суду зиёни зиндагӣ (305).

**чаппаронӣ**
Набвад ба суботу ҳаст доим
Ин зол ба чарх чаппаронӣ (331).

**ҳарзадавӣ** (ва **ҳарзатозӣ**, 22)

Гаштем ба ҳар ҷову ба ҷое нарасидем,
Аз ҳарзадавӣ ба муддаое нарасидем (241).

**ҳақталабӣ**

Кулбаи Ҳоҷӣ биё, бар дари зоҳид марав,
Мазҳаби ин ову ув ҳақталабӣ кори ӯст (72).

Дар ин гурӯҳи калимаҳои мураккаб ҷузъи аввал дар шакли сохта низ меоянд, ба монанди **бесарфагӯйӣ**, аммо ин воқеиятро ҳам бибояд гуфт, ки исмҳои **қадр** ва **сарфа** маҳз дар чунин таркибҳо пешванди **но** – ро қабул карда метавонанд ва он ҳам ба василаи нуфузи пасванди – **ӣ** дар калимасозӣ:

Бигзар аз **бесарфагӯйи**ҳо, ки дар базми висол
Гӯшмоле хӯрд қонун, нола бе дастур кард (137).

Ба сарсар нисбати ӯ ҳарзахонист
Сабо ҳам гуфтанаш **ноқадрдони**ст (407).

Бо тақозои пасванди – **ӣ** таркиб ба сурати мураккаб дармеоянд, аммо чунин далелҳо дар шеъри Ҳоҷӣ Ҳусайн зиёд корбурд надорад. Мутобиқи ин қолаби калимасозии мазкур танҳо вожаи **устухонисахтхои**ҳо дарёфт гардид:

Халоиқ бар абас тақлиди вазъи якдигар доранд,
Нагардад саг ҳумо аз устухонисахтхоиҳо (26).

е) бо ҷузъҳои **сифат+сифати феълии замони гузашта ва ҳозира**:

**пастафтодагӣ**(ҳо)

Баҳор охир шуду хуррам нагардид
Зи пастафтодагиҳо донаи мо (39).

**нозукравонӣ**

Ба гаштан рафт аз нозукравонӣ
Ба хатти давраи паргори Монӣ (444).

ё) бо ҷузъҳои **сифати феълӣ** (замони гузашта) + **исм**:

**пажмурдаҳолӣ**
Чу дар пажмурдаҳолиҳо гулистон
Бубинад тозагӣ аз абри найсон (409).

ж) бо ҷузъҳои **зарф** + **феъл** (асоси замони ҳозира):

**бологузарӣ**
Бологузарии мардуми бефазл ҳаром аст,
Дар Каъба шикаст аз чӣ набӣ ҷумла санамро? (21).

## Сифатҳои мураккаб

Дар забони тоҷикӣ сифат низ аз бузургтарин бахшҳои сухан ё ҳиссаҳои нутқ ба шумор меравад ва дар баёни аломату хусусияти исм аҳамият дорад. Чигунагии ашёро фаҳмондани сифат вобаста ба сохт ва андозаву ҳаҷми он аст. Чун ашё дорои хосияти гуногун аст, аз ин ҷиҳат василаи муҳимми тасвир қарор мегирад ва баёни равшану сареҳ бидуни онҳо муассир воқеъ намегардад. Устод Б. Камолиддинов ба ҳамин ҷиҳати сифатҳо эътибор дода, «бо обуранги эмотсионалии худ чун воситаи таъсирбахши забон ва санъати сухан» (62, 68) арзишманд будани онҳоро таъйид намудааст. Дар мавқеи дигар низ ин аҳамияти сифат бо ин нукта таъкид шудааст: «Тавсиф барои пуртаъсир ва барҷаста нишон додани аломати ашьё ва ба тарзи табиӣ тасвир намудани ҳодисаю воқеа хизмат мекунад» (62, 68).

Сифат бо ҳамин вазифаҳояш дар шеъри Ҳоҷӣ Ҳусайн низ, ба монанди адибони дигари пешинаи мо, фаровон истифода шуда ва омили рангинии тарзи ифодаву фасоҳати сабки баён гардидааст. Чун ба ганҷинаи ин қисмати вожаҳои бакорбурдаи ин мутафаккири хушсухан назар ме-

андозем, пеши чашми мо миқдори зиёди калимаҳои мураккаб ҷилвагар мешаванд, ки дар баёни матлаби эшон хидмат кардаанд. Дар он миён сифатҳои мураккаби навъи тобеъ ҷойгоҳи вижа доранд. Бо дарназардошти мавқеи вожаҳои мураккаб, ба хусус сифатҳои мураккаби навъи тобеъ дар забони осори адабиву илмии мо, устод С. Ҳалимов зимни таҳқиқи масоили таърихи забони тоҷикӣ ин гуна калимасозиро пурмаҳсул арзёбӣ намудаву гуфтааст: «Сифатҳои мураккаби типи тобеъ хеле сермаҳсул аст. Ҳамин типи калимасозии сифат дар осори минбаъдаи мо хеле инкишоф меёбад»(63, 45). Воқеияти ин мулоҳизаҳои луғатшиноси варзидаро дар забони фасеҳбаёни Ҳоҷӣ Ҳусайн дидан мумкин аст. Устод М. Н. Қосимова дар мавриди таркиби сифатҳои мураккаби дар осори адибони классикӣ, амсоли Мантиқии Розӣ, Ғазвонии Лӯкарӣ, Дақиқӣ, Лабибӣ, Абӯшакури Балхӣ ва «Таърихи Табарӣ» (38, 165) истифодашуда сухан ронда, аз исму сифат, феълу сифати феълӣ ва зарф фароҳам омадани онҳоро таъкид кардааст, ки андешаи омӯзанда хоҳад буд.

Аз пажӯҳиши таркиби луғати забони назми шоир ба ин натиҷа расидем, ки эшон дар заминаи сохтумони сифатҳои мураккаб, аз як сӯ ба забони адабиёти собиқадори мо такя карда бошад, аз ҷониби дигар, бо риоят ба меъёри забони адабии замони худ як даста вожаҳоеро эҷод намудааст, ки ҳам баёнгари ғиномандии захираи луғат мебошанд, ҳам далели донишмандии шоир дар ҷиҳати луғатдонӣ ва вожасозӣ.

Дар «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» чунин сифатҳои мураккаб аз рӯйи алоқаи ҷузъҳо ба ду гурӯҳ тақсим шудаанд: а) ҷузъи аввали калима ба ҷузъи дуюм тобеъ аст; б) ҷузъи дуюм ба ҷузъи якум тобеъ аст (45-1, 145) (Мо аз такрори мисолҳои пешниҳодшуда сарфи назар кардем). Дар байни сифатҳои мураккаби эҷодкардаи Ҳоҷӣ Ҳусайн бо ҷузъҳои 1) **исм + исм** миқдори вожаҳое, ки дар онҳо ҷузъи аввал асосӣ ва ҷузъи дуюм ба он тобеъ буда бошад, хеле кам аст. Калимаҳои зер намунаи қолаби мазкур мебошанд:

**шабнампора**

Намо заҳмат, ки марҳамгораам ман,

Бигӯ доғат, ки шабнампораам ман (471).

**ҳайратпадидор**

Ту, эй мардум, бидидӣ бар чӣ рухсор,
Ки ҳастӣ тираву ҳайратпадидор (462).

**соҳибтасарруф**

Тааддиро ҳама – соҳибтасарруф,
Пайи озор чун ихвони Юсуф (448).

Шумораи бисёри сифатҳои мураккаб бо ҷузъҳои мазкур бо қолаби бар акс, яъне ҷузъи аввал тобеи ҷузъи охир, истеъмол ёфтаанд. Дар байни ҷузъҳои ин гурӯҳ сифатҳо хусусияти муқоиса эҳсос мешавад:

**аждаҳорӯ**

Ҷафо чун шиҳнагони оташинхӯ,
Чу хирмансӯз барқу аждаҳорӯ (448).

**махмалхоб**

Айши ин маҳфил ҳама тимор медонем мо,
Шахси махмалхобро бемор медонем мо (45).

**тарсосифат**

Ҳастам зи фиъоли худ ҳаросон,
Тарсосифатам, зи хеш тарсон (188).

**мӯрадад**

Мӯрадад лашкаре ҷамъ оварид,
Самти адӯ он ҳама урду кашид (476).

**оинатимсол**

Ки ҳайратмашрабам, оинатимсол,
Забони ҷуръатам дар арзи худ лол (465).

**арастуфитрат** (ва **идрокаржанг**)

Ба ҳикмат Ибни Синоро гаронсанг,

Арастуфитрату идрокаржанг (491).

**ҳиноранг**

Кафаш гар сафқа гаштӣ, гар ҳиноранг,
Фиғон мешуд гул, сар мезад аз чанг (432).

**малакхӯ**

Набудӣ мардумонаш гар малакхӯ,
Бурун мекардшон аз равзаи ӯ (426).

**ваҳшатнамуд**

Мумтаҳан аз шеваи ваҳшатнамуд,
Кард хабар шоҳ, чу баргашт зуд (487).

**қумриравиш**

Аз манзари дида сарви ӯ гум кардам,
Қумриравишам, ба ҳар куҷо гӯям ку (332).

**фирдавсзеб**

Пеши қадаш судра дол, тӯбӣ аз ӯ як хиёл,
Ҳури биҳиштӣ далол, дилбари фирдавсзеб (50).

**ҳасратмисол**

Тараб чун мекунам, ранги малолам,
Чу дил хуш мекунам, ҳасратмисолам (496).

**гулистонқадр**

Ба хоки тира чун иснод дорам,
Гулистонқадр истеъдод дорам (496).

**оташназир**

Ба ин сӯзе, ки дорад нолаи оташназири ман,
Шарар резад ба боми осмон барқи сафири ман (275).

**шӯришаҳвол**

Дами сарде саҳар шуд шӯришаҳвол,

Нагун шуд шаҳрҳо аз боли Ҷиброл (459).

**оинатахмир**

Шаҳи бодониши оинатахмир
Чунин фаҳмид аз қонуни ин зир (470).

**ғуруранбор**

Ҳама тамҳиди арзи беҳаёӣ,
Ғуруранбори уҷбу кибриёӣ (456).

**суратгадо**

Нишаста шайи оллоҳгӯ дар он ҳин,
Паси девори ӯ суратгадо Чин (445).

**видоънамуд**

Банда ҳам аз дами видоъ намуд,
Яъне он дам, ки сохтат падруд (513).

**аршошёна**

Тазарви судраи аршошёна,
Биҳишт аз нақши пояш як нишона (406).

**ошнохӯ**

Суҳайл аҳлану саҳлан марҳабогӯ,
Танин дар қалби ақраб ошнохӯ (408).

**мухтареъранг**

Фусунзоре басоти мухтареъранг,
Ки лушомаҳв будӣ сози Аржанг (439).

**хизрилибос**

Бинмуда лутфи оми ту Хизри баҳорро
Хизрилибосу ғунчаро хушбӯ шамоли ту (10).

**гардунранг**

Тарҳ кард ин бинои гардунранг,

Ки аз ӯ рашк дар Ирам уфтод (338).

**сунбулалаф**
Медамад бӯйи хушат чун мушки азфар ҳар тараф,
Бо хитову нофаву бе оҳуи сунбулалаф (321).

Ҷуз инҳо, дар Куллиёти шоир калимаҳои мураккаби бисёре ба кор рафтаанд, ки аз нигоҳи ифодаи маъно онҳоро ба сифатҳои баёнгари хусусиёти гуногун тааллуқ донистем, ба мисли:

**дилпора**
Буд як мутриби ғамхорае
Ном Мадан, ошиқи дилпорае (430).

**гирякирдор**
Тапишомода килки гирякирдор
Забон дар хун кашиду рехт гуфтор (454).

**ҷонталош**
Зи дарди сина аз бас ҷонталошам,
Тасалло то шавад, андак харошам (465).

**равшанидӯст**
Сиёҳӣ рангу ботин равшанидӯст,
Намоиш мағзро аз шишаи пӯст (406).

**найсоннасаб**
Чашми найсоннасабам бар сари роҳат ҳар шаб
Он қадар ашки равон дошт, ки дарё мекард (136).

**гирятаҳрир**
Қалам ба дасти мани зор гирятаҳрир аст,
Зи мижа хун фиканад, то кунад назар коғаз (163).

**ҷонҳалок**
Гулистони Ирам пинҳон ба хокаш,

Шадоди орзуҳо ҷонҳалокаш (425).

**овозатараф**
Кардем ба ҳеҷ умру сармоя талаф,
Шуҳраталаб омадему овозатараф (352).

**муқаддастинат** (ва ҳам **қудусифитрат**, 416)
Муқаддастинат, аммо жандапӯше
Қудусифитрату имконфурӯше (416).

**афсунтароз**
Дами дил ҳар куҷо афзунтароз аст,
Каманди тори тасхираш дароз аст (471).

**шуҷоатсиришт**
Баст камар шоҳи шуҷоатсиришт
Нома ба он ҳокими золим навишт (468).

**саҳромарг**
Кунун шарманда аз рӯйи вафоям,
Ки саҳромаргаму бехунбаҳоям (462).

**яъсоҳанг** (ва ҳам **ибратоҳанг**, 296)
Ки аз он нағмаҳои яъсоҳанг
Маданро шишаи дил рехт бар санг (454).

**фараҳбол**
Чу бахти нек он мурғи фараҳбол,
Чу фоли саъд он товуси иқбол (437).

**фалакноз**(шудан)
Ғубори шӯхияш аз домани ноз
Гулистон гаштиву мешуд фалакноз (432).

**ишқорзӯ** (ва **ҳасратнумӯ)**
Пардаи сози дили ишқорзӯ,

Сӯзу гудози лаби ҳасратнумӯ (430).

**ҳикматкор**
Шуд ба ҷойи падар ба тахти Бухор
Бо қазои Худои ҳикматкор (370).

**ҳасадандеша**
Зи гаронгӯшии ҷуҳҳоли ҳасадандеша
Сухани ҳақ чу гуҳар рехт ба дарё ин ҷо (40).

**фаноовоза**
Пардаи сози зуҳури мо фаноовоза аст,
Нестиро худ далел аз рафтани савту садост (79).

**хиҷолатмоя**
Пеши мардум з-эътибори худ хиҷолатмояам,
Гарчи хислат кардамӣ ташҳири худро ихтиёр (169).

**ҳавасовора**
Ҳавасовораам дар ҳар валоӣ,
Бурун рафтам зи худ, дигар куҷоӣ? (464).

**марҳаматоин** (ва ҳам **маҳшароин**, 478)
Чун падар бовиқору ботамкин
Марҳабохӯву марҳаматоин (374).

**мамлакатмадор** (ва **фалакмакдор**)
Мансаби мамлакатмадораш дод,
Ҳукмфармоии Ҳисораш дод (374).

**яъстамир**
Дар ин беморҷойи яъстаъмир
Умеди амн набвад ҷуз ба тадбир (471).

**яъсманзил**
Дар он кулфатсарои яъсманзил

Гузашт он чи ки тафсил аст мушкил (453).

**яъсмансаб**
Ғараз он бенавои яъсмансаб
Саропо ҷаҳд будӣ рӯз то шаб (463).

**яъсҳосил**
Ғараз он бенавои яъсҳосил
Ба зери он дарахташ буд манзил (466).

**равнақасбоб**
Бувад з-ин чашмаҳои равнақасбоб
Гулистони мизоҷи хушк сероб (491).

**ҳайратиншо**
Чу он бесози сози ҳайратиншо
Шикаст оина дар чашми тамошо (443).

**фармоннафоз**
Довари дороғулому урдуиumматро маоз,
Сарвари хусравсагу шоҳаншаҳи фармоннафоз (319).

**фалаккавкаба**
Он шоҳи фалаккавкабаи арши баро,
Равшан шуд аз ӯ сифоту асмои Худо (343).

2) миқдори сифатҳои мураккаб бо ҷузъҳои **исм** + **сифат**, ки бо роҳи факки изофат алоқа пайдо кардаанд, нисбатан кам буда, дар онҳо ҷузъи аввал асосӣ буда, ҷузъи дуюм ба он тобеъ аст ва дар маҷмӯъ чигунагӣ ва вазъро мефаҳмонанд:

**асарбегона** (будан)
Асарбегона бошад нолаи ман,
Шарар маҳтоби дашти ҳолаи ман (496).
**панҷабекор**
Аз он найрангсози бе дафу тор

Зи хушкӣ гашт мутриб panҷабекор (443).

**бахтбедор**

Арӯси тозарӯйи бахтбедор
Зи хуни шоҳ шуд гулгунарухсор (480).

**пойлуч**

Гарчи бошанд жандапӯши нотавону пойлуч ,
Лек ҳастанд чун малоик соҳиби иззу виқор (377).

**инсофмоил**

Агар табъат будӣ инсофмоил,
Адо кардӣ ҳақаш, эй носазодил (473).

**айшмоил**

Шаҳи доросиришти айшмоил,
Муҳити гавҳаре будаш ҳамоил (443).

3) бо ҷузъҳои **исм** + **феъл** сифатҳои мураккабе сохта мешаванд, ки ҳолат, фаъолият ва хусусияти гуногуни одамонро бозгӯ менамоянд:

а) **исм** + **асоси феъли замони гузашта**. Бо ин қолаб танҳо ду далел (бо исмҳои **шайтон**, **маънӣ** ва масдари **парастидан)** ба даст омад:

Некро бад мешуморад мардуми беимтиёз,
Аблаҳи **шайтонпараст** аз марди доно мерамад (132).

Ду олам аз сувайдои хиёлам маҳв мегардад,
Агар ҳар гаҳ ба ёди он сурати **маънипараст** ояд (134).

б) **исм** + **асоси феъли замони ҳозира**. Сифатҳои мураккаб бо ин қолаб ниҳоят бисёр ба назар мерасанд: **памбагир** (ва **нургир**, 318; **намгир**, 164; **одатгир**, 382; **замонгир**, 417; **шитобгир**, 170)

Парафшони ҳавои маҳфилаш ҳӯш,
Суроҳӣ памбагир аз равзани гӯш (433).

**хобпеч**
Дар тангнои олами авҳом чун шарар
Дар интизори чашмаке гаштем хобпеч (97).

**андӯҳнамо**
Ин дашт, ки тӯфони балояш пайдост,
Ё раб, чӣ бало гӯшаи андӯҳнамост? (345).

**шириннамо**
Бадон аз ихтилоти некӯвон шириннамо бошад,
Шавад дӯғи туруш чун шир танҳо шуд зи равғанҳо (34).

**кинофарин**
Ба посух гуфт: «Ман кинофаринам,
Тақозо мекунад сират бар инам…» (490).

**ганҷбахш**
Буд доим музаффару мансур,
Ганҷбахшу иноятмавфур (370).

**номасупор**
Ин сухан бар амир шуд душвор,
Ҳабс кард он сафири номасупор (372).

**шакарбез** (ва **балобез**, 458)
Биё, соқӣ, мае деҳ атромез,
Забонам кун шакар, лабро шакарбез (383).

**ҳавохез** (ва **ваҳшатхез**, 149; **офатхез**, 177; **ибратхез**, 345; **сафохез**, 424; **фараҳхез**, 437; **ҷафохез**, 440)

Ҳавохезанд ё гарди замингир
Ба аҷзе як қалам доранд тахмир (45).

**ҳушандоз**
В-аз он ҳар ду тилисми ҳушандоз

Нафас дуздид ною риштаи соз (441).

**рамкун** (ва **ситамкун** )
Чашмат чу ғизоли ваҳшӣ рамкун,
Хунрез чу золими ситамкун (294).

**маргангез** (ва **ҷунунангез**, 345)
Чу он ахбори маргангез бишнид,
Равон гуфт алвидоъу дида хобид (488).

**муҷаррадтоз**
Муҷаррадтози шаҳристони таҷрид,
Қаландармашраби иқлими тавҳид (431).

**ҳасратхурӯш** (ва **ҳайратфурӯш)**
Садои булбулаш ҳасратхурӯш аст,
Нигоҳи гул ҳама ҳайратфурӯш аст (440).

**шуҳраталаб**
Кардем ба ҳеҷ умру сармоя талаф,
Шуҳраталаб омадему овозатараф (352).

**гӯрнишин (устухоншин**, 457)
Гӯр ҷоест, дар ӯ гӯрнишин Баҳром аст,
Ки дар ин рӯз на Баҳрому на гӯраш донӣ (328).

**хоҷагурез**
Кунун, ки Ҳоҷӣ, шудӣ пир, бар дари ӯ мир,
Ки нест мартабае бар ғуломи хоҷагурез (177).

**муждадеҳ**
З-анфози саҳар ғунчалабон карда ба ханда,
Бодест магар муждадеҳи пираҳан асташ? (191).

**сабзадор** (ва **тарабдор**, 482; **софдор**, 336; **сарфадор**, 147)
Саводи дафтари ҳусни туро чӣ мазмун аст?

Хатти ғубори варо сабзадор мебинам (254).

**хуномез** ( ва **рӯҳомез**, 467)
Дар пардаи хок нозанин хуфта,
З-ин ғусса мизоҷи лола хуномез аст (345).

**паргушо**(й) (ва **саъйозмо**(й)
Кунунам мурғи ҳиммат паргушой аст,
Кафи обилаам саъйозмой аст (459).

**эъҷознавис**
Эй хомаи ту ҳикмати эъҷознавис,
Ҷуз ту набувад ҳеҷ касе сознавис (350).

**нуқсонпазир**
Карамро дастгоҳ аз муфлисӣ нуқсонпазир уфтад,
Зи оби кам таровиш бар сари мизоб меларзад (112).

**ҳайратафзо** (ва **равнақафзо**, 340)
Ин мусаввад ба субҳи шаб кардам,
Ҳайратафзо ӯро лақаб кардам (375).

**тасбеҳхон** (шудан)
Кафашро сангҳо тасбеҳхон шуд,
Баёни заҳрро лаҳме забон шуд (402).

**амонҷӯ**
Ҳар он, к-ӯ баҳри ӯ гардад амонҷӯ,
Бимолад гарданаш бар теғ паҳлӯ (446).

**ҷилвафурӯш**
То гуҳараш ҷилвафурӯш омада
Аҷзи навое ба хурӯш омада (412).

**набзбин**
Зи набзаш то тапиш маҳсус мегашт,

Табиби набзбин маъюс мегашт (467).

**мазарратангез**
Ҳалоки маҷмаи ёрон мазарратангез аст,
Ба ғайри неш наҷӯшад зи хонаи занбӯр (171).

**маҳвандеш**
Кунун, ки ҳиммати ошиқ маҳвандеш аст,
Кӣ мекашад зи сари дор наъраи Мансур? (171).

**хиҷолатовар**
Эй марҳами захми синаи реш,
Фарёдраси ғарибу дарвеш,
Бе оби рухему хиҷолатовар (360).

**раҳматбар**
Ё раб, ӯ ба ҳоли мо, афтодагон, раҳматбар аст,
Лутфи худро шомили ҳолаш ба ҳар ду дор дор (385).

**рақсозмо**
Шамсаи маҷлис, маҳи дур аз ҳаё,
Кавкаби маҳфили рақсозмо (430).

**тарабрез** (ва **ирамрез**, 437)
Нигаҳтезу сабукхезу шакарбез,
Балоангезу шӯромез, тарабрез (432).

**тарабҷӯш**
Бад-ин сон мутрибе, номаш Мадан буд,
Тарабҷӯши баҳори сад чаман буд (433).

**ташвишшумор**
Ташвишшуморанд ҳамаи хоҷасароён,
Роҳат талабӣ, аз каму аз беш бурун о (20).

**нафспеч**
Такрори шабонрӯзӣ тӯмори нафаспеч аст,

Ғайр аз ин саводе нест дар ин ду варақ пайдо (43).

**такязан**

Ту такязани чаҳорболишт,
Ман дида ба роҳ чор, эй дӯст (57).

**акспарвар**

Зи хубиҳо дару бомаш мусаввар
Намо оинаамро акспарвар (396).

**ҷилвафармо**

Зуҳур аз зоҳири ӯ ҷилвафармо,
Вале аз нуқс маҳсусе мубарро (415).

4) бо ҷузъҳои **исм** + **сифати феълӣ** низ ҳолат ва хусусиятро мефаҳмонанд:

**суратшикаста**

Ҳаюлое манам суратшикаста,
Зи рангам бӯйи истеъдод ҷаста (472).

**ҳаворафта**

Эй хоки ҳаворафта, ба афтодани мо бин,
Чун сурма ба мижгони ҳавое нарасидем (241).

**хунбаста**

Ҳар ғунча, ки ҳаст дар баҳораш,
Хунбаста дилест, менадонӣ? (331).

**аррадида**

Зи ҳасрат панҷа бар дандон кашида
Чу ҷӯби решаноки аррадида (488).

5) бо ҷузъҳои **исм**(-и амал) + **зарф** ҳолати ашёро мефаҳмонад:

**даъватқарин**

Дар он муддат, ки фарши он замин шуд,

Барои муддао даъватқарин шуд (463).

6) сифатҳои мураккаб бо ҷузъҳои **сифат** + **исм** аломати зоҳирӣ ва ботинии мавсуфро мефаҳмонанд:

**тозахирман**
Сабо з-он навбаҳори тозахирман
Фаромӯше чу ранг аз рӯйи гулшан (438).

**доросиришт**
Шаҳи доросириштти айшмоил
Муҳити гавҳаре будаш ҳамоил (443).

**сабзбахт**
Тифоқи сабзбахти осмонфар
Ба ранги сабза зад з-он сарзамин сар (468).

**тиранишон**
Дорӣ зи чӣ, эй бехабари ҳарзафиғон, баҳс?
Бо софдилон аз нафаси тиранишон баҳс? (94).

**баландандеша**
Фикри шаъри навхате, Ҳоҷӣ, хиёлам бурдааст,
З-он баландандешаам, мазмуни ашъорам мапурс (181).

**зарринтор**
Ҳар куҷо з-он сунбули мушкин ҳикоят рафтааст,
Медамад мӯйи сияҳ рагҳои зарринтори гул (230).

**тозабоғ**
Қуббаи исломро дури ятими шабчароғ,
Навбаҳори сабзу хуррам, навниҳоли тозабоғ (321).

**нилигунбаз**
Андар таҳи ин қуббаи нилигунбаз
Гаштем зи заҳри косаи ӯ мултаз (349).

**нозуковоз**
Сарири бобҳои нозуковоз

Ба таъсири тамом аз пардаи соз (436).

**гармфитрат**
Рухсори гармфитрати аҳли карам мудом
Аз инфиоли зиллати шахси гадост сурх (102).

**навмактаб**
Кӯдаки навмактабат чун пирсолони ҳифоз,
Олими ҳарфи шариат, минбари динро виоз (320).

**куҳнакасал**
Модар аз рӯзи азал зода туро куҳнакасал
Ғайри маъҷуни аҷал нест туро дармоне (328).

**нектадбир**
Бувад фазли карими нектадбир,
Шумули хотири шахси замингир (458).

**бевафохӯ**
Золи дунё чун арӯсе баста бар худ зевар аст,
Бевафохӯеву золим, булаҷоиб дилбар аст (323).

**олигуҳар**
Олигуҳару сутудаавсоф
Маъдини сахову канзи алтоф (363).

**қавифармон**
Бувад ӯ сояи Яздону бошад
Шариатро қавифармону бошад (428).

**тамомхулқ** (ва **олинасаб)**
Мири парвоначии олинасаб,
Авлиёқули тамомхулқу адаб (369).

7) бо ҷузъҳои **сифат** + **асоси феъли замони ҳозира** хусусият ва ҳолати ашёро мефаҳмонанд:

**сабукхез**

Нигаҳтезу сабукхезу шакарбез,
Балоангезу шӯромез, тарабрез (432).

**тезшитоб**

Аз қомати хамгашта дигар ҳеҷ мапурсед,
Наъле ба раҳ аз қофилаи тезшитоб (73).

**софдор**

Рофеи сарсому саҳр, нофеи авроmу саръ,
Муслиҳи савдову сафро, хуну балғам софдор (336).

8) бо ҷузъҳои **шумора** + **исм** чигунагиву хусусияти ашёро мефаҳмонанд:

**ҳафтовоз** (ва **даҳгонапарвоз)**

Ба сози пардаҳои ҳафтовоз
Ба боли товуси даҳгонапарвоз (414).

**чаҳордаҳшаб**

Қурси қамари чаҳордаҳшаб
Бишкофт сиёсати нигоҳат (356).

9) бо ҷузъҳои **феъл** (**асоси замони гузашта**) + **сифат** ҳолати ашёро мефаҳмонанд:

**шикастомода**

Шикастомодааст, к-ӯ димоғи саркашӣ дорад,
Саломат бар кадуӣ нест шуд, бар боди силсилаш (190).

10) бо ҷузъҳои **сифати феълӣ** + **исм** ҳолат ва хусусияти ашёро мефаҳмонанд:

**бастаниқоб**

То моҳи ту карда ба замин нурфишонӣ,

Дар пардаи гардун рухи хур бастаниқоб аст (73).

**сутудаавсоф**
Олигуҳару сутудаавсоф
Маъдини сахову канзи алтоф (363).

**пажмурдаэътибор**
З-ин боғи пурнадомати пажмурдаэътибор
Гул кардааст ғунчаи дил ихтисори ранг (223).

11) бо ҷузъҳои **сифати феълӣ** + **феъл (**асоси феъли замони ҳозира) ҳолати ашёро мефаҳмонанд:

**пухтанамо**
Атвори замона бенизом аст,
Ӯ пухтанамову мағзхом аст (161).

12) бо ҷузъҳои **феъли ҳол** + **сифат** низ ҳолати ашёро мефаҳмонанд:

**фармударом**
Ки моён бандаи фармударомем,
Дар ин даргоҳ умре шуд ғуломем (491).

13) бо ҷузъҳои **зарф** + **исм** хусусияти ашёро мефаҳмонанд:

**болотаъсир**
Ҳазар зи оҳи заифони дилшикаста кунед,
Шарора кам набувад зи оташи болотаъсир (164).

14) бо ҷузъҳои **зарф** + **феъл** (асоси феъли замони ҳозира) салиқа ва ҳолати ашёро мефаҳмонанд:

**markсознавис**
Эй хомаи ту ҳикмати эъҷознавис,

Ҷуз ту набувад ҳеҷ касе сознавис (350).

**оромгурез**

Беди ҷунун бар сари ӯ соярез,
Роми раму ваҳшии оромгурез (430).

**оҳистанамо**

Чун мужда саводи интизор аст,
Оҳистанамои беқарор аст (160).

## Зарфҳои мураккаб

Дар манобеи илмӣ ба миқдоран кам будани зарфҳо дар забони тоҷикӣ (45-1, 177) ишорат шудааст. Ва дар бобати ташхиси зарфҳо аз калимаҳои дигар низ мавқеи матнро эътироф кардаанд. Ба ҳамин хотир академик Б. Ниёзмуҳаммадов менависад, ки «Дар морфология калима мувофиқи маъно ва вазифаи худ ба яке аз ҳиссаҳои нутқ қатъиян вобаста буда, дар дохили ҳамон ҳиссаи нутқ вазифаеро иҷро мекунад. Як калима ҳеҷ вақт берун аз матн ба ду ҳиссаи нутқ тааллуқ дошта наметавонад» (64, 56). Ин андеша шояд вобаста ба таснифоти ҳиссаҳои нутқ ва категорияи зарф ва ҳудудан зиёд набудани онҳо пайдо шуда бошад, ки дар «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» низ аз ҳамин замина чунин камтаваҷҷуҳӣ нисбат ба баррасии сохтори зарф эҳсос мегардад. Чунончи, дар гурӯҳбандии таркиби зарф танҳо ба зарфҳои мураккаби тарзи пайваст диққат дода шудааст, агарчи муаллифон мавҷудияти зарфҳои мураккаби тобеъро эътироф доранд. Аз ҷумла, омадааст: «Зарфҳои мураккаб аз ҷиҳати муносибати байниҳамдигарии ҷузъҳо ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: зарфҳои мураккаби пайваст ва тобеъ» (45-1, 280).

Баҳси зарфҳои мураккаби гурӯҳи тобеъ аз мадди назари И.Исмоилов (Зарф дар забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе, 1971) низ дур мондааст. Аммо мавҷудияти ин

унсурҳо дар сухани Ҳоҷӣ Ҳусайн воқеияти ғановати таркиби луғати забонро бозгӯ мекунанд. Зарфҳои мураккаби навъи тобеи истифодакардаи шоир таркибан фароҳамомада аз ҷузъҳои зеринанд:

1) бо ҷузъҳои **исм** + **исм** тарзи иҷрои амал ва мафҳуми монандиро мефаҳмонанд:

**маҳтобравиш**
Хуршеднамо ҷабҳаи ӯ шаъшааи нур,
Маҳтобравиш нимшабӣ бар шуданасташ (189).

**фусусоғоз**
Ба бахти хештан дар ҷанг мерафт,
Фусусоғози ин оҳанг мерафт (461).

**овозатараф**
Кардем ба ҳеҷ умру сармоя талаф
Шуҳратталаб омадему овозатараф (352).

**афъисифат**
Афъисифат аз заҳри забон бар дили мардум
Зулм аст ситамномаи ташвиш кушудан (271).

2) бо ҷузъҳои **исм** + **феъл** (асоси феъли замони ҳозира) низ тарзи иҷрои амалро мефаҳмонанд:

**худогӯ**
Чу рабти сабҳа гар ҷамъе нишаста,
Худогӯ бо дили сӯрохи хаста (426).

**шуҳраталаб** (руҷӯъ шавад ба байти зимни моддаи луғавии **маҳтобравиш** омада).

**туҳматкаш**
Сахтгириҳо маро аз кулфати асбоб шуд,

Роҳати он таҷарруд ваҳшати гирдоб шуд,
Омадам туҳматкаши суду зиёни зиндагӣ (305).

Хулоса, сарзамини шоирхези мо аз Одамушшуаро устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ гирифта то қаламкашони ҷавону хуштабъ – Сурӯшу Фарзона нуктапардозони фаровонеро ҷиҳати хидмати ҷомеа ва рушди маънавиёти фард-фарди он ҳадя намудааст, ки мояи ифтихор ва мӯҷиби сарафрозии мо хоҳанд буд. Дар мавриди забон, сабки баён ва маҳорати суханофаринии устод Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртии Хатлонӣ низ аз ҳамин дидгоҳ метавон баҳо дод. Ин адиби ширинсухан дар ҷодаи хомафарсоӣ рисолати худро бо такя ба анъанаи эҷодии гузаштагон анҷом дода, аз сӯйи дигар, дар заминаи офариниши калимаҳо арзи ҳунар кардааст. Вожаҳои ба забон вориднамудаи ӯ баёнгари маъниҳои тозаву рангине мебошанд, ки дар маҷмӯъ ҳусни суханашро афзудаанд. Фаро гирифтани ин ҷиҳати ашъори шоир ба ҷараёни инкишофи забони тоҷикии кунунӣ, ба вижа тадвини фарҳангномаҳо, бе суд нахоҳад буд.

## ПАЙНАВИШТҲО

1. Эмомалӣ Раҳмон. Ҷомеа ва рисолати зиёӣ//Ҷумҳурият, 21.03.2009.
2. Мирҷалолуддини Казозӣ. Ковише дар реша ва сохти чанд вожа// Адаб. Душанбе, 1991, №2(8).
3. Гулшани адаб. – Душанбе: Ирфон, 1977. Ҷ. 4.
4. Энциклопедияи советии тоҷик. Сарредакцияи илмии энциклопедияи советии тоҷик. – Душанбе, 1988.
5. Муҳаммадҳусайни Ҳоҷӣ. Асарҳои мунтахаб. Бо эҳтимоми Саидумар Султон. НДТ.-Душанбе, 1962.
6. Фарҳанги забони тоҷикӣ.Нашриёти Советская энциклопедия, – Москва, 1969. Ҷ.1.
7. С. Анварӣ, Х. Табаров. Сухани Ҳоҷӣ Ҳусайн ва Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ахбори Академияи илмҳои ҶТ, шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ, 2008, №2.
8. Матлубаи Мирзоюнус. Ҳамзоди тӯфон. – Душанбе: Адиб, 2007.
9. А. Сӯфизода. Сухан – ҷавҳари фикр. – Душанбе, 2009.
10. Носирҷон Маъсумӣ. Забон ва услуби Аҳмади Дониш. – Душанбе: Дониш, 1976.
11. Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ. Куллиёт. Виростор ва сомондиҳандаи матн Қ. Чиллазоди Теҳрайӣ, Амирхӯҷа Абдураҳимӣ. – Душанбе: Ирфон, 1983.
12. Саъдии Шерозӣ. Куллиёт. – Душанбе: Адиб. Ҷ. 3.
13. Абдулқодири Бедил. Осор. – Душанбе: Адиб, 1991. Ҷ. 3.
14. Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Муҳтарам. Тазкират-уш-шуъаро. Дастнависи муаллиф, таҳти рақами 2252. Китобхонаи дастнависҳои шарқии АУ Ӯзбекистон (Куллиёти Ҳоҷӣ Ҳусайн, с. 8).
15. Фарҳанги забони тоҷикӣ. – Москва, 1969. Ҷ. 2.
16. Девони Носири Хусрав. Бо муқаддимаи Сайид Ҳасан Тақизода. – Теҳрон. Интишороти Симои дониш, 1378, чопи севум.
17. Дар бораи адабиёт ва нақди адабӣ. Нигориши дуктур Хусрави Фаршедвард. Муассисаи интишороти Амири Кабир. Ҷ. 2.
18. «Шоҳнома»-и Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ. Матни ко-

мил ба замимаи достонҳои илҳоқӣ. Муқаддима ва шарҳи ҳол аз марҳум Муҳаммадъалии Фурӯғӣ. Закоъ-ул-мулук. Созмони чоп ва интишороти Ҷовидон.
19. Девони Носири Хусрав. Муассисаи интишороти Нигоҳ. – Теҳрон, 1375.
20 (1). Аз ин луғатномаҳо чун маъхаз истифода кардем: Фарҳанги Амид. Тоълифи Ҳасан Амид. Муассисаи интишороти Амири Кабир. – Теҳрон, 1362; Дуктур Муҳаммад Муъин. Бурҳони қотеъ.Тоълифи Муҳаммадҳусайн бинни Халафи Табрезӣ мутахаллис ба Бурҳон. Бо эҳтимоми дуктур Муҳаммад Муъин, ҷилди севум. Муассисаи интишороти Амири Кабир. – Теҳрон, 1362. Фарҳанги форсӣ.. Муассисаи интишороти Амири Кабир.-Теҳрон, 1382, ҷилди севум; Фарҳанги забони форсӣ. Дуктур Муҳашшид МушИрӣ. Суруш. – Теҳрон, 1371; Садриддин Айнӣ. Куллиёт. – Душанбе:Ирфон, 1976. Ҷ.12. Амон Нуров. Фарҳанги осори Ҷомӣ. Иборат аз ду ҷилд. Сарредакцияи илмии энсиклопедияи советии тоҷик. – Душанбе, 1983; Амон Нуров. Фарҳанги ашъори Рӯдакӣ.-Душанбе: Маориф, 1990; Фарҳанги мухтасари «Шоҳнома». Бунёди забони форсии тоҷикӣ. – Душанбе: Адиб, 1992.
21. Забонҳо ва лаҳҷаҳои иронӣ. Ба қалами Иҳсон Ёршотир. – Теҳрон, 1336.
22. Анваров С. Думбра ё дутор? //Адабиёт ва санъат.-Душанбе, 1985.
23. Фарҳанги Онандроҷ. Тоълифи Муҳаммад Подшоҳ мутахаллис ба «Шод», ҷилди севум. Аз интишороти китобхонаи Хайём. – Теҳрон, 1336, с. 1945.
24. Ғиёс-ул-луғот. Тоълифи Муҳаммад Ғиёсуддин.Таҳияи матн бо пешгуфтор, мулҳақот, тавзеҳот ва феҳристи Амон Нуров. – Душанбе: Адиб, 1987. Ҷ. 1.
25. Фарҳанги Амид, с. 512.
26. Луғати омиёнаи форсии Афғонистон. Тоълифи Абдуллоҳи Афғоннавис. – Кобул, 1364.
27. Фарҳанги форсии имрӯз. Ғуломҳусайн Садрии Афшор, Насрин Ҳакамӣ, Настаран Ҳакамӣ. Муассисаи нашри калима. – Теҳрон, 1374.
28. Киселева Л.Н., Миколайчик В.И. Дари-руский словарь. –

Москва: Издательство Русский язык, 1978.
29. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Иборат аз ду ҷилд. – Москва: Нашриёти Советская энциклопедия, 1969.
30. Абдуҷаббори Шоҳаҳмад. Фарҳанги ашъори Камоли Хуҷандӣ. – Душанбе: Пайванд, 1996.
31. Фарҳанги форсии имрӯз, с. 286; Дари – русский словарь, с. 170.
32. Фарҳанги форсӣ ба паҳлавӣ. Тоълифи дуктур Баҳром Фравашӣ. Интишороти Донишгоҳи Теҳрон, тоърихи интишор 1381, шумораи
33. Н. Маъсумӣ. Ҷаҳонбинӣ ва маҳорат. – Душанбе: Ирфон, 1966.
34. М. Турсунзода. Замони мо ва вазифаҳои адабиёти тоҷик. – Душанбе// Маориф ва маданият, 1961, 3-юми июн.
35. Ҷонибек Акобиров. Забон ойина ва афзори андеша аст. – Душанбе// Адабиёт ва санъат», 2007, 22-юми ноябр.
36. Саид Ҳалимов. Таърихи забони тоҷик (асрҳои Х1-Х11). – Душанбе, 2002.
37. Қутбиддин Мухторӣ. Хусусиятҳои луғавию услубии ашъори Рӯдакӣ. – Душанбе, 2006.
38. Қосимова М. Н. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои 1Х-Х ). Қисми 1. – Душанбе, 2003.
39. Хоҷаев Д., Саломов М., Ҳомидов Д. Таҳкимбахши мактаби устод// Забон-рукни тоат. Маҷмӯи мақолаҳо (китоби чорум). Бахши филология, – Душанбе: Нашриёти ДМТ, 2008.
40. Ҳасанов А. Бархе аз вожаҳои сайёри ашъор. Забон-рукни тоат. Маҷмӯи мақолаҳо (китоби чорум). Бахши филология, – Душанбе: Нашриёти ДМТ, 2008. – С. 41-50.
41. Ҷонибек Акобир Забон ойина, забон афзори андеша аст. Душанбе// Садои Шарқ, 2008, №1. – С. 7-15.
42. Ҳалимов С. Ҳ. Таърихи забони адабии асрҳои Х1-Х11. – Душанбе, 1979.
43. Рашид Курмонч. Баъзе вижагиҳои луғавии қасоиди Анварӣ// Забон – рукни тоат ( Маҷмӯи мақолаҳо,китоби чорум). – Душанбе: Нашри ДМТ, 2008. – С.285-289.
44. Саймиддинов Д. Вожашиносии забони форси миёна. – Душанбе: Пайванд, 2001.

45. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Фонетика ва морфология, – Душанбе: Дониш, 1985. Қ.1.
46. Ғиёс-ул-луғот. Таълифоти Муҳаммад Ғиёсуддин. Таҳияи матн бо пешгуфтор, мулҳақот, тавзеҳот ва феҳристи Амон Нуров. – Душанбе: Адиб, 1987. Ҷ.1.
47. فرهنگ بزرگ سخن تالیف دکتر حسن انوری-تهران سخن1381 – ص 4329-جلد6-4329ص
48. فرهنگ بزرگ سخن تالیف دکتر حسن انوری-تهران سخن1381 – جلد3-2611ص
49. Забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе: Ирфон, 1973. Ҷ.1.
50. فرهنگ بزرگ سخن تالیف دکتر حسن انوری-تهران سخن1381 – جلد3-2611ص
51. فرهنگ فارسی پهلوی تالیف دکتر بهرام فره وشی-تهران 1381 – 571ص
52. Рустамов Ш. Таснифоти ҳиссаҳои нутқ ва мавқеи исм. – Душанбе: Ирфон, 1972.
53. Куллиёти Шамси Табрезӣ. Ба қалами Бадеъуззамон Фурӯзонфар. – Теҳрон. Чопхонаи Сипеҳр, 1363.
54. Фарҳанги мухтасари «Шоҳнома». Тартибдиҳанда Иброҳим Ализода. Таҷдиди тартиб, такмил ва таҳрири Ҳафиз Рауфов ва Зоҳир Аҳрорӣ. – Душанбе// Бунёди забони форси тоҷикӣ: Адиб, 1992.
55. Лившиц В.А. О внутренных законах развития таджикского языка // Изв. отд. общ. наук АН Тадж. ССР, вып. У, 1954. – С.87-102.
56. Рустамов Ш. Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе: Дониш, 1972.
57. Ҳошимов С. Ҷузъҳои маъмули калимасоз дар абёти Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ// Забон-рукни тоат. Маҷмӯи мақолаҳо (китоби чорум). Бахши филология, – Душанбе: Нашриёти ДМТ, 2008. – С. 89-95.
58. Халилов А. Вазифаи грамматикии бандаки изофии –**и** дар забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе: Дониш, 1969.
59. Рустамов Ш. Исм (категорияҳои грамматикӣ, калимасозӣ ва мавқеи исм дар системаи ҳиссаҳои нутқ). – Душанбе: Дониш, 1981.
60. Рустамов Ш.Забон ва замон. – Душанбе: Ирфон, 1981.
61. Ҳоҷиев С. Забони адабии тоҷик дар ибтидои асри XX,

1990.
62. Камолиддинов Б. Услубшиносӣ. – Душанбе: Ирфон, 1983.
63. Ҳалимов С. Ҳ., Шукурова К. Забони ҳозираи тоҷик (ҳиссаҳои номии нутқ). – Душанбе, 1988.
64. Ниёзмуҳаммадов Б. Баъзе масъалаҳои забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе: Ирфон, 1965.
65. Х. Шилд. Забони деҳқонон ё забони мунавварфикрон//Правда Востока, 1928, шумораи 251, 30 октябр (аз китоби Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. Тартибдодагон А.Набавӣ, Н.Одинаев, П. Олимов. – Душанбе: Ирфон, 2007 иқтибос шуд).
66. Фарҳанги форсии Муҳаммад Муъин. – Теҳрон: Муассисаи интишороти Амири Кабир, 1382.
67. Луғати имло. Мураттибон А. Маниёзов, А. Мирзоев.- Душанбе: Маориф, 1991.
68. Фарҳанги Амид.
69. Фарҳанги бузурги сухан. Дуктур Ҳасан Анварӣ. Интишороти сухан. Теҳрон, шумораи 1358.
70. Т. Зеҳнӣ. Фикри ман дар бораи забони чопагӣ//Рӯзн. Овози тоҷик, 1928, 4 ва 6 декабр (аз китоби Забон ва худшиносии миллӣ – баргардони П. Гулмуродзода. Д., 2007).
71.Т. Зеҳнӣ. Мусоҳиба дар бораи забон ва адабиёт//Рӯзн. Овози тоҷик 1926, 25 май , 5, 17 июн, 9, 14 июл (аз китоби Забон ва худшиносии миллӣ), саҳ. 33
72. Қосимов. Рӯзн.Тоҷикистони сурх, 1928, 13 ноябр (аз китоби Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо).
73. С. Айнӣ. Маҷ. Раҳбари дониш, 1928, №4-5 (аз китоби Забон ва худшиносии миллӣ).
74. Муҳаммадҷони Шакурии Бухорой. Сарчашмаи муҳимми илмӣ. (аз китоби Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо.
75. Абдураҳмон Маҳмадов. Ҳоҷӣ Муҳаммадҳусайни Хатлонӣ дар масири арзишҳои динию фарҳангӣ//Садои Шарқ. – Душанбе, 2008, №9.
76. Шукуров Г. Таҳаввули забони адабии тоҷик дар даврони Истиқлол. Рисола барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2007, №1421.

## МУНДАРИҶА

Зиндагиномаи мухтасари шоир .............................................. 3
Фасле тааммул бар сухани Ҳоҷӣ Ҳусайн ................................ 6
Арзиши сухан аз нигоҳи Ҳоҷӣ Ҳусайн................................ 13
Фотеҳи маъдани ниҳон......................................................... 18
Ҷойгоҳи сухан дар фарохнои андешаи шоир....................... 26
Мурооти меъёр дар корбурди вожаҳои муқтабас................ 39
Сухани Ҳоҷӣ Ҳусайн ва «Фарҳанги забони тоҷикӣ» .......... 44
Эҳёи вожаҳо дар даврони Истиқлоли
Ҷумҳурии Тоҷикистон......................................................... 50
Шеваи вожасозии Ҳоҷӣ Ҳусайн ........................................... 59
Пайнавиштҳо ...................................................................... 123

**Сулаймон Анварӣ**
**Хайруллоҳ Табаров**

**ҲОҶӢ ҲУСАЙН ВА АРЗИШИ СУХАН**

Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*

Ба матбаа 27.05.2013 супорида шуд.
Чопаш 04.06.2013 ба имзо расид. Андоза 60x84 1/16.
Ҷузъи чопӣ 8,0. Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 17а

Дар матбааи ҶДММ «Аржанг» ба табъ расидааст.